**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 891. 550**

**ТКБ 83. 3 Тоҷ**

**М – 94**

**МУҲАММАДОХИРОВА ҲАНИФАМО ИБРОҲИМОВНА**

# ХУСУСИЯТҲОИ ҒОЯВӢ ВА БАДЕИИ НАСРИ СОРБОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

**Диссертатсия**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Набиев Абдухолиқ Мирзоевич**

**Душанбе - 2024**

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....................................................................................3-6
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.............................................................6-11
БОБИ I. ВЕЖАГИҲОИ МАВЗУӢ ВА ҒОЯВИИ ЭҶОДИЁТИ СОРБОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ.........................................................................12-79
1.1. Вежагиҳои мавзуи ахлоқ ва иҷтимоиёт дар осори Сорбон...............12-35
1.2. Инъикоси ҳаёти ҳамзамонон дар асарҳои нависанда........................36-63
1.3. Тасвири симои зани тоҷик дар осори Сорбон...................................64-79
БОБИ II. БОЗТОБИ ТАЪРИХИ КИШВАР ДАР ЭҶОДИЁТИ СОРБОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ...................................................................80-131
2.1.Ҳунари нависандагии Сорбон дар инъикоси таърих........................80-101
2.2.Баррасии мавзуи ҷанг дар осори Сорбон.......................................102-114
2.3. Инъикоси воқеаҳои солҳои навадуми садаи XX дар асарҳои адиб.........................................................................................................115-131
БОБИ III. ВЕЖАГИҲОИ ҲУНАРИИ ЭҶОДИЁТИ СОРБОН ДАР ДАВРОНИ НАВ.........................................................................................132- 171
3.1. Вежагиҳои сабки Сорбон дар эҷоди новелла................................132-143
3.2. Тамсил ва рамз дар эҷодиёти нависанда.......................................144-154
3.3. Сабки баёни осори Сорбон..........................................................155-170
ХУЛОСА..........................................................................................171-173
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАИ ТАҲҚИҚ. 174
РӮИХАТИ АДАБИЁТ.......................................................................175-189
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ........190 192

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар охири солҳои ҳаштодуми садаи ХХ насри муосири тоҷикӣ аз лиҳози сохтору мундариҷа ва мазмуну муҳтаво ба дигаргуниҳои куллӣ дучор омад. Дар маркази таваҷҷуҳи адибон инсон, паҳлуҳои гуногуни хислату характер, ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти ӯ қарор гирифт. Офаридани характери сирф мусбат аҳаммияти худро гум карда, қаҳрамонҳо дар баробари муваффақиятҳо бисёр иштибоҳу хато содир карда, зиддияту задухӯрди миёни онҳо ба таври ҳаётӣ ва табиӣ ҳалли худро меёфт. Метавон гуфт, ки ин оғози инъикоси дарки худшиносию худогоҳӣ ва тасвири воқеаву ҳодисоте, ки бештар ҷанбаҳои миллӣ доштанд, гардида, ба тадриҷ он ба дарки ҳисси баланди тасвири мавзуоти истиқлолҷӯйӣ ва истиқлолхоҳӣ оварда расонд. Бо фаро расидани истиқлол ба адибон фазои озоди эҷодӣ фароҳам омад, адабиёт ҷанбаҳои миллӣ касб намуда, бештар таърих, фарҳанг, расму ойин ва асолати миллати тоҷикро инъикос мекард. Асарҳое, ки дар ин давра ба вуҷуд омадаанд, бештар баёнгари дарки асолати миллӣ гардида, дар хеш миллатдӯстӣ, эҳёи суннатҳои волову арзишманди ниёгон, таърихи пурфоҷиаи миллати моро таҷассум мекарданд.

Сорбон низ бо соҳибистиқлол гардидани кишвар боз ба мавзуву муҳтавои нав рӯ оварда, ба эҷоди асарҳои ҷолибе, ба мисли романҳои **«Достони писари Худо»** (2006), **«Зарафшон»** (1988-2007), **«Кадевар»** (2006), **«Росу» (**2009), **«Барзгар.Зуза»**(2017), **«Шаҳрбону» (**2019) ва қиссаи нави **«Ҷӯгӣ»** (2011), қиссаҳои **«Спитамон» (**2019), **«Санам»** (2019), **«Забиба» (**2019), **«Оташкада» (**2019), **«Гӯрзод» (**2019), **«Ғори одамхор»** (2019), маҷмуаҳои ҳикояҳо таҳти унвони **«Пиндор»** (1995) ва **«Марди танҳо»** (2003), маҷмуаи ҳикояҳои хурди **«Мағзреза» (**2003) дар адабиёти навини тоҷик ҷойгоҳи волотареро касб намудааст.

Адиб дар осори хеш таърихи фоҷиабори халқ, симоҳои нотакрор, қаҳрамонҳои қавиирода, характерҳои барҷаста, манзараҳои хеле дилпазири табиати кӯҳистон, вазъиятҳои пуртазодду ихтилофангези ҳаёт, ҳиссиёти гуногуни ботини инсонҳоро бо забони нобу ширин, истифодаи калимаҳои

нодир, таъбирҳои пурмаъно, ибораҳои муҷазу рехтаи халқӣ ва зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ тасвир намудааст.

Сорбон дар эҷоди асарҳои таърихии калонҳаҷм ва қиссаҳои таърихӣ маҳорат ва ҳунари нигорандагии хоссе зоҳир намуда, асарҳоеро, ба мисли романҳои сеҷилдаи **«Зарафшон»**, **«Достони писари Худо»,** қиссаҳои **«Спитамон», «Оташкада»** эҷод намуд. Дар асарҳои мазкур таърихи халқу миллат, таърихи халқҳои мутамаддин на танҳо тасвир ёфтааст, балки воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ дар вобастагӣ бо ҳодисаву воқеаҳои замони муосир нишон дода шудаанд. Масалан, дар романи **«Достони писари Худо»** ноиттифоқӣ, ҷудоиандозӣ, парокандагии давлати Ҳахоманишиҳо, ки бо ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ барҳам хӯрд, ишора ба вазъу ҳолати ондавраинаи кишвар аст, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор буда, хатари нобудӣ сарзамини ворисони Ҳахоманишӣ ва Суғду Бохтарро таҳдид мекард. Яъне, воқеаву ҳодисаҳои на чандон дур дар тасвири воқеаву ҳодисаҳои таърихии халқу кишвар таъсиргузор мебошанд.

Асарҳои дар даврони истиқлол таълифнамудаи Сорбон таърих, фарҳанг, маънавиёт ва расму ойини мардуми моро инъикос карда, он зарурати таҳқиқи ҳаматарафаи осори индавраинаи адибро ба миён мегузоранд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Осори Сорбон, паҳлуҳои гуногуни он дар даврони истиқлол вобаста ба талаботи замони нав мавриди пажуҳиши ҳаматарафаи мунаққидоне, ба мисли А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Раҳмонов, А. Набавӣ, Н. Салимов, Ш. Солеҳов, М. Хоҷаева, К. Шукруллоҳӣ ва Х. Ҳошимова қарор гирифтаанд.

А. Сайфуллоев асарҳои дар ин айём эҷоднамудаи Сорбонро аз лиҳози мазмуну мундариҷа, сохтор ва забони баён муфассал таҳлилу баррасӣ намуда, ҳусн ва нуқсони ҳар якеро нишон додааст: «Нависанда ба умқи ҳаёти ҷомеа назари тоза меандозад ва мушкилиҳое пайдо мекунад, ки мавриди баррасӣ ва таҳқиқ мебошанд, образ ва характерҳое кашф мекунад, ки маҳсули замон ба шумор меоянд» [108, с.148].

Х. Шарифов дар бораи романи **«Барзгар»-и** Сорбон, ки дар фазои

озоди истиқлол иншо шуда буд, таҳти унвони «**Баррасии як романи Сорбон»** мақолае ифшо намуд, ки муваффақият ва камбудиҳои асари ба тозагӣ таълифнамудаи адибро муайян кард: «Роман ба монанди дигар асарҳои калонҳаҷми нависанда таркиби бисёр мураккаб дорад. Аксари ҳодисаҳо, шахсияти қаҳрамонон ба андозаи маънои мармуз ва тамсилӣ гирифтан вусъат ёфта, назари хосси ҳунарӣ ва консепсияи эҷодиро ба вуҷуд овroutinely варданд» [46, с.123].

Н. Салимӣ, ки яке аз пажуҳишгарони осори Сорбон аст, доир ба навиштаҳои ӯ мегӯяд: «Дар насри Сорбон фалсафаи ҳастӣ ағлаб дар сатҳи рӯзгори урфӣ баррасӣ мешавад ва мантиқи рафтору кирдори қаҳрамонҳо ва воқеабандии манзараҳои зиндагӣ дар зеҳни хонанда андешаву муҳокимаҳои доманадоре тавлид намуда, маънои фалсафӣ пайдо мекунад» [119, с.46].

Х. Асозода дар китоби худ «Таърихи адабиёти тоҷик дар садаи XX» осори Сорбонро холисона дорои руҳи қавӣ, шахсони тавонои таърихӣ, бо таҳкияи айнӣ, равонковии бадеӣ баҳо додааст: «...насри Сорбон адабиёти нави тоҷикро бо таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои тозаи замонавӣ ва таърихӣ, кашидани чеҳраҳои инсонҳои одӣ, вале баномус ғанӣ гардонид» [67, с.589].

Мунаққид А. Раҳмонов дар таҳқиқотҳои худ доир ба осори Сорбон мегӯяд: «Дар асарҳои нависанда масъалаҳои муҳимми ахлоқиву маънавӣ тасвир шуда, рӯзгори мардуми тоҷик дар давраҳои мухталиф таҷассум ёфтаанд. Дар сабку услуби нависанда таровати забони зиндаи халқ эҳсос шуда, халқияти асарҳои ӯ ниҳоят қавӣ аст» [119, с.8].

А. Набавӣ яке аз пажуҳишгарони осори Сорбон буда, доир ба романи «Достони писари Худо»-и нависанда иброз менамояд, ки ӯ «...ба рағми суннати «Искандарнома»-нависӣ...ба мавзуи мазкур таҷдиди назар мекунад. Сорбон насри андешапарвари тоҷикро рангу тароват, руҳияи нав ва дарунмояи тоза бахшид» [94, с.231].

М. Хоҷаева дар китобаш «Масъалаҳои сабкшиносӣ» ба осори Сорбон низ муфассал назар карда, сабку ҳунари нигорандагии нависандаро баррасӣ карда, таваҷҷуҳи нависандаро ба ривоятҳову устураҳо, рамзҳову хобҳо аз ҷумлаи хусусияти услубии эҷодиёти ӯ номидааст. Ба андешаи Хоҷаева

«...истифодаи ин санъатҳо аз як тараф, барои пурзӯр кардани ғояи асар ва ҷанбаи бадеии он бошад, аз тарафи дигар, майли нависандаро ба як навъ оҳанги романтикии асроромез намоиш медиҳад» [126, с. 111].

Мунаққидон З. Ӯлмасова ва Д. Қаюмова низ доир ба паҳлуҳои эҷодии ин суханвар пажуҳишҳои назаррас анҷом дода, сабки вижа, ҳунари нигорандагии адибро нишон додаанд.

З. Ӯлмасова доир ба таърихнигорӣ ва таърихшиносии Сорбон чунин овардааст: «Нависанда натиҷа гирифт, ки ҳар қадар ба ин халқ ва кишвари ӯ ҳуҷуми аҷнабиён зиёд мегардид, вале ӯ дар пеши аҷнабиёни ғоратгар сари таъзим фуруд намеовард, балки бо қурбониҳои афзун бошад ҳам, кишвар ва шаъну шарафи худро дифоъ менамуд» [123, с. 125].

Аммо бо вуҷуди ин пажуҳишҳо ин нуктаро ҳатман бояд таъкид намуд, ки омӯзиш ва баррасии ин таҳқиқотҳо хулосаеро ба миён меорад, ки оид ба масъалаҳои гуногуни осори дар давраи истиқлол таълифнамудаи Сорбон таҳқиқоти алоҳида сурат нагирифтааст. Аз ин хотир, ҷанбаҳои осори индавраинаи адиб омӯзиши фарогиру ҳаматарафаро талаб мекунад. Мавзуи асосии таҳқиқоти мо низ вежагиҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар давраи истиқлоли кишвар таълифшудаи ӯ буда, барои омӯзиши насри муосир замина хоҳад гузошт.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи мавзуъҳои илмию таҳқиқии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва дар пайвастагӣ бо таҳия ва такмили барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ таълиф гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи аслии таҳқиқотро омӯзиши хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии эҷодиёти дар даврони истиқлол таълифшудаи Сорбон ташкил медиҳанд ва зимнан масоили назарӣ ва тафовутҳои сабкии насри нависанда, таснифоти осори адиб, ҳунари нигорандагӣ, характерофаринӣ, таъсирпазирии ӯ аз равиши реализм, дигар ҷанбаҳои ҳунарии нависанда, дарунмоя ва шахсиятҳои осори Сорбон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба ҳадафи аслӣ иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида шуд:

- баррасии осори Сорбон дар даврони истиқлоли кишвар аз ҷиҳати мавзуъ, моҳият, ғоя ва ҳунари нигорандагии он;

- муқаррар намудани нишонаҳои фарқкунандаи осори дар даврони истиқлол иншонамудаи адиб;

- таҳқиқи ҳунари нигорандагии адиб дар инъикоси ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ дар ин давра;

- таҳқиқи ҳунари нигорандагии адиб дар тасвири симои зани тоҷик дар замони нав;

- омӯзиши забони нависанда, баррасии нуктаҳои асосии сабки нигориш, эҷоди нависанда дар марҳилаи нави эҷодиёт;

- таҳқиқи вежагиҳои сохторӣ, мавзуӣ, рамзгароӣ дар осори дар давраи истиқлол эҷоднамудаи адиб;

- нишон додани нававарии Сорбон дар иншои ҳикояҳо, таълифи новелла.

**Объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ба сифати сарчашмаи асосии таълифи диссертатсия Куллиёти даҳҷилдаи адиб, ки бо таҳрири Салими Зарафшонфар соли 2009 ва ҷилди XI он, ки соли 2011 нашр шуд, истифода бурда шуд. Ҳамчунин, осори дар даврони истиқлол интишоргардидаи Сорбон-қиссаи нави **«Ҷӯгӣ»** (2017), маҷмуаи ҳикояҳои хурд **«Мағзреза»** (2013), маҷмуаҳои роману қиссаҳои **«Барзгар.Зуза»** (2017), **«Санам»** (2019), **«Шаҳрбону»** (2019) ба ҳайси сарчашма истифода шудаанд.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети пажуҳишро масоили марбут ба мухтассоти мавзуӣ, мундариҷа ва ҳунари Сорбон дар даврони истиқлол ташкил медиҳанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосҳои назарии таҳқиқ ба равишу усулҳои пажуҳишии олимони ватанӣ, ба мисли М. Шукуров, Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода, Р. Амонов, С. Табаров, Р. Мусулмониён, Х. Асозода, Ҷ. Бақозода, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, А. Набавӣ, А. Абдуманнонов, А. Раҳмонов, Н. Салимӣ, М. Мирзоюнус, Ш. Солеҳов, З. Ӯлмасова, Х. Ҳошимова ва

мунаққидони рус Бахтин М.М., Белинский В.Г., Нефедов Н.Т., Гиршман М.М., Головенченко Ф.М., Поспелов Г.Н., Рейзов Б.Т. такя мекунад.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар рисола бо дарназардошти таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни осори Сорбон дар даврони истиқлол вобаста ба масъалагузории мушаххас аз методҳои таҳлилӣ, истидлолӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили сохтории матни адабӣ, таҳлили сабкшинохтии матни адабӣ, таҳлили мундариҷавии матни адабӣ ва оморӣ истифода шудааст.

**Нововарии илмии таҳқиқ.** Диссертатсия аввалин пажуҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти мухтассот ва вежагиҳои осори Сорбон дар даврони истиқлол аст. Дар ин таҳқиқ бори аввал инҳирофоти фардии Сорбон аз равиши эҷодии реализми танқидӣ бо далел ва мушаххас нишон дода шудааст. Таҳқиқи мазкур бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик осори нависандаро дар даврони нав, ки аз 9 - роман, 7 - қисса, 1- асари ёддоштӣ- **«Лоиқнома»**, 2-маҷмуаи ҳикоя, 1-маҷмуаи ҳикояҳои хурд иборат аст, бо таваҷҷуҳ ба сабки фардӣ ва равишҳои эҷодии ӯ дар даврони истиқлол вежагиҳои мавзуъ, мундариҷа, ҳунари нигорандагии адиб, забони баён ва услуби нависанда дар марҳалаи нави эҷодиёт фаро мегирад.

Дар баробари ин, тафовутҳои сабкии ҳикояҳои хурди нависанда аз маҷмуаи «Мағзреза», ба мисли «Кӯрофтоб», «Русбачча», «Айби дандони фитода», «Чапағай», «Бистари марг», «Бӯйи ватан», «Занмурда», «Рӯ ба рӯи гӯристон», «Гурги мода», «Шоҳидони дузд» мавриди пажуҳиш қарор гирифтанд, ки дар нақди адабӣ собиқа надоштааст.

Ҳамчунин, забони осор, сабки баёни нависанда, ки омӯзиши он аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ дорад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Сорбон дар даврони истиқлол ба таърихи халқҳои мутамаддин, ба мисли романи **«Достони писари Худо»**, қиссаи **«Оташкада»** ва таърихи миллат, ба мисли романи сеҷилдаи **«Зарафшон»**, қиссаи **«Спитамон»** рӯ оварда, ҳодисаву воқеаҳо ва симоҳои шахсиятҳои таърихиро, ба мисли

ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба давлати Ҳохоманишиҳо, муборизаи беамони Спитамони мубориз, чеҳраҳои шоҳони Ҳахоманишӣ ва заволи ин империяи бузург таҳлили бадеӣ намуд.

2. Сорбон дар замони нав ба офаридани образи зани тоҷик боз ҳам бештар рӯ оварда, хусусиятҳои миллии ӯро, ба мисли симои Шарифа аз романи **«Шарифа»**, Саида аз ҳикояи **«Табари хунолуд»**, Гулсимо аз ҳикояи **«Гови Мир»** мушаххастар тасвир кард.

3. Аслан, Сорбон ҳанӯз аз солҳои аввали эҷодиёт ҳангоми таълифи осори худ ба калимаву таркибҳои маҳаллӣ зиёд рӯ меовард, аммо дар замони истиқлол забони ӯ бештар суфта шуд. Истифодаи вожаҳои камистеъмол, калимаҳое, ки дар аксари минтақаҳои кишвар ва маҳалҳои тоҷикнишини кишварҳои дигар маълум ва маъмуланд, ба мисли вожаи ҷафидан, ғиҷоба, олуғда, фичондан-хабарро расондан, торатшиканӣ-таҳоратшиканӣ ба забони адабӣ ворид кард. Инчунин, як вижагии сабки баёни Сорбон ин калимасозии ӯст, ки дар осори нависанда мушоҳида мешавад. Масалан, ӯ дар радифи вожаи *ширполо* калимаи *фикрполоро* месозад, ки дар матн, дар романи **«Ниёз-кончӣ»** хеле мувофиқ омадааст.

4. Ғайр аз ин, сабки Сорбон бештар ҳунаритар ва пурғановат гардида, дар матни осори ӯ рамзу тамсил ба назар мерасидагӣ шуд. Истифодаи фаровони рамзу тамсил ва осори тамсилӣ, ба мисли романи **«Росу»**, қиссаи «Шерпаланг», ҳикояҳои **«Шер», «Вафодор», «Аз ҳама хурд», «Майна»** ва **«Шер ва дигарон»** ҷонварон буда, эҷодиёти адибро рангинтар ва ғанитар гардонида, ба осори ӯ тамомият мебахшад.

5. Сорбон дар адабиёти навини тоҷик бо навиштани резаҳикоя ё новелла анъанаи ҳикоянависии адибони гузаштаи адабиёти моро эҳё намуда, ба ин жанр шакл, мазмун, муҳтавои нав бахшида, бо ин дар адабиёти муосир, дар насри муосири тоҷик падидаи наве ба вуҷуд овард.

6. Сорбон дар ин давра бештар ба характерофаринӣ, симоофарӣ таваҷҷуҳ намуда, характерҳои ҷолиб, симоҳои равшан ва барҷаста, ба мисли Барзгар аз романи **«Барзгар», Шубон аз романи «Зуза»,** Бесус аз романи **«Достони писари Худо»,** Розия ва Армон, Мироби маъюб аз романи

**«Тангно»,** Спитамон аз қиссаи **«Спитамон»**, Саида аз ҳикояи **«Табари хунолуд»,** Гулсимо аз ҳикояи **«Гови Мир»** тасвир намудааст.

**Арзиши назарӣ ва амалии рисоларо** таҳқиқи масоили адабиёти муосир, алалхусус, насри имрӯзи тоҷик муайян мекунанд. Пажуҳиши мазкур ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, бахши адабиёти муосир, таълифи корҳои курсӣ ва корҳои дипломию рисолаҳои хатм, таълими дарсҳои адабиёти муосири тоҷик метавонад истифода шавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия «**Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон**» ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва муҳтавои он ба тартиби таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, комилан мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Мо (муаллиф) дар раванди таълифи диссертатсия ҳангоми баррасии масъалаҳои назарӣ ва амалӣ маводи илмии марбути мавзуъро шахсан ҷамъоварӣ намуда, ба низоми муайян даровარда, онҳоро бастабандӣ ва аз лиҳози мундариҷа, ғоя ва ҳунари нигорандагии адиб таҳқиқ намудем. Ғайр аз ин, дар таҳқиқ мақолаҳои илмии интишоргардида ва гузоришҳои илмии ҳамоишҳои илмиро метавон аз саҳми шахсӣ ба шумор овард.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 29.03.2024, суратҷаласаи №3 мавриди муҳокима қарор гирифта, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар гузориш ва маърузаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар Конференсияи байналмилалии илмии «Муштаракоти таърихиву фарҳангӣ ва робитаҳои иқтисодию фарҳангии халқи тоҷик дар кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик дар мавзуи “Тасвири робитаҳои муштараки

давлатҳои ҳамҷавор дар осори Сорбон” (Душанбе: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. 25. 05. 2023) ва Конфренсияи байналмилалии 8-уми Шурои олимони ҷавони АМИТ таҳти унвони «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология» дар мавзуи “Тасвири симои ҷавонони боистеъдоду шуҷоатманд дар осори Сорбон” (Душанбе, 26. 05. 2023) ва конфронсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба рӯзи илми тоҷик «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон (солҳои 2023-2027), «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф (солҳои 2020-2040) ва 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ (15-21.04.2023) дар мавзуи “Тасвири воқеаҳои ақибгоҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳикояҳои Сорбон” (Душанбе, 2023) инъикос гардидааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 16 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла, 8 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола, дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар чопшуда инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 192 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

# БОБИ I
# ВЕЖАГИҲОИ МАВЗУӢ ВА ҒОЯВИИ ЭҶОДИЁТИ СОРБОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ
## 1.1.Вежагиҳои мавзуи ахлоқ ва иҷтимоиёт дар осори Сорбон

Мавзуи ахлоқ дар фарҳанг ва адабиёти тоҷик таърихи куҳан дошта, ҳанӯз аз давраи қадим таваҷҷуҳи аҳли илму адабро ба худ кашидааст. Ҳанӯз қабл аз Абуабдуллои Рӯдакӣ дар осори давраи қадим ва миёна асарҳое, ба мисли **«Пандномаи Бузургмеҳр», «Минуи хирад»** таълиф шудаанд, ки далели ин гуфтаҳоянд. Доир ба адабиёти ҳазорсолаи миллии тоҷик, ки аз ашъори пандомӯзи Рӯдакӣ оғоз мегирад, ҳатто наметавон гуфт, ки ин мавзуъ зиёд баррасӣ шудааст, балки бо қатъият иброз метавон кард, ки ин адабиёти оламшумул саросар аз ашъори ба мавзуи ахлоқ бахшидашудаи адибон иборат буда, маҳаки асосии онро мавзуи мазкур дар бар мегирад.

Сорбон низ ҳамчун намояндаи адабиёти пандомӯзтарини башар ҳанӯз аз давраи аввали эҷодиёт дар ҳикояҳои худ **«Панҷ сол», «Оташбасар», «Рӯйи харошида», «Сурати нотамом» «Хокистари ишқ», «Хонаи ишқ»** ва ғайра мавзуи ахлоқ, тамоюли ахлоқӣ, ахлоқи иҷтимоӣ хеле зиёд баррасӣ кардааст. Дар даврони нав нависанда бо истифода аз нафаси тозаи истиқлол, майдони васеи эҷодӣ ба мавзуи мазкур рӯ оварда, пайи ҳам асарҳои нав ба нав эҷод кард. Ин марҳилаи эҷодиёт бо инъикоси оҳангу мазмуни нави ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихии мардуми кишвар муаллифро бори дигар чун нависандаи хушсалиқа ва таҷрибаандӯхта дар адабиёти тоҷик шиносонд. Дар ҳикояи **«Ҷиян»** муаллиф аз забони қаҳрамони марказӣ-Мирзои наврас хотироти айёми наврасии ӯро дар манзари хонанда мегузорад, ки сабақи якумрии зиндагии ӯ шудааст. Тавассути муносибати модари Мирзо ба ҳодисаи нахӯддуздии писараш аз хирман, пеш аз ҳама, муносибати одам он ба зуҳуроти ихтилофангези иҷтимоии давр тасвир ёфта, ҷанбаҳои миллии мо дар вобастагӣ ба замон рӯнамоӣ шудааст. Модари Мирзо симои занони тақводору худотарс ва бошарафу баиффати рустоии кӯҳистон аст, ки дарахти имону эътиқодаш аз замони дури туфулият, зери

мафҳумҳои «уболу савоб», ки фалсафаи бағоят амиқеро дар худ ғунҷоиш додаанд, сабзидааст. Модар баъди огоҳӣ аз кори писар ӯро зиёд ҷангу сарзаниш намекунад, аслан ҳарфи зиёд намегӯяд, ки ҳатто писараки навраси гунаҳкор ҳолати руҳии модарро намефаҳмад, аммо рафтори модар сабақи якумрае барои фарзанд мегардад: «-Ин тараф гардон,-роҳи хонаамонро гум кардагӣ барин гуфт модар, гоҳе ки миёни деҳаро убур мекардем.

- Роҳи хонаамон рост -ку, оча?

- Акнун роҳи хонаро гум мекунӣ.

Баданам ларзид.

- Медонӣ, ту чӣ кор кардӣ?!»[43, с.242].

Ҳамин оҳангу зарби ҷумлаи «акнун роҳи хонаро гум мекунӣ» [43, с.242]. худ таҷассумгари характери қавии занест, ки ҳатто дар лаҳзаҳои басо ҳассоси даврони баъди ҷанг аз даст ба луқмаи ҳаром дароз кардан ор мекунад ва муҳимтар аз ин, фарзандро низ аз ҳаромхӯрӣ ва ҳаққимардумхӯрӣ якумр нигоҳ медорад.

Дар ҳикояи **«Пули заррин»** хислатҳои бади инсонӣ-судхӯрӣ ва мумсикӣ, фиребу найранг тасвир шудааст, ки мавзуи мазкур дар адабиёти мо аз ҳама беҳтар дар повести **«Марги судхӯр»**-и Садриддин Айнӣ пайгирӣ шуда буд. Қаҳрамони ҳикояи **«Пули заррин»**-Алибекбой, ки дар умри хеш танҳо барои зиёд кардани мол сарф кардааст, ба Қорӣ-Ишкамбаи **«Марги судхӯр»** шабоҳати зиёде дорад. Хонаи туйдорро наёфта, худро дар кӯча чор тараф зада, пурсуҷӯ кардани Алибекбой ва билохира аз оши туй маҳрум шудани ӯ ҳарисиву баднафсии қаҳрамонро нишон дода, манзараи бедаъват ва бо дасти ношуста ба оши ҳарифона ҳамроҳ шудани Қорӣ-Ишкамбаро ба ёд меорад. Қаҳрамони ҳикояи **«Пули заррин»** аз талаф шудани молаш, аз ғами бузу гӯсфандони гургон пора-пора карда, мисли қаҳрамони **«Марги судхӯр»** дилкаф нашавад ҳам, чашмонаш хираву обравон мешаванд: «Ӯ сари мурдаи гӯсфанди посафед нишаста, гургвор уллос кашид» [35, с.95]. Ин марди доро бо вуҷуди ин қадар молу сарват, ҳатто калӯши дуруст дар по надорад: «…калӯши таксуфтааш ба ақиб лағжида имконият намедод, ки бой хезад» [35, с.96].

Албатта, муҳити деҳаи даврони колхозӣ аз муҳити тангу тор ва судхӯрпарвари аморати Бухоро аз замин то осмон тафовут дошт. Худи Алибекбой низ аз замони хеш таассуф хӯрда изҳор мекунад: «…замона дигар, бою бойдориро намепарварад. Афсӯс, ки ӯ аз болои Ҷӯра-чатоқ ба ҷое арз карда наметавонад» [35, с.74].

Бойи ҳарис ва судхӯр аз зиндаҳо чизе рӯёнда натавонад, аз мурдаҳо фоида гирифтан мехоҳад. Ҳар касе, ки дар деҳа мефавтад, ё бемори вазнин мешавад, ӯ ба мурдахона ё хонаи шахси бемор ҳозир шуда, «қарздор» будани мурда ё беморро таъкид мекунад. Баъди хок кардани мурда ё фавтидани бемор ӯ қарзашро аз наздикони майит пурсида, ба ивази қарзи набуда, молеро аз хонаи ӯ мерабояд. Тасвири кинояомез ва пурҳаҷви ба хонаи Бошукури бемор «қарзпурсӣ» рафтани ӯ ва дар беморхона сиҳат шуда, ба хонааш баргаштан ва бо Алибекбой рӯ ба рӯ шудани Бошукур, ҳодисаи «қарзи» Усто Раҷаб ва гови ӯро рабудани Алибекбой ва ба талаби говаш омадани зани Усто, ҷангу ҷанҷоли зани Усто Раҷаб чеҳраи аслии бойро ошкор мекунад:

«-… Ман шумо занҳоро медонам, як шаб, ки бемард мондед, чашмонатонро хун мегирад. Ё омадӣ, ки бой ба болои занаш…а? Миёни ҳардуямон, ё ягон чизи дигар мехоҳӣ?

- Говамро мехоҳам…

Зани бой ба гап даромад:

Хуҳарам, ҳамин обрӯят ҳам бад не. Шукр кун, ки ҳамсояҳо нафаҳмиданд. Набошад, расво мешудӣ. Хуҳарам, айб аст, ки зан нимишабӣ ба хонаи марде биёяд. Ин чизро мардҳо мекунанд.

- Қанчиқи ҳаром. Ман пеши шӯйи ту хоб рафтанӣ наомадаам. Говро барор…

- …маълум, ки ба шӯят чӣ муносибат доштаӣ

- Ана ин хел муносибат доштам!

- Вой дод! Ҳамсояҳо ёрӣ диҳад!–ба зарбаҳои асои зан тоб наоварда дод мезад зани бой»[35, с.82].

Ҳамсари бой, Ойимхон низ мисли ӯ мумсик ва «занаки бағиём» аст, ки мақоли «кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз»-ро ба ёд меорад. Дар саҳнаи барои Ҷӯра-чатоқ дастурхон овардани зан симои образ бештар равшан мешавад: «Андарунаш бурдаҳои лочираи аз худоиҳо овардаи бой қоқ шуданд. Баъд дар як лаълӣ чормағзи кирмзада ва тутмавизи сиёҳ овард, дар як коса равғани зарди панҷсолаи ғиёмкардаи занак, ки маззааш забону гулӯро месӯзонд, дар байни лаълӣ буд» [35, с.73].

Дар ҳикояҳои **«Хонаи нав»** ва **«Борони бало»,** ки нависанда масъалаи ахлоқи иҷтимоиро ба миён гузоштааст, мубориза ва талоши инсонҳои нек натиҷаи дилхоҳ дода, хонанда тантанаи адолатро мушоҳида мекунад. Қаҳрамони марказии ҳикояи **«Хонаи нав»** Ёрмуҳаммади аробакаш, марди фурӯтан ва меҳнатӣ ба хиёнати ҳамсараш раиси деҳшуро-Ҷавлон, ки ӯро ба бригадир-Назир, марди дорои мансаб ва ҷоҳу ҷалол иваз кардааст, дучор меояд: «…Ман барои ӯ... Аз шавҳарам ҷудо шудам. Аз ту бӯи асп меояд. Аз ин гуфта худам шарм мекунам» [35, с.55].

Дар ҳикояи **«Хонаи нав»** муаллиф дар кушодани гиреҳи ҳодисаву воқеаҳо, чеҳранигорӣ, портретсозӣ ва намои симои қаҳрамонҳо бештар аз муколама истифода бурдааст. Гуфтугӯи қаҳрамонҳо Ҷавлону Назир, ҳамсари Назир-Муаттар бо шавҳари хиёнаткораш, писари Назиру Муаттар-Кабир бо модаркалони бадкораш чеҳранамо буда, тарзи тасвири муколама, воситаи баён, таъкиди мавзуъ ва ошкор кардани хислату характер ва сирату сиришти симоҳои мазкур мебошад: «- Тоқатам тоқ шуд, ман дигар ин хел зиндагӣ карда наметавонам.

- Чӣ хел?

- Зани аробакаш.

- То ин вақт зани аробакаш будӣ - ку?

- Ёрмуҳаммад тоқат наоварда ба мӯйи гирди сар печонидаи ӯ чанг зад ва як торсакӣ ба баногӯшаш фароварду аз дарвоза баромада рафт»[35, с.53].

Зан шавҳарро бе ҳеҷ сабаб беэҳтиромӣ ва ҳатто таҳқир намуда, бо рафтору гуфтори ношоям ғазаби ӯро меорад. Баръакси ошиқаш-Назир, ки ҳамсараш-Муаттарро девона мебарорад, дар рафтору гуфтори Ёрмуҳаммади

аробакаш нисбат ба ҳамсараш ҳеҷ носипосиву беқадрӣ мушоҳида намешавад.

Ҳар қадар зан ба ботини марди ошиқи худ дақиқтар назар медӯзад, дилаш аз ӯ бештар сард гардида, хатои худро амиқтар дарк намуда, ба қадри шавҳари собиқи худ мерасад. Муомилаи Назир бо ҳамсараш Муаттар Ҷавлонро тамоман аз ин марди худхоҳ дилсард мегардонад. Дарки хатову иштибоҳ дар ниҳоди ин зани ҷавон хайрхоҳӣ ва инсонгарӣ ба вуҷуд оварда, ӯро ба сӯйи корҳои нек раҳнамун месозад: «Бовар кунед, аллакай чанд оиларо муросо кунондам» [35, с.69].

Симои воқеии Назир, дилсиёҳӣ, тинати нопоки ӯ бо амали манфураш, ки худ иқрор мешавад, бештар ошкор мегардад: «Бо баҳонаи девонагӣ аз занам халос мешавам» [35, с.65].

Аммо баръакси Назир, ки ба тақдири одамон, ҳатто наздикон бепарвост, Ҷавлонро хабари гум шудани писари Назиру Муаттар аввал ба азоби руҳӣ ва пасон бо қасди худкушӣ ба лаби рӯд меорад.

Агар дар ҳикояҳои **«Баҳодури каллабур» ва «Занмурда»** мардҳои таҳқирдида занҳои хиёнаткори худро бераҳмона ҷазо дода, қатл мекунанд, дар ҳикояи **«Хонаи нав»** ҷавонмардӣ ва олиҳимматии қаҳрамони асосӣ-Ёрмуҳаммад дар ҷавоби хиёнату таҳқир ва шаъни ӯро паст задани ҳамсараш Ҷавлон мардро ҳамчун як фарди бузург ва хирадманд, инсони шоистатар ва волотар аз Назир, ҳатто аз худи ҳамсари хиёнаткораш-Ҷавлон нишон дода, чеҳраи инсонии ӯро бештар равшан намуда, наҷобат мебахшад. Дар баробари рафтори зан олиҳимматии шавҳар, ба мисли зани хиёнаткорро наҷот додани Ёрмуҳаммад як навъ ҷазо ба зани хатокор низ ҳаст. Як эҳсоси ҳамдардии хайрхоҳона ва хориовари таассуфангезу орӣ аз муҳаббат ба ҳамсари хатокор, ки меҳру муҳаббати шавҳарро бо рафтори ношоиста маҳв намуд, мардро ба наҷоти Ҷавлон равона мекунад.

Бояд гуфт, ки хусусияти хосси эҷодиёт ва аз он ҷумла, ҳикояҳои нависанда ин таъкиди пирӯзии олиҳимматӣ бар пастфитратӣ, ҷавонмардӣ бар ноҷавонмардӣ, саховат бар мумсикӣ мебошад. Дар ин ҳикоя дар баробари таҳқиқи бадеии ахлоқи иҷтимоӣ, инчунин, дар маркази таваҷҷуҳ

меъёри арзиши инсон гузошта шудааст. Дар саҳнаи охирини ҳикоя талоши Ёрмуҳаммад баҳри наҷоти Ҷавлоне, ки ба ӯ хиёнат кард, гузаштан аз хатову иштибоҳоти ҳамдигар ва дасти меҳру шафқат сӯйи ҳам дубора дароз кардан нишон дода шудааст. Маълум нест, ки Ёрмуҳаммад Ҷавлонро дубора ба ҳамсарӣ мепазирад ё не, вале аён аст, ки аробакаш ҳеҷ гоҳ хоҳони марги зани хатокораш нест.

Ҷазои Ҷавлон-пушаймонии ӯ, беэҳтиромӣ ва беқадриҳои ошиқаш-Назир, пешниҳоди исқоти ҷанин кардани мард ба зан, қасди худкушӣ кардани зани хатокор сабки вежаи ҳикояҳои Сорбон аст, ки **қаҳрамонҳои манфӣ ҳамеша ҷазои сазовор мебинанд.**

Аммо қаҳрамони ҳикояи **«Баҳодури каллабур»** Усто Бобо хиёнати занашро шоҳид гардида, мисли Ёрмуҳаммад рафтор намекунад, зеро ҳар ду қаҳрамон дар зери омилҳои таъсирбахши замон ва ҷомеае, ки дар он зиндагӣ доранд, амал мекунанд. Ӯ сари ҳарду-зану хушдорашро аз тан ҷудо карда, роҳ ба сӯйи Бухоро пеш мегирад. Дар гузашта, хосса дар аморати Бухоро, ки зан эътибор ва эҳтиромро сазовор набуд, ҳар мард баъди он ки хиёнати занаш ошкор мешуд, ба ӯ ҷазои сахттаринро раво медид. Усто Бобои таҳсилдида, бофарҳанг ва бофазл чун як марди баору номус хиёнати ҳамсари хешро таҳаммул накард. Ин ҳодисаи нангин барои мард бадтар аз марг буда, бадномӣ ва беобрӯӣ меовард. Аз нигоҳи имрӯз ин ваҳшониятест, ки мард сари ғазаб содир кардааст. Ҳол он ки шавҳар метавонад, дар ин ҳолат занро талоқ дода, дигар бо ӯ зиндагӣ накарда, ҳамсари дигар ихтиёр кунад. Қаҳрамон, ки аслан инсони бераҳм ва хунхор нест, дар рӯ ба рӯйи ин ҳодиса барои нарехтани обрӯйи хеш гӯё дигар чорае намебинад, ҷуз он ки занро бо марди хушдораш қатл кунад: «Садои талху тунди зан баромад ва беҳуш афтид ба замин ва надид, ки шӯй чун сари хушдораш аз тан ҷудо кард. Хир-хири харнойро ҳам нашунид. Ва ҳатто надонист, ки сари худаш чӣ гуна ҷудо шуд аз тан…» [35, с.281].

Ӯ гуноҳи хешро дарк намуда, аз он, ки одам куштааст, даст ба хун олудааст, хеле ғамгин аст: «Инаш каллаи занам… Онаш…» Гуфта натавонист ва онҳо пай бурданд. Ва гирист…» [35, с.283]

Аз дилбардориву тасаллое, ки дӯстону ёронаш ба Усто Бобо мегӯянд, маълум мешавад, ки ин амали мард дар ҷавоби рафтори ношоистаи зан як амали саҳеҳу дуруст, муқаррарӣ ва ҳатто мардонагӣ дониста мешудааст: «Ҳамин қадар мардонагӣ кардӣ. Инак гиря мекунӣ?» [35, с.283].

Муаллиф дар ҳикояи **«Сафари хонакалон»** тавассути қаҳрамони марказӣ, ки дар андешаи ободкории ҷомеа, беҳтар кардани шароити зисти мардум, орзуи ба дашти Лагаргиф сарҷӯй канда, обшор кардани дашт аст, нақши инсонро дар ҷомеа ва таъсири ҳаёти иҷтимоиро дар сарнавишти инсон нишон додааст.

Қаҳрамон ба хотири ду мақсаду ният меҳнати тоқатфарсоро таҳаммул мекунад: хуни ноҳақи бисту се марди деҳи Сабағ, аз он ҷумла, бародарони Сафарро, ки дар Хирмани хунин гӯё босмачӣ ҳастанд, тирборон карда куштанд, шӯяд, дувум замини Лагаргифро обёрӣ сарсабзу шодоб гардонад. Ҷаҳду талош дар роҳи расидан ба ин мақсадҳо хислату хӯйи қаҳрамон, рафтору кирдор, фалсафаи зиндагии вайро куллан мекушояд.

Дар ҳикоя гоҳ воқеаҳо босуръат шиддат мегиранд, гоҳи дигар руҷуи пурэҳтироси Сафар бо аспаш Сиёҳмушкин, ки саҳифаҳои хотироти қаҳрамонро варақ мезанад, ҷойи онро мегирад. Нависанда аз забони ноқил гоҳ хислату рафтори қаҳрамонро дар талошу меҳнати таҳаммулнопазиру ҷонфарсо, гоҳи дигар афкору андеша, мулоҳизарониҳои беохири дили дардошнои ӯро дар манзари хонанда менамоёнад. Симои қаҳрамон, паҳлуҳои мухталифи характери ӯ дар рафтору кирдор, гуфтугӯйи Сафар бо наздикону пайвандон, ҳамдеҳаҳо, хосса бо Сиёҳмушкин, аҷиб аст, ки эҳсоси қаҳрамон нисбат ба аспаш танҳо аз муҳаббат ба ин ҷонвар набуда, қаҳрамон аспашро ҳурмату эҳтиром мекунад, равшан мешавад. Нависанда бо тасвири симои зоҳирии қаҳрамон хислату характери ӯро пурра ва мукаммал намудааст: «…пойҳояш рафидаи шутур барин, кафи дасташ мисли табақ, гӯшу биниаш ҳам калон; на харобу на фарбеҳ, шербас, сиёҳ - як андоза ба кӯҳҳои сӯхтаи диёраш монанд. Дар кор, дар зиндагӣ беқарор мисли Зарафшон, вале дар тамкин мисли кӯҳҳои вазнин» [35, с.103].

Ба андешаи муаллиф, ҷуссаи паҳлавононаи Сафар манбаи неруи маънавии ӯ барои иқдом намудан ба корҳои барои дигарон миёншикану тоқатфарсо, вале баробар ба қудрату тавонмандии паҳлавони мушкилнописанди Лагаргиф, ки дар айни ҳол ин амалҳо, ба мисли аз миёни кӯҳҳои сахтзамин сарҷӯй канда, ба дашти ташналаб об оварондан барои ӯ хеле муҳим буданд, аст. Маънавиёти ғанӣ, олами ботинии доимо банди андешаи қаҳрамон, ки дур аз ҳирсу ҷоҳ ва тамаъ аст, рафтору амали ибратомӯз ва ҳамеша созгор бо манфиати ҷомеа ва халқ бо ҷисми паҳлавонона мувофиқ инъикоси худро ёфтааст. Муаллиф бо ёди қиссаи пурфоҷиаи Хирмани хунин бори дигар ҳофизаи таърихии халқро тагурӯ карда, зангӯлаи ҳушдор ба ҷомеа, ба одамон мезанад, ки дар гузаштаи на чандон дуре бо дасисаву фитнаи чанд нохалаф фоҷиае, ба мисли фоҷиаи Хирман, ҳатто бадтар аз он такрор шуд ва боз хуни бегуноҳоне, ба мисли бародарони Сафар рехт. Қасди шустани нақши хун дар ин мавзеъ рамзи дурӣ аз он ҳаводис, аз он рӯзҳоро медиҳад.

Вале мавриди зикр аст, ки дар ҳикояи мазкур низ, мисли ҳикояҳои **«Кабӯтари сафед»** ва **«Лола»** норавшаниҳо, ба мисли аз хона беиҷозаи падар бо дилдодааш Ҳаким гурехтани духтари қадраси Сафар-Ҳалима мушоҳида мешавад. Муаллиф меорад, ки Сафар аз муҳаббати духтараш бо ҷавонмарди дастёру ҳамкораш Ҳаким огоҳӣ надошт, бинобар ин, ҳеҷ аксуламале наметавонист нишон диҳад. Аммо барои ин амали хиёнаткоронаи Ҳаким ва обрӯрезии Ҳалимаро маъние бахшидан ин тавзеҳ кофӣ нест. Рафтору кирдори Ҳалима шаҳодати он аст, ки духтар нисбат ба падари худ ҳисси эҳтироми тарсолуд дорад. Дар муносибати Ҳаким низ як эътимод ба ин марди қавипайкари обрӯманд аён мегардад. Пас ногаҳон ғайб задани ин ду дилдода чист? Нависандаро зарур буд, ба ин номафҳумиҳо тавзеҳи муносиб ёбад. Дар ҳикояи **«Лола»** низ асли таҳқиқи бадеии нависанда ва ҳадафи ӯ номаълум мондааст. Тасвири маҳзи ҳодиса, ба мисли қатли Лолаи нозанину покизадоман ва туҳмати бадномии ӯ бо Кабир, ки ӯ низ маҳз ба хотири шинохтани қотил қурбон мешавад, назари ибратбини нависандаро номаълум ва норавшан кардааст. Нависанда бояд дар баробари

тасвири беадолативу ҷабру зулм натиҷаи муборизаи некиву бадӣ, яъне инсонҳои некхоҳ ва бовиҷдону боинсофро дар муқобили пастфитратону нокасоне, ба мисли раис, ки боиси марг ва бадномии Лола ва Кабир шуд, нишон диҳад. Аммо дар ин ҳикоя, ки аз ҷиҳати сабку ҳунари бадеӣ, забони баён мукаммал аст, диди таҳқиқи бадеии нависанда, мақсаду ҳадафи ӯ норавшану номафҳум мондааст.

Дар ҳикояи **«Борони бало»** нависанда тавассути ҳодисаву воқеаҳо симоҳои неку зишт, хислатҳову характерҳои наҷиб ва манфури қаҳрамонҳоро инъикос месозад. Тасвири борони балохез, садои ваҳмовари раъд ва чароғакҳои мармузи барқ, ки воқеан бо ҳавои рӯзгори қаҳрамон-Орифаи фиребхӯрда созгоранд, аз туғёни руҳӣ, шиддати зиддиятҳои ихтилофангези ботинии ӯ далолат карда, аз ҳаводиси пурмуаммо ва қабоҳатангез огоҳ мекунанд. Анҷоми ҳикоя қатли Маннон, ки духтаракро фиреб додаву акнун мехоҳад, дар ҳамли ӯ бародари духтарро бадном созад, ҳукми боадолатона буда, он аз андешаву афкор ва хулосаи муаллиф маншаъ мегирад. Нафрати муаллиф ба Маннон, ки баробари қаҳрамон-Орифаи фиребхӯрда азияту ранҷ мекашад, бо ибораҳои Маннони зард, Маннони олуси нокас, Маннони мунофиқ баён меёбад. Пайдо шудани саги Калта, ки бо садоқату меҳрварзӣ ба дили духтар шӯре ангехта, ақли ӯро таҳрик мебахшад, қаҳрамонро водор месозад, сари рафтору кирдораш ҷиддан андешида, хулосаи амиқ ва дуруст барорад: «Орифа як лаҳза ба рафторҳои Калта гирифтор шуда, ғами худ ва корубори Маннонро аз сар дур кард...Гӯйӣ чунин меҳрубонӣ ӯро ба худ овард...Дилаш об шуду рехт зиёдтар аз борон ва кушода шуд чашми дил, ки бад на бародар, балки Маннон бувад» [43, с.293].

Орифае, ки дар чор сӯ монда, чӣ кор карданашро намедонад, бо ақли солим худро аз вартае, ки барояш Маннон омода кардааст, пас кашида, аз вобастагӣ, аз умеди пучи «бо ӯ ҳамхона шуданд» [43, с.293] раҳо мешавад.

Анҷоми ҳикоя тантанаи адолат ва ҳақиқатро на танҳо барои он ки Маннон аз дасти духтари фиребкардааш кушта мешавад, балки боз барои он ки Орифа ин амалро ба хотири нигаҳ доштани номи неки хонаводааш, номи

поки бародараш-Ғоиб анҷом медиҳад, нишон медиҳад: «...Орифа...баробари дурахшидани барқ дос ба гардани Маннон андохт. Бе пурсишу садо досро пас кашид» [43, с.294].

Дар анҷоми ҳикоя чароғак дигар мармузу ваҳмовар нест, зеро ҳама чиз, симоҳо, кирдорҳо мисли пайкари зери шуои чароғак дуздона ба ҳавлӣ воридшудаи Маннон ошкор шудааст. Нависанда барои амалӣ шудани нияти қаҳрамон ашёи одии рӯзгори русто досро дар душохаи дарахти себ меорад, ки воқеан табиӣ ба назар мерасад.

Қаҳрамони ҳикояи **«Фолбин»** Хумор, ки «бо барқи вуҷудаш дардмандонро дармон мебахшад» гӯё табиб аст. Вале аслан ӯ ба фолбинӣ ва сеҳргарӣ машғул буда, мехоҳад, бо ин роҳ ба мақсад расад. Ҳамсари Хумор Алӣ ҷавонмарди фиребхӯрдаест, ки ба ҳусни зани сабукфикру сабукпо мафтун шуда, ба «танаи анкабуд дармонд» [35, с.295]. Хумор зани зебост, вале ин ҳусни зоҳирӣ як василаи ба дом афтондани мардони серпулу сарватманд буда, зан баробари дилсард шудани шавҳараш ошиқи дигар меёбад. Рақси бешармонаи Хумор дар базми арусӣ бо он пироҳане, ки ними танашро намепӯшонд, пулҳои сомониву хориҷиро намоишкорона пошу барчош додани ӯ ва билохира дар мошини таркида нобуд шудани Алӣ, ки нависанда ишора мекунад, ки кори дасти ҳамсараш аст, болои гӯр риёкорона сиёҳ пӯшидану худро мотамгирифта вонамуд кардани ӯ ботини дар зери ҳусн пинҳони ин зани худком ва ишратпарастро нишон медиҳанд. Хоҳарони Алӣ Лутфу Санҷид, ки «ба ҷойи модар ин яккаписарро дӯст медоштанду навозиш мекарданд» [35, с.295], аз ӯ қассоси ягона бародарро мегиранд. Хумор аз тири дургир ба қатл мерасад.

Қаҳрамони ҳикояи **«Кӯшиш»**, ки мавзуи ахлоқ, сифатҳои пасттинатӣ, қаллобӣ ва фиребгарии инсонҳо баррасӣ шудааст, бачаи наврасест, ки шоҳиди ҳаромхорӣ ва қаллобии амаки Юсуф ва директори комбинат Боҳоҷӣ мегардад. Дар назари аввал ҳодисаи ҷиддие ба вуқуъ намеояд. Ҳама андешаву мулоҳизаҳои қаҳрамон, писарбачае аст, ки бо супориши падар говро гирифта, ба гӯштсупорӣ меравад. Вале он мулоҳизаву андешаҳо баробари дидани ҳавливу меҳмонхонаи боҳашаммати директори комбинати

гӯшт Боҳоҷӣ, манзараи ҳисоб кардани бандчаҳои беҳисоби пул ва ҷо ба ҷо кардани пулҳо дар лӯлаболишт ба сари қаҳрамон омада, дар шинохти инсон ва инсонгарӣ, ҳаққу ноҳақ, ҳаромхӯрӣ ва қаллобӣ ба ин бачаи наврас сабақомӯз мегарданд. Қаҳрамон аввал аз дидани меҳмонхонаи боҳашаммати директори комбинат дилаш кушода мешавад, аммо баъд ба хулоса меояд: «Ҳавливу ҳарами Боҳоҷӣ аввал диққатамро бурд, баъд ғашамро овард. Чӣ лозим ҳамаи ин карру фар?» [35, с.202].

Вале анҷоми ҳикоя мисли ҳикояҳои **«Лола», «Нури чӯпон»** хулосаи дуруст ва мантиқӣ надорад: Боҳоҷӣ барои «Калон» нашудани писари Қаландар, яъне садди роҳи ӯ шудан бо ду лӯлаболишти пури пул ба вилоят меравад, то давру даврони худро идома диҳад. Пас қаллобиву ҳаромхӯрии Боҳоҷӣ ва амаки Юсуф бемамоният идома меёбад. Ҳикоя бо ҷумлаи зер аз забони шахси аввал оғоз меёбад: «Ман он вақт кӯдак будам…» [35, с.194]. Аммо имрӯз, ки қаҳрамон марди бузург шудааст, хулосаи мантиқии ӯ аз он воқеа оварда нашудааст. Дар анҷоми ин ҳикояи воқеан хеле мароқангез натиҷаи амалҳои мардумфиребиву ҳаққимардумхӯрӣ ва қаллобиҳои амаки Юсуф ва Боҳоҷӣ нишон дода нашудааст.

Аммо дар ҳикояи **«Раис»**, ки қаҳрамонаш Ҳасанов Мустафо, ки раисии колхози овозадори «Сарсабз»-ро бар уҳда дошта, ба колхози Чорбоғ, ки «Мол нест, молхона нест, трактори соз нест, қувваи корӣ кам, ёр нест, мададгор нест. Номи колхоз ҳаст, худи колхоз нест» [35, с.321] раис интихоб мешавад, тантанаи адолат бар болои ҷаҳолат нишон дода шудааст. Ӯ роҳбари кордон ва марди ҳалолкору росткор буда, манфиати колхозро волотар аз суди хеш медонад. Бюрои райком низ маҳз ӯро бо ҳамин ҳадаф интихоб мекунад: Колхози «Чорбоғ»-ро низ мисли колхози «Сарсабз» сарсабзу ободод намояд. Вале раиси собиқ, ки колхозро ботамом талаву тороҷ карда буд, пайи ҳам ба райком омадани номаҳои беимзо низ кори ӯст, омадани ӯро намехоҳад. Ҳодисаи нохуши марги тракторрон Карим, ки аз беэҳтиётӣ бо трактор аз ҷар афтида мемирад, барои раиси собиқ баҳона мешавад, то ба сари Ҳасанов корд кашад: «- Дар ин кӯҳистони бекас куҷо донанд, ки туро кӣ кушт?

- Кӯҳистонро ту бекас гумон кардаӣ. Кӯҳистон бекас нест» [35, с.331]. Вале дар охир раиси собиқ бо дасти кашоли шикаста рӯ ба гурез меорад. Ду раис, яке талаву тороҷ карда, колхозро ба ҳоли харобе меорад, дуюмӣ як колхозро обод карда, пайи обод намудани колхози дигар аст. Ҳасанов, ки дар хонааш ба қавли одамони деҳа бӯрё ҳам надорад, мансабро василаи мол ғундоштан не, балки маҳз барои хизмати халқ соҳиб мешавад. Аммо собиқ раиси колхози «Чорбоғ» Ҳасанов, ки колхозро ботамом тороҷ карда буд, алами мансабу мақоми аз даст рафтаро аз раиси нав гирифтан мехоҳад. Нависанда дар симои ду раис, Ҳасанов ва раиси собиқ ду хислати ба ҳам муқобил, ду олами ба ҳам зид, муборизаи шадид ва рӯёрӯйи некиву бадиро тасвир карда, дар анҷоми ҳикоя пирӯзии некиро бар бадӣ нишон додааст.

Дар ҳикояи **«Мунда»** қаллобӣ ва маккории пиразани шастсолаи Садбарг, ки амонати Шерзод ном ҷавонро соҳиб шуда, аз ҳисоби ин халтаи пул хонаву ҳавлии боҳашаммат сохта, зиндагии бо карруфар доштан мехоҳад, тасвир шудааст. Аз ин асрор, аз халтаи пул, ҳатто наберааш Ятим, ки худи кампир бузург карда, ба воя расондааст, то замоне ки модари Шерзод амонати писарро кофта-кофта, меояд, огоҳ намешавад. Нависанда дар баёни тасвири хислатҳои маккорӣ ва фиребгарии зани солманд, ки гӯё аз миёни деворҳои хонаҳои кухна мероси гузаштагони худро ёфтааст ва барои гӯл задани худиву бегона дар хоначае анҷомҳои кухна: офтобаву обдастаи қадимаро ҷамъ меорад, бо оҳанги киноя ва ҳаҷв сухан гуфтааст. Аммо пиразани фиребгар ба мақсад намерасад, хонаву даре, ки бо пулу моли дигар кас бунёд кардааст, ба ӯ насиб намекунад. Набера хабар меорад, ки ҳавлии онҳо қатори ҳавлиҳои дигари кӯча дар нақшаи нави шаҳрсозӣ буда, онҳоро ба ҷойи дигар мекӯчонанд ва дар ҷойи манзили онҳо иморатҳои нав бунёд мекардаанд. Бо шунидани ин хабар кампир ҷон ба ҷаббор месупорад: «…Момо…момо…момо!!! Нигоҳи сарду сокити чашмони бози момо ба сақфи осорхона духта шуда буд» [35, с.305].

Сорбон ба адабиёт бо жанри ҳикоя ворид шуда бошад ҳам, жанри повест дар эҷодиёти ӯ мавқеи сазовор дорад. Ба қавли М. Шакурӣ, Сорбон ба эҷоди повест майл ва назари хосса дошта, «муваффақият ва камбудиҳояш

дар ин жанр бештар падидор» [134, с.160] мешуд. Ба қавли мавсуф мавзуи ахлоқи иҷтимоӣ, «таҳқиқи симои ахлоқии афроди ҷамъият, тамоюлоти асосии ахлоқӣ дар байни ҷавонон (на фақат ҷавонон), муборизаи шадиди дастурҳои ҳаётии зидди якдигар» [134, с.160] диққати адибони солҳои 70-80–и садаи XX, аз ҷумла Сорбонро ба худ кашида буд.
Мавзуи мазкур дар повестҳои **«Занги аввал», «Чархи эҳтиётӣ», «Қумрӣ»** бо ҳунари баланди нависандагӣ ва обуранги бадеӣ тасвир гардида, асарҳои мазкурро то имрӯз китоби рӯйимизии хонанда гардонидаанд.

Дар даврони истиқлол мавзуи ахлоқ ва иҷтимоиёт дар қиссаҳои Сорбон бештар инъикоси худро ёфта, бо муҳтаво ва сабки баёни тоза баррасӣ шудааст. Дар қиссаи **«Ғори одамхор»** низ Сорбон ба мавзуи ахлоқи иҷтимоӣ рӯ овардааст. Асар мисли қиссаи **«Гӯрзод»** қаҳрамон ва симоҳои зиёде надорад: Гул-модаре, ки фарзандро қурбони айши худ намуда, пасон дар ғори Гурезаҳо ашки дурӯғин мерезад, шавҳараш-Довар, ки номаш низ рамзист ва ба ин ҳодиса нуқтаи анҷом мегузорад, Ғунча-духтари Гулу Довар, Саидгулон-ошиқи Гул.

Гулу Саидгулон инсонҳои касифу олудадомане ҳастанд, ки барои айшу комгории яклаҳзаина аз ҳеҷ ҷинояту амали нораво рӯ намегардонанд. Онҳо ба хотири комҷӯйиҳои хеш атрофиёну наздиконро, ба мисли Ғунчаву Довар, якеро ба қатл мерасонанд, дигаре аз амалҳои зишти онон овораву ғариб мешавад. Гуфтугӯйи Гулу Саидгулон чеҳраи зишти зани бадкораро бештар аён месозад:

«- Чӣ хабар, Саидгулон?

- Ман ба ту хабарбару хабарбиёр нестам, занак! Кор тамом шуд. Дигар гирди кулбаат намегардам!

- Боракалло! Ҳамту, ки будаст, чаро нобудаш кардӣ?

- Ман нобуд накардаам, Гул. Ту хафаболишт кардӣ, ман гӯрондам» [47, с.205].

Ин гуфтугӯ нишон медиҳад, ки нависанда дар тасвири симои Саидгулон танҳо аз ранги сиёҳ истифода набурдааст. Яъне, дар сиришти ӯ каме ҳам бошад, ҳисси инсонгарӣ, одамгарӣ вуҷуд дорад. Ба ғори Гурезаҳо

омадан, баъди марги Ғунча робитаашро бо зан қатъ кардани Саидгулон аз пушаймонии ӯ дарак медиҳад, зеро мард худро дар фоҷиаи духтараки маъсум муқассир медонад. Натиҷаи рафтору кирдораш, ҳатто дер ҳам бошад, мардро ба андеша овардааст: «Сайидгулон омад ин бор. Ӯ мисли зан нагирист. Балки ниёише дошт:

«Худовандо! Бубахшам, ки хуни ноҳақ кардам!» [47, с.209].

Аммо Гул, ки худро назди додситон, назди мардум ба девонагӣ зада, гуноҳашро пӯшонидан мехоҳад, ҷасади духтарашро ҳам зери хок накард. Ба ҷазо маҳкум шудани қаҳрамонҳои манфӣ хулосаи ғоявии муаллифро оид ба ҳодисаи мавриди тасвир ифода менамояд. Дар қиссаи мазкур низ ҳукми нависанда ба кирдору рафтори қаҳрамонҳо ба мушоҳида мерасад:

Гул аз тарси ҷазо худро ба девонагӣ зада, ҷон мераҳонад, вале зиндагии ба девонагон ҳамсони ӯ, ки бадтар аз марг аст, подоши амали ҷиноии ӯст. Довар Саидгулонро дар ғор кушта, ҷасадашро дар паҳлуи ҷасади пӯсидаи Ғунча пинҳон мекунад. Муаллиф тавассути гуфтугӯйи пур аз баҳсу даъвои Ғунча бо модар симои ду қаҳрамони ба ҳам муқобил, дунёи ба ҳам зид ва пурихтилофи ҳар дуро ба мо равшан менамоёнад. Гул зани ишратпарастест, ки хатову иштибоҳи айёми ҷавонӣ низ ҳушёраш накардаанд ва ҳанӯз ҳам зиндагии касифу олуда дорад. Ӯ ҳатто бадахлоқии худро аз фарзанд пинҳон накарда, бо духтар аз боиси ин амали нангин бешармона пархош мекунад. Барои ӯ айши даргузар бо Саидгулон аз фарзанд азизтару гиромитар менамояд, ки фарзандро нобуд мекунад. Пушаймонии ӯ, ки баъди марги духтар рух медиҳад, дурӯғин аст. Саидгулон баъди кушта шудани Ғунча тамоман аз баҳри ӯ баромад. Яъне, ҳам ошиқ аз даст рафту ҳам духтар, он гоҳ пушаймон гардид, ки ин пушаймонӣ ашки тимсоҳро монад. Пушти ҷасади пӯсидаву баҳамрехтаи духтари хеш, ки Саидгулон даруни девор пинҳонаш карда буд, ашк рехтану оят хондани Гул, найрангу фиреби ӯ барои пинҳон доштани ҷинояти пурваҳшат симои занро бештар зишт ва пуркароҳат месозад. Ӯ бо ин макру фиреб ҳатто ҷасади духтарашро намегӯронад, бо ин ӯро аз имконияти одамвор гӯру ҷӯб кардан маҳрум месозад.

Ғунча симои духтараки маъсумест, ки бо амалу рафтори нангини модарашу Саидгулон муросо карда натавониста, қурбони ҳавасбозиҳову ишратҷӯиҳои онҳо шуд. Ӯ баробари чашми ақл кушодан шоҳиди амалҳои нангини модар гардида, бо ҳар роҳ мехоҳад, ба ин рафторҳои ношоистаи ӯ монеъ шавад:

«- Ғунча мегӯм!

Чӣ мегӯӣ?!

Мур мегӯм?!» [47, с.199].

Духтар дигар пушту паноҳе надошта, ягона шахси наздикаш модараш Гул аст, ба дастгирии падар, ки аз ҳастии духтар ҳатто огоҳ нест, наметавонад умед бандад. Довар, ки гӯё дигар таҳаммули аруси доманбохтаро надорад, тарки манзилу диёр менамояд, дар сарнавишти фоҷиабори духтар, ки аз ҳастиаш огоҳ буд, гунаҳкор аст. Бамаврид аст, агар бигӯем, ки ӯ ба падари Ғунча буданаш шубҳа дошт, аммо барои инро аниқ кардан ҳатто кӯшише накард ва ба тақдири духтари маъсум бепарво ва бетараф гардид. Манзараи ҷасади пӯсидаи духтарашро пушти девори сангини ғор ёфтани Довар, ба ғори Гурезаҳо омадани Саидгулон ӯро барои ҳақ ба ҳақдор расонидан омода мекунад, зеро ин амал ҷинояткоронро бармало месозад. Ӯ замоне маъюсу руҳафтода шуда, аруси доманбохтаву зодгоҳашро аз ин алам бо ситеза тарк мекунад, аммо дар охир чун шахси тавоно ва баномус адолатро барқарор месозад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки беному нишон гум шудани духтараки наврас касеро безобита намекунад, ки ҳатто бозпурсҳову додситонҳо ҷиддан ҷустуҷӯяш намекунанд. Аммо нависанда маҳз тавассути симои Довар тантанаи адолатро нишон додааст: «Хун ба сараш зад, пеши чашмаш хира гашт, чӯби аз роҳи омад овардаро аз такяи девор гирифт ва нӯг-нӯги по бесадо омад. Аммо ларзи дасту по нагузошташ пештар равад, андар нимторикӣ бозистод, то шарфаи пой ё нафаси ноҷо ба гӯши духтаркуш расида асрор ҳувайдо насозад. Чӯбро дудаста дошта…ба сари Сайидгулон чӯб зад» [47, с.209].

Ҳукми муаллиф ҳукми одӣ, вале одилона буда, подоши кирдорҳои Саидгулон мебошад. Маҳз хатову гуноҳ ва бепарвоии дигарон, ба мисли

Довар, атрофиён, ҳамдеҳаҳо ҳаёти духтари маъсумро фоҷиабор гардонид. Дар асар симои касе аз атрофиён, наздикони қаҳрамонҳо мушоҳида намегардад. Дар як деҳаи калон касе аз атрофиён ба рафторҳои пасти қаҳрамонҳо аксуламале нишон намедиҳад, ки шубҳаовар менамояд.

Қиссаи **«Гӯрзод»** низ мавзуи ахлоқро дар бар гирифта, қаҳрамонҳо Марзияву шавҳараш Раиси Ораз, Савсани шавҳармурда ва шавҳари дувуми ӯ-Асрор мебошанд. Раис Ораз дар назари аввал як инсони хубу меҳрубон ва ҳалим бо ҳамсараш, ки фарзандонаш намезиянд, муносибати хубу нарм дошта, мекӯшад, чун шавҳари дилсӯз дили пурозорашро дубора озор нарасонад. Аммо муносибати Раис бо Савсан симои аслии ин образро ошкор намуда, қабоҳати рафтори ӯро нишон медиҳад. Барои Раис барин мардон зан арзиш надошта, танҳо мояи дилхушӣ асту бас.

Баръакси Орази раис Асрори хубу ростдил дар симои Савсани бахтшикаста зани ҳамқисмату дардошноро пайдо мекунад. Аммо рози бармалошуда муносибати зану шавҳари ҷавонро ботамом сард месозад. Аслан қаҳрамонҳои қиссаи мазкурро инсонҳои бадсиришт номидан хатост, вале дар ҳалли қазияи пешомада роҳи ҳалли барои хеш осону манфиатовари душворирро интихоб мекунанд. Рафторҳои ногувор ва баъзан ношоистаи онҳо, ба мисли тифли хешро напазируфтани Орази раис, кӯдаки навзодро ба гӯри кухна партофтани Савсан ва ин амалро дубора такрор кардани Марзия ҳаётӣ нишон дода шудааст.

Муаллиф дар бисёр маврид кӯшидааст, ба қаъри дили қаҳрамонҳо назар андохта, моро бо олами ботинӣ, бо шӯру ғалаён, ҳиссиёти мухталифу зиддиятнок, изтиробу ҳаяҷон, меҳру муҳаббат ва нафрату адовати онҳо ошно намояд, вале бо вуҷуди ин симои қаҳрамонҳо аз бисёр ҷиҳат, ба мисли паҳлуҳои гуногуни ҳаёти Оразу Асрор нокушода мондааст. Симои Ораз, ҳиссиёти ботинии ӯ нисбат ба писараш Гӯрзод, ба ҳамсараш Марзия ва ба Савсан ҳам норавшан ва номаълум аст. Маълум нест, ки шавҳари Савсан дар кадом ҷанг иштирок карда, беному нишон шудааст, ки ҳамсар ёздаҳ сол боз роҳи ӯро мепояд: «…шӯ аз ҷанг барнагашт. Чашминтизор. Ба шавҳар

намебароядд, ки Ҷаҳонгир бармегардад. Аз анҷоми ҷанг ёздаҳ сол гузашт, хатту хабар нест...» [48, с.178].

Агар манзури нависанда ҷанги дохили кишвар бошад, дар дохили мамлакат ба вуқуъ омад. Дар он сурат муаллиф мақсади хешро бо мафҳуми «барнагашт» не, балки «бедарак шуд» ва ё «беному нишон шуд» баён менамуд. Оҳанги баёни нависанда Ҷанги Бузурги Ватаниро нишон медиҳад, аммо замони ба сари қудрат омадани Ҷаббор Расулов, ки дар асар ишора мешавад, мисли дигар воқеаҳои асар ҳамчун аспсавор ба кор рафтани Раис, дар назди ҳавлӣ мағоза кушода, ба тиҷорат машғул шудани Савсан яке ба даврони баъдиҷангии шуравӣ ва дигаре ба замони ибтидои пасошуравӣ мувофиқ меоянд. М. Миршакар дар замони худ ба Сорбон эрод гирифта гуфта буд: «Агар дар асарҳои Сорбон калимаи «колхоз» набошад, нафаҳмӣ, ки асар дар кадом мамлакати дунё навишта шудааст» [119, с.383].

Ин танқиди адиби куҳансол аз дастуроти сиёсатмаобонаи замон манша мегирифт, ки он адибонро аз бисёр имкониятҳои тасвири бадеӣ маҳрум месохт. Мусаллам аст, ки дар асари бадеӣ моҳият, мавзуъ, мундариҷа, ҳунари нигорандагӣ, забони баён, тасвирҳои бадеӣ, устухонбандӣ, яъне сохти композитсионӣ аҳаммият дошта, ба ҳусну нуқсони он макон ва замони воқеаҳо, нажоду миллат, дину ойини қаҳрамон на чизе илова мекунанд ва на чизе кам мекунанд. Аммо номуайянии мутлақ дар тасвири макону замон низ дар асар мавҳумотро ба вуҷуд оварда, арзиши онро коста гардонида, онро ба афсонаву ривоят монанд месозад. Дар осори замони пасошуравии муаллиф ин тарзи нигоришро, ки замони воқеаву ҳодисаҳои асар маълум нест, дар қиссаи **«Гурзод»** мушоҳида мекунем.

Дар романҳои нависанда низ, ки аксар дар даврони нав таълиф шудаанд, мавзуи мазкур хеле зиёд инъикоси худро ёфтааст. Қаҳрамони романи **«Шаҳрбону»** Шаҳрбонуи ҷавон ба душвориҳои зиёди зиндагӣ, ба мисли доми фиреб ва макри марди ҳавасбоз, зиндагии пурфоҷиа, муҳаббати нопойдор, рӯзгори нобасомон, хиёнат, кор дар лаҳзаҳои ҳассос, ҷиноят ва ҷазо, носипосӣ рӯ ба рӯ мешавад. Сужа дар атрофи саргузашти ӯ, ки бо дили поку мусаффои ташнаи меҳр, нигоҳи зиндагисоз ва бо як ҷаҳон умед ба

пешвози муҳаббати хеш мешитобад, вале ба разолату қабоҳат ва фисқу фасод рӯ ба рӯ мешавад, ташаккул меёбад. Қаҳрамони содадил ва шаҳрӣ ба хотири муҳаббат ва ҳамхонаву ҳампаймон шудан бо Калонхон ва бо умеди беҳбуди рӯзгор дар кӯҳистони дур ба ҳама ранҷу азоб ва машаққатҳо, арбадаву маломатҳои модаршӯ, таҳқири падаршӯро сабру таҳаммул мекунад.

Дар асар симои ду модар тасвир шудааст, яке модари Шаҳрбону ва дувум модари Калонхон-Саломатхон, ки дорои хислатҳои ба ҳам зиданд. Модари Шаҳрбону зани мардсифат ва меҳнаткашест, ки баъд аз сари шавҳар фарзандонро бо машаққат худаш танҳо ба воя мерасонад. Дар ҷавоби ҳама хатои духтар, ки бе тую никоҳ тани хеш ба дилдодаи ҷиноятпеша бахшид, модар танҳо як ҳарф мегӯяд: «-Ҳамаро шарманда кардӣ, духтар» [48, с.35]. Ин аз таҳаммул ва хиради баланди ин зани хайрхоҳ ва ранҷдида гувоҳӣ дода, симои ӯро ошкор мекунад. Вале баръакс Саломатхон-модаршӯйи Шаҳрбону зани шаттоҳу ишратпараст ва арбадаҷӯ буда, муносибати ӯ бо шавҳар низ ҳамеша моҷароҷӯёна ва дур аз эҳтиром аст. Падари Калонхон-Саидакбар ё Найгӯш шахси ниҳоят фурӯмоя ва пастфитрат, беору номус ва фосиқу бадахлоқест, ки ҳеҷ муқаддасоте барои ӯ вуҷуд надошта, ба аруси писар низ бо чашми тамаъ ва комҷӯи назар медӯзад: «Арӯс дудаста ва ду пой ҷуфтак зада, ҳамроҳи кӯрпа падаршӯ дур андохтанӣ шуд, зӯр нарасид.

- Хез , дафъ шав!

Ман ҷонканӣ кардам, ки туро рафта биёрад. Вагарна ту ба кӣ даркор?» [48, с.48].

Табиист, ки бадахлоқии Калонхон аз тарбияи хонаводагии ӯ маншаъ гирифта, пастии ахлоқу маърифати ӯ аз пастии ахлоқи хонавода буда, дар ҷомеаи сардаргуми ба буҳрон гирифтор рушд кард, муҳити хонаводагӣ ва доираи муомилаю муошираташ мардро чун шахсияти бетарбия ба воя расонд.

Падари фосиқ ва модари беотифату доманолуда Калонхонро нашъаманд ва ҷиноятпеша тарбия намуданд. Модари меҳнатдӯсту

пуротифат Шаҳрбонуро инсони самимӣ ва дилсоф ба воя расонд, манзараи аз маоши худ барои шогирдон дафтару китоб харидани қаҳрамон далели ин гуфтаҳост. Модараруси кӯҳистонӣ тифли аруси «шаҳрӣ»-ро «ҳаромӣ» хонда, намехоҳад, ки назди мардум сархам шавад: «...фарзанд ба дунё ояд ҳам «ҳаромӣ» донанд; гӯйӣ: ба зино мурда, ҷаноза ҳам раво надонанд; шармандагӣ» [48, с.48].

Аммо сигоркашии ин зани гӯё суннатгаро назди писари баркамол ва шавҳар, ки ҳеч эътирозе ба ин амали ӯ надоранд, дар доираи ахлоқу фарҳанги мардуми кӯҳистон намеғунҷад, ғайритабиӣ ва сохта ба назар меояд. Баъдан, агар Саломатхон мисли занҳои аврупоӣ сигор мекашад, пас беникоҳ ба дунё омадани набера низ ӯро бояд ба таҳлука ва ташвиш наорад: «Саломатхон гӯгирд афрӯхта. Сигарет дуд кард. Бӯйи гӯгирду дуди сигарет фазойи хонаро гирифт» [48, с.57].

Аммо дар асар манзараҳое ҳастанд, ки симои қаҳрамони марказиро мекоҳонанд. Масалан, мо Шаҳрбонуро баъди ба ҷинояти одамкушӣ даст задани маҳбубаш низ сари масъалаи ишқу муҳаббати хеш ва дилдодаи бадахлоқ дар андешаи ҷиддӣ намебинем. Баръакс, ба хотири ӯ модари дасттанҳоро партофта, ба Вахш омадан ва тану нафисаи хешро ба ин ҷавони нашъаманд ва нашъакору нашъаҷаллоб осон бахшидани Шаҳрбону ӯро духтари бетаҳаммул ва беандешаву сабукфикр менамоёнад. Бешак, замоне ки қаҳрамон мезист, замони шикасти вазъи иҷтимоии ҷомеа боиси иваз шудани арзишҳо ва барҳамзаниҳои зиёде гардида, одамони зиёдеро саргуму раҳгум кард. Вале ин «раҳгумзаданҳо»-и қаҳрамон қариб то охири асар идома дошта, ҳамеша бо умеди пучу беасоси рӯзгори хушбахтона бо марди нашъаманд зиндагӣ мекунад.

Қаҳрамон аз омӯзгори ҷавоне, ки маоши аввалини худро сарфи китобу дафтари шогирдон намуда буд, «Намешавад, ки моҳонаи маро пешдод бикунед, то ман ба онҳо дафтару китоб бихарам?» [48, с.21], ба шахсе, ки қасди бади падаршӯро аз шавҳар пинҳон дошта, писараммаи бешарафро низ баъди ӯро таҳқир намудан боз бо эҳтиром «ако» хонда, худро беарзиш ва ба шарафу номуси инсонӣ бетафовут месозад, мубаддал гардида, эҳсоси

худшиносӣ, соҳибият бар зиндагии фардии худро тамоман аз даст медиҳад: «Агар писари амма девонавор ба духтар дарнамеафтод, ду рӯз ғайб намезад. Амма писари девонафеълро дуову сано кард...

- Худо чунин офаридааст ӯро, чӣ кор кунам?

Парво накунед, аммаҷон» [48, с.19].

Тавре ки дар боло ишора шуд, ҳамин «парво накунед, аммаҷон» [48, с.48] гуфтани духтар ӯро ба зане, ки шарафу номус барояш чандон арзише надошта, отифату иффатро муҳим намешуморад, монанд мекунад.

К. Шукруллоҳӣ дар мавриди эътирози амма ба муносибати Шаҳрбону бо Калонхон овардааст, ки дили қаҳрамонро «аз амма-нусхаи падар ва писари ӯ мононд» [138, с.141**]**.

Аммо бояд зикр кард, ки рафтори Шаҳрбону, ки ҳар рӯзи якшанбе бе шарҳ ғайб мезад ва аз дунболаш Калонхон барин шахси шубҳаовар то пушти дари «нусхаи падар» омад, дигар посухе надорад.

Тасвири вазъи ахлоқӣ ва равонии ин хонавода аз ҳад зишт омадааст. Бо он рафтору аъмоле, ки аҳли хонавода содир мекунанд, ба назар мерасад, ки ниёз ба дармонравонӣ доранд. Ба аруси писар дастдарозӣ кардани падаршӯ, дар туйи писар низ фосиқиҳои ин марди солманд бо меҳмондухтараки бадгард далели на танҳо ахлоқи паст ва бунмояи футуррафта, балки аз вазъи носолими равонии мард шаҳодат медиҳад. Дар асар симоҳое, ба мисли аммаи Шаҳрбону, писари амма, падару модари Калонхон, ёри маҳбасии Калонхон-Заранг мавҷуданд, ки хеле равшан ва барҷаста тасвир ёфта, дар нишон додани паҳлуҳои гуногуни характери қаҳрамони марказӣ ёрӣ мерасонанд.

Сабку услуби романи **«Кадевар»** аз дигар романҳои дар даврони истиқлол иншонамудаи Сорбон ба куллӣ фарқ дошта, онро метавон романи публитсистӣ-бадеӣ номид, зеро дар он унсурҳои жанри очерк зиёд ба мушоҳида мерасад. Тамоми асар қиссаи рӯзгори пурмоҷаро ва талху ширини марди ҳалолкору ростойин Абдуҳамид буда, он аз андешаву хаёлҳои кӯдаконаи писари қаҳрамон Абдухалили мактабхон, ки ба даврони шуравӣ рост меоянд, оғоз шуда, то солҳои ноором

ии кишвар, якеро ба қатл

расонидан, дигареро ба гаравгон гирифтани писарони баруманди ин мард-Ҳалиму Ҳакимро дар бар мегирад. Асарро аз рӯйи мазмун ва ҳатто сохту банду баст низ метавон ба ду қисмат тақсим кард: яке то замони шуравӣ, қисмати дувум баъди даврони шуравӣ, солҳои фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва замони ноороми ҳову даргириҳо дар кишвар.

Замони шуравӣ айёми рӯзгори пурмаҳсул ва нисбатан ороми Абдуҳамид буда, бо дастёрии фарзандон замини сангзору санглохро ба боғу бӯстон табдил дода, аз он ҳосил рӯёнидан, бисту панҷ сар гӯсфандро ба панҷсад сар гӯсфанд расонидани қаҳрамон сиришти ӯро ба хонанда аён месозад. Нотавонбиноне, ба мисли Облоқул ва Тайиб, ки аз Абдуҳамиди ростқору ростойин чизе рӯёнда наметавонанд, на ришва медиҳад, на ришвахор аст, бо туҳмату дасиса монеи кори ӯ шудан мехоҳанд. Ин қисмати асар бештар ба очерки иҷтимоӣ–маишӣ шабоҳат дорад, зеро симои қаҳрамонро нақли якмаром, вале самимии муаллиф равшан месозад.

Ба дарди дил гирифтор шудани қаҳрамон аз бурдбориву таҳаммулпазирии аз ҳад беши ӯст, ки дар муқобили ҳама ноҷавонмардиву бӯҳтону фитна ва мусибату фоҷиа бо меҳнат посух медиҳад. Ҳамсари қаҳрамон дар асар зиёд чеҳранамоӣ намекунад, вале дар ҳамин чанд манзара ҳамчун ҳамсари вафодору пуротифа ва роздону ҳолдон шинохта мешавад. Дар рӯ ба рӯйи ҳама қарор ва сухани шавҳар ӯ бо таҳаммулгароӣ ва сабрпазирӣ посухгӯст, ки ин аз эҳтироми баланди ӯ ба сарвари хонадон шаҳодат медиҳад. Эҳтироми зиёди фарзандон ба қиблагоҳи хеш низ аз эҳтироми модар ба шарики умр маншаъ мегирад, зеро тифлон ҳама чиро аз модар омӯзанд ва он чӣ дар оинаи зеҳни онон мунъакис гардад, онро такрор намоянд. Меҳнат барои қаҳрамон на танҳо василаи зист, кашидани бори рӯзгори зиндагист, балки рисолати инсонии хешро низ ӯ маҳз дар меҳнати ҳалол, ки натиҷаи он ба суди ҷомеа, мардум, беҳбудии рӯзгори ҳаммеҳанон равона шудааст, мебинад. Симои Абдуҳамид нахуст дар меҳнати ҷамъиятӣ бурдбор ва муваффақ ҷилвагар мешавад, ки аз рӯйи инсофу виҷдон заҳмат мекашад. Ӯ аз ҳеҷ касе тамаъ надошта, бо каҷравону ҳаромхороне, мисли Облоқулу Тайиб муросо карда наметавонад. Бо ин тоифа муқобилият

кардан, ба фишори сахту шадиди ин гурӯҳ тавони истодагарӣ пайдо кардан иродаи сангину мустаҳкамеро тақозо мекунад. Нависанда танҳо Абдуҳамиди меҳнатқарин ва корталаб, балки Абдуҳамиди пурматонат, бурдбор ва қавииродаро тасвир мекунад. Наҷобати Абдуҳамид дар он аст, ки замини санглохро ба замини корам мубаддал сохта, обшор менамояд, бисту панҷ сар моли хоҷагиро ба панҷсад сар мерасонад, аммо дар ситоиши кору пайкори хеш ҳарфе намегӯяд. Фарзандон, ки аз мактаби садоқату одамгарии падар гузаштаанд, бо қиблагоҳ пайванди сахт доранд, падар арзишмандтарин инсони рӯйи замин, муҳаррики чархи рӯзгори онҳост, ки бо ин фарди барояшон азиз орзуву ормонҳои онҳо пайванд мехӯрад. Абдуҳамид марди меҳнатӣ, поквиҷдон, ҳалолкору ростқавл буда, дар ҳар вазифае, ки кор мекунад, маҳбубияти тобеонашро соҳиб мегардад, дар меҳнати ҷамъиятӣ низ танҳо нест, ӯ ҳамсари ҳалим ва фарзандони зиёде дорад. Дар тоза кардан ва ба замини кишт мубаддал гардонидани санглох қаҳрамони **«Кадевар»** аз меҳнати фарзандон истифода мебарад. Қаҳрамон на танҳо аз ноҳақӣ, беинсофӣ ва қадрношиносиву туҳмат дар ҳаққи худ, балки ришвахориву ҳаққимардумхӯрии бадсириштони замон, ки беибо давлат, кишвар, халқро ғорат карда, меҳнати чандинсолаи дигаронро ба яғмо мебурданд, дарун-дарун ғусса мехӯрад. Ҳодисаи замини чарогоҳро рӯйрост оташ задани Тайиби ришвахор ва боз гуноҳро ба сари Абдуҳамиду фарзандонаш бор кардани ӯ аз футур рафтани низоми ҷомеа, ки ин ба Тайибу Облоқул барин ашхос бештар ҷуръат мебахшид, далолат мекунад. Абдуҳамид дар айёми фоҷиабору пурҳаводис ва фитнагарони ҳаққимардумхӯр чеҳраи инсонии хешро гум накарда, ба виҷдони худ, ба мардум, ба диёри худ содиқ мемонад. Ин хислати қаҳрамон ба мисли маҳбубият ёфтани Абдуҳамид миёни тобеонаш симои ӯро бештар равшан намуда, ба ӯ ҷолибият мебахшад.

Як нукта низ боиси зикр аст, ки мавқеъ ва мақоми муаллиф дар тамоми осори ӯ гоҳ равшан, гоҳ хира, гоҳ дар баробари қаҳрамонҳо, гоҳ дар алоҳидагӣ намудор мешавад. Мунаққиди рус Белинский В. Г. доир ба ин мавзуъ дар асараш **«Назаре ба адабиёти русии соли 1847»** андешаи худро

чунин баён намудааст: «Шахси (шахсият-М.Ҳ) Шекспир аз миёни асарҳояш бараъло намоён аст, агарчанде чунин ба назар менамояд, ки ӯ ба олами тасвир мекардагиаш ба ҳамон андоза бепарво аст, ки тақдири начотдиҳанда ё халоккунандаи қаҳрамони ӯст. Дар романҳои Валтер Скотт ҳаминро надидан мумкин нест, ки муаллиф одамест, ки барчастагиаш на он қадар зиндагиро бошуурона ва васеъ фаҳмиданаш, балки бештар дар таланташ зоҳир мешавад» [189, с.15].

Аммо бояд зикр кард, ки дар баъзе мавирид дар тасвири инсонҳои зиштсират ва бадахлоқ, ки дар осори нависанда мавқеи намоён дошта, ӯ бо маҳорати тамом симоҳои олуда ва пурчинояти ононро нишон додааст, мавқеи муаллиф дар нишон додани рафтори беандешаву бетаҳаммул ва дур аз ахлоқи ин гуна инсонҳо номаълум аст. Масалан, дар ҳикояи **«Афсона»** духтарак Наргис дидаву дониста бо марди занбози ишратпараст-Гулбоз, ки зану кӯдак дорад, вомехӯрад. Аз муносибати онҳо аён аст, ки миёни ҳарду ишқи ҳақиқӣ не, балки як ҳавову ҳаваси даргузар вучуд дораду бас. Аммо назари бетафовути нависанда нисбат ба рафтору кирдори духтараки сабукандешу сабукфикр, ки худро мавриди дилхушии чавонмарде месозад, арзиши бадеии асарро коҳиш медиҳад: « - Гулбоз рафту маро фиреб диҳед, ё оқибат маъқул нашавам, ман чӣ кор кунам?

-Ин хел шуданаш мумкин нест. Рафту ман зан медоштам, чӣ кор мекардед?

- Зани дуюматон мешудам.
- Зани якум розӣ нашавад-чӣ?..
- Ман ба Шумо одат кардаам, акнун чӣ мешавад?
- Ҳеч гап не. Ҳаррӯза барин гардем» [43, с.62].

Инчунин, тасвири натуралии ишқварзиҳои Катоюн-ҳамсари сипаҳсолори Ҳахоманишиён-Ортабози порс бо ғуломи зангӣ –Бардия дар романи **«Достони писари Худо»**, ки бадахлоқӣ ва тинати пасти занро нишон додааст, ба ҳусни асар чизе зам намекунад. Муаллиф метавонист хиёнати Катоюнро ба ҳамсараш-Ортабоз рамзомез каме пардапӯшона тасвир намояд.

Хулоса, дар осори Сорбон мавзуи ахлоқ ва иҷтимоиёт, ки мавқеи муҳимро ишғол менамояд, хеле мӯшикофона ва бо тарзу тобишҳои гуногун, ки дар боло мушоҳида гардид, баррасӣ шудааст.

## 1.2.Инъикоси ҳаёти ҳамзамонон дар асарҳои нависанда

Интихоби мавзуъ ба андешаи Белинский Б.Г. «вазифаи бузурги санъаткор» буда, мавзуи интихобшуда «бояд ҳамеша равшан ва возеҳ муайян карда шаванд, тавре ки хонанда онро на танҳо бо ақлаш, балки бо ҳиссаш дарк кунад, вагарна асари бадеӣ нопурра, номукаммал мешавад» [189, с.53].

Инъикоси ҳаёт ва рӯзгори муосирон таваҷҷуҳи адибро аз рӯзҳои аввали эҷодиёт баробари дигар мавзуъҳо, ба мисли таърихи халқу кишвар, ахлоқи иҷтимоӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба худ кашида буд. Ҳикояи «**Марди танҳо»** доир ба мавзуи кӯчонидани аҳолии деҳаҳои кӯҳистони кишвар ба водӣ бахшида шудааст, ки адиб бевосита шоҳиди он гардида буд. Дӯсти эҷодкори адиб Лоиқи зиндаёдро низ чун дигар адибони солҳои ҳафтодум ин мавзуъ дар канор намондааст, ки ӯ низ бо номи **«Деҳи матрук»** шеъре дорад, ки дар Куллиёти адиб баъди таҳрир номи **«Деҳи кӯчида»**-ро гирифтааст. Қаҳрамони ҳикояи «**Марди танҳо**»-Қурбон, ки дар мубориза бар зидди фашизми гитлерӣ саҳим аст, марди меҳнатӣ, ҷасур ва матинииродаест, аммо замони ба ноҳияи Бӯстон кӯчонидани аҳолии кӯҳистони Мастчоҳ мисли як фарди ақибмонда ва хурофотӣ аз супориши ҳукумати давр сар мекашад. Сорбон тавонистааст, характери пурзиддият, хислатҳои мухталиф ва пуртазод ба мисли якравӣ, муғамбирӣ, сахтзабонӣ, асолати марди кӯҳистониро нишон дода, симои равшану ҷолиб офарад. Тасвири нависанда Қурбонро бо вуҷуди якравиҳо: аз ҷомеа дур будан ва ба кӯчидан розӣ нашудан шахси зишт ва дар ба ҷомеа нолоиқ нишон намедиҳад, баръакс эҳтиром ва ҳатто муҳаббати хонанда ба ин образ бештар мегардад.

Қурбон ба зодбуми аҷдодӣ, ба манзили ниёгон, ба турбати гузаштагон, на танҳо бо назари эҳтирому арҷгузорӣ менигарад, меҳру муҳаббат ба хокбуми бобоӣ, пайванди қавиву ногусастанӣ ба кӯҳистоне, ки хуни нофаш рехтааст, асолати ӯро нишон медиҳад. Маҳз ҳамин робитаи ногусастанӣ, пайванди маънавӣ ва ҷисмонии ӯ бо гузаштагон, ки қаҳрамонро аз Деҳманора берун шудан намегузорад, рамзи робитаи насли имрӯзу фардо, пайванди гузаштагону ояндагон аст. Барои ин марди асили кӯҳистон

Деҳманора як деҳаи камобе, ки ҳар рӯз миёни ҳамдеҳаҳо барои оби чашма ҷангу ҷанҷол мешуд, нест, балки як манзили муқаддасе, ки ҳатто сангҳои хурду бузурги селовард ва гиёҳҳои пур аз хораш низ арзише доранд, хокдони пушт ба пушт-ҳама гузаштагони ӯст, ки нигарони зиёрат ва як каф дуои Қурбонанд: «Намеравам, гӯри падару модарамро ба кӣ монда меравам? Руҳу арвоҳро андеша мекунед ё не?» [35, с.114].

Нависанда дар ҳикояи мазкур бо тасвири як марди танҳо дар як деҳи дурдасти кӯҳистон робитаи гузаштагонро бо имрӯзиён ва пайванди имрӯзиёнро бо гузаштагон таъкид намуда, пайвандҳои фардӣ, руҳӣ ва отифиву ҷисмонии инсонро дар мисоли Қурбон ногусастанӣ ва ногузир таъкид намудааст.

Қаҳрамони марказӣ маҳз ба хотири равшан намудани чароғи хонадон, яъне манзили бобоӣ дар деҳи дурдаст, таҳаммули ранҷу азияти танҳоӣ, дурӣ аз наздикон, ҳамсару фарзандонро аз кӯчидан ба водӣ, ба Бӯстон авлотар медонад. Аз нигоҳи Қурбон, ки он назари нависандаро нишон медиҳад, адами пайванди наслҳо, робитаи имрӯзу гузаштагон инсонро аз асолати хеш дур ва бегона месозад. Бо тарк накардани зодгоҳ ва худаш танҳо мондан дар деҳи матрук қаҳрамон гӯё ҳар шом чароғи куҳанманзили худро не, балки роҳи дарки асолати шинохти ҳар фардро рушан менамояд. Дар даст фонуси муқаддаси асолати хештаншиносӣ ӯ ба суроғи пиразани танҳои деҳи Ярм, ки наздиконаш ба хотири тарк накардани деҳа дигар суроғаш намекунанд, меояд, аз ҳолаш хабар мегирад, барояш гандум, ки рамзи идомаи ҳастиву ҳаёт аст, меорад. Пиразани ярмӣ низ мисли Қурбон дар худ рамзи пайванди гузаштагонро таҷассум кардааст. Дидор бо ин пиразани танҳои ярмӣ ба ҳарду-ҳам ба Қурбон ва ҳам ба пиразани танҳои айни ҳол бекасмондаи дардошнову ғамшарики қаҳрамон неру мебахшад, зеро ҳар ду як рисолат доранд. Дарки шинохти ин рисолат аз асолати шинохти гузаштагон, ки дарки бунмояи хештаншиносист, маншаъ мегирад. Қурбон меҳанпарасти асил буда, дар ҷанги Олмон ҷонбагарав инро собит кардааст. Ватандӯстии ӯ аз имондорӣ ва поси нангу номуси марди кӯҳистон об мехӯрад. Аммо дарки мафҳуми Ватан барои ӯ аз сархори девори манзили лойии аҷдодӣ, аз

Деҳманора, ки хокдони гузаштагонаш аст ва Қурбон низ чун бобову бобокалон, ибтидову интиҳои худро дар ин деҳи баланди барояш муқаддас мебинад, сар мешавад. Якравии марди танҳои кӯҳистон як якравӣ ва мағрурии муқаррарӣ на, балки аз он аст, ки ҳастии ӯ бо обу хоки ин деҳ сиришта шудаву пайванд хӯрда, ки бе он худро тасаввур карда наметавонад.

Қурбон, хонаводааш, фарзандону пайвандонаш, ҳамсарашро сахт пазмон мешавад ва доимо ёди онҳо мекунад. Ҳар гоҳ сари қаҳр ботинан хешро барои деҳро тарк накардан, ба Бӯстон накӯчидан ва баъзан дар дил фарзандонро барои аз ҳолаш хабар нагирифтан сарзаниш мекунад: «Якташ хабар ҳам намегирад-е, падар доштем, намегӯяд-е… Мани бандаи ношукрро хуб шавад, накӯчидам, барои бандаи ношукр шанбею чоршанбе нест…» [35, с.114].

Душвориҳое, ба мисли беморӣ, ҳуҷуми галлаи гургон ва сагони бо гургон ёргашта, яъне саггургон дар шаби ялдои зимистон ба хонаву ҳавлиаш на танҳо дар дилаш ҳаросе намеоранд, ӯро аз қарораш пушаймон намесозанд, балки тавонмандии бештари ҷисмонӣ ва маънавии қаҳрамонро ошкор месозанд.

Адабиётшиноси маъруф А. Сайфуллоев, ки аз муҳаққиқони осори Сорбон аст, доир ба ин қаҳрамон гуфта буд: «Нависанда олами ботинии қаҳрамонро хуб кушода, дунёи мураккаб ва пур аз тазодди ӯро нишон дода тавонистааст» [112, с.153].

Қурбони дар майдони набард бо фашизми гитлерӣ обутобёфтаи нотарс ҳамакнун дар замони тинҷу ором ва осоишта, бо мондани худ дар деҳ, ки аҳолиаш ботамом ба водӣ мекӯчанд, дубора дар набард аст. Набард бо намояндаи давлат ва ҳукумати давр, ки аз суханашро ба назар нагирифтан ва аз супориши ҳукумат сар печидани ӯ норизост, набард бо муқобилияти ботинии ҳамдеҳаҳо, ки ҳама гӯш ба амри ҳукумат лоилоҷ мекӯчанд, аммо ӯ ба худ ангор бартарӣ ва афзалият бахшиданист, ки ба водӣ кӯч бастанро рад мекунад. Дар ин набарди ниҳонӣ ӯ танҳост, вале бо хислати азалии якравиву гарданкашиаш пеши ин душвориҳо сар намефурорад, зеро худро ҳаққу ҳақдор мешуморад. Нависанда бо вохӯрии пурэҳтироси ду марди баркамоли

рӯзгордидаи ҳамдеҳа-Қурбон ва Фарҳоди ронанда дар роҳи пурчангу хоки Деҳманора, ки бағалкаш ашк мерезанд, пайвандҳои қавиву ногусастании маънавӣ, ҷисмонӣ ва инсонии ҳар дуро бо сарзамини аҷдодӣ, ба зодбуми бобоӣ нишон медиҳад. Ашк рехтани Қурбон на танҳо аз дурӣ аз наздикону пайвандон аст, балки дили ӯ низ мисли деҳи матрукаш ноободу сарду холӣ ва пур аз дард аст. Фарҳоди ронанда ба Мастчоҳ эшони Одинаро, ки бо сабаби синну сол тоби ҳавои гарми Бӯстон накардааст, овардааст ва ӯ низ, аз ба Бӯстон накӯчидани Қурбон норизост:

«- Акнун бирав, Фарҳод, ман намеравам

- Шумо чӣ хел одамед, ако? Фуроред гандуматонро! - ҷаҳл кард Фарҳод…» [35, с.114]

Дар симои ин қаҳрамони ҷангдидаи таҷрибаандӯхта, обутобёфта ва якрав тамоми хислатҳои мардони кӯҳистони тоҷик гунҷоиш ёфтааст. Вале нависанда дар бораи наздикони қаҳрамон, робита ва муносибати ӯ бо ҳамсару фарзандон маълумот надодааст. Аз пайвандони Қурбон касе ба суроғаш намеояд, ки ин симои қаҳрамони марказиро коҳиш медиҳад. Маълум нест, ки онҳо, зану фарзандон аз ин рафтори ӯ норизоянд ё аз кӯчиданро напазируфтани падар бепарвову беғам пайи кори хешанд. Ҳамсараш низ дар асар симои худро нишон намедиҳад, ки ин номаълумӣ ва норавшании муносибати қаҳрамон бо ҳамсар ва фарзандон дар тасвир қаноаткунанда нест, зеро баъзе ҷузъиётро сарфи назар кунем, пас дар дили Қурбон нисбат ба онҳо кудурате нест. Мантиқан ин суол посухҷӯст, ки чаро ба сарнавишти Қурбон барин марди нотарс, боирода ва тануманд, ки бояд бо ин хислатҳо дар ҳаёти ҳамсару фарзандон ҷойгоҳеро соҳиб мебуд, бепарвоянд. Нависандаро зарур буд, ки сабаби ин номафҳумиҳоро шарҳу тавзеҳ дода, асоснок кунад.

Аммо монеаҳои кӯчокӯч дар ҳикояи **«Корвон»** мисли роҳро вайрон кардани бачаҳои Палорак, таъхир кардани кӯчи Умарбек аз худи мардуми кӯҳистон сар мезанад. Қаҳрамони ҳикоя Умарбек кӯчокӯчро бо хурсандӣ истиқбол нагирад ҳам, мисли Қурбон намеравам, намегӯяд: «…Намеравӣ

будааст. Ҳама палоракиҳо раванд, ман дар ин ҷо чӣ кор мекунам? Зоғи сиёҳ барин ба сари лошаҳо «қоғ» мегӯям?...» [35, с.219].

Палоракиҳо, ки моҳияти ба водӣ кӯчиданро сарфаҳм намерафтанд, он қадар дилбастаи зодгоҳ ва аз кӯчокӯч дар хашму ғазаб ҳастанд, ки ҳатто ронандаҳои мошинҳоро, ки тули сенздаҳ рӯз дар даромадгоҳи деҳа мемонанд, бар хилофи анъана ва расму оини мардумӣ меҳмондорӣ намекунанд. Бо ҳар баҳона сафарро ба таъхир мондани Умарбек, ҳангоми кӯчокӯч ғайб задани писари Умарбек Аҳмадбеки наврас низ аз он аст, ки хоҳиши ба диёри дигар кӯчидан надоранд. Мардуми деҳ ҳама медонад, ки кӯчонидан аз «боло» амр шуда, ногузир аст. Вале раги якравии онҳо имкон намедиҳад, ки ором сар хам кунанд ва зуд бе ҳеҷ эътироз пайи иҷрои он гарданд. Дар маркази таваҷҷуҳи нависанда низ ин ҷо содагии мардуми кӯҳистон: ба хотири дар ҳаққи арвоҳи гузаштагон ош додан тамоми гӯсфандони худро як-як сар задани Умарбек; қаҳру ғазаби бемаврид, ба мисли барои писараш Аҳмадбекро шаппотӣ задани ронанда Сайфулло ба сараш корд кашидан ва ҳангоми кордкашӣ дастурхон ва нони онро зери по кардани Умарбек ва пасон аз асли воқеа хабардор шуда, аз ронанда узр пурсидани ӯ, баҳси Умарбеку мулло Сафар барои кӯч бастан мебошад. Гарчанде кӯчидан ба водӣ ногузир аст, аммо сафарро ба таъхир андохта, чанд рӯзаки дигар низ дар Палорак мондан барои Умарбеку писараш Аҳмадбек ғанимат аст.

Дар қиссаи **«Рағза»**, ки мавзуи ҳаёти муосиронро дар бар мегирад, муаллиф тавассути сарнавишти қаҳрамон-кампири Бимоҳ бераҳмӣ, бепарвоии инсонҳоро нисбат ба сарнавишти инсонҳои мазлум, ба мисли баъди сари шавҳар аз хонаву ҳавлиаш пиразанро берун кардани фарзандхондаву ҳамсараш, баъди сарсониҳо дар поёни деҳ, дар Селрав як порча замини серсангро соҳиб шудани ӯ, торафт коста шудани ахлоқ, табдил ёфтани меҳру муҳаббати одамон ба ҳаваси дастрасии пулу мол, ҷойи эҳтирому ҳурмати калонсолонро гирифтани бепарвоӣ, беэътиноии мардуми атроф ва торафт коста гардидани арзишҳои маънавию моддиро инъикос намудааст. Дар он вазъи пурмоҷарое, ки пиразан қарор мегирад; зани

писархондаш бо ҷанҷолу арбада ӯро аз макону манзилаш маҳрум, овораву бехона ва ломакон мекунад, руҳи тавонманду бешикасте зарур буд, то неруе барои зистан пайдо намояд ва Бимоҳ аз он бенасиб набуд. Ӯ то муҳтоҷӣ набинад, пашмҳои дар селраҳа партофтаи ҳамдеҳагонро ҷамъ оварда, ришта мересад ва гилем мебофад.

Як сифати шоистаи қаҳрамон дили софу бекудуррати ӯст. Дар ҷашни Наврӯз бо нигоҳи меҳрубон наберахондаш Армони густохро ҷустан ва ӯро ботинан бахшиданаш низ на танҳо аз муҳаббат ба Армон аст, ки замоне ба ҳарфи модар гӯш додаву бибиро озору ранҷ додааст, балки гӯё дар дили софу бекинаи пиразан хусумату кин намеғунҷад. Ин нуктаро аз ҷавоби ӯ ба Аваз-паҳлавон, мудири мактаби деҳа, ки бачаҳоро ба ёрии ӯ фиристодааст, низ ба осонӣ пай бурдан мумкин аст: «-… Маро бекас дида, ҳазлҳо карданд. Лекин ман хафа не. Худо умрашонро дароз кунад, як рӯз не, як рӯз мефаҳманд» [47, с.212].

Нависанда симои маънан пурғановате офаридааст, ки ба душвориву азобҳои бекасӣ, ба сарнавишти талх тан надода, аз миёни сели ғам бо умеди дарёфтани як лаҳзаи шодӣ роҳ мепаймояд. Кампир барои ҳимоя аз шарафу номус ва обрӯйи хеш дар рӯ ба рӯйи мардони бехираду фосиқ, ки ба назди пиразани беш аз шастсолаи танҳову бекас бо тамаи комҷӯйӣ меоянд, ҳарфи дағал мегӯяд. Дар ҷомеае, ки инсонҳо бо пулу мол, ҷоҳу ҷалол мақому манзилатро соҳиб мешаванд, нокасоне ҳастанд, ки бузургсолонро ҳурмат намекунанд ва ӯ лоилоҷ бо ин мардони бенангу ор дурўштсуханӣ мекунад: «Ба Худо, ако, як гап зада бошам. Кори кардаам ҳамин ки кунама лаби суфааш монда шиштаму омини ободонӣ кардам, вағид пирзан.

- Рӯғанаш зиёд занака, хайрият, дарнагирифтаст, агане, дар пешгаҳи ҳалқат туф мекард ё дар ишкамат.

- Астағфируллоҳ, гӯед, ако!

- Чӣ «астағфируллоҳ» гӯям? Ӯ туф мекард, на ман!

Вале Бимоҳ гирифтори андешаҳои хеш буд. Вағиду хандид ва як сила ба дунба зада, ба касони баду бадгумон чизе фиристод» [47, с.215].

Пайдоиши Дугонае, ки фақат дар осмонҳост, рамзист, зеро заминиён дасти мадад сӯйи пиразани бечорае, ки дар сангзор манзил дораду хона не, дароз намекунанд. Онон ё ӯро таҳқир месозанд ва ё ба таҳқиру озори дигарон хешро бетарафу нодида мегиранд. Бимоҳ ҳама ҳасрату роз ва дарду аламе, ки дар дил ҷамъ шудааст ва ба ҳар кас гуфтан нашояд, ба Дугона гӯяд: «…ба мардони зану фарзанддор ва пирони пой бар лаби гӯр чӣ дард расидааст, ки ҳаваси ҷогаҳи маро кунанд?...» [47, с.215].

Ҳамин гуфтугӯйи Бимоҳ бо Дугона-Моҳбӣ аз нокасии одамон, аз разолат, аз зишттарин кирдори инсонҳое, ки ба бадбахтии як пиразани танҳову бекас тамасхур мезананд, барои ҳавои нафс пиразани беш аз шастсоларо таҳқир мекунанд, гувоҳ аст. Аз рӯйи мазмуну муҳтаво метавон қиссаи мазкурро қиссаи дарду ғами рӯзгори пуралами як инсоне, ки ба бадбахтиаш инсонҳои дигаре, ба мисли писархондаву ҳамсараш, Такачаи ишкамкалон, Босабури фаччак ва дигарон сабабгоранд, номид: «Гӯё бо ман ҳамхоба шудан осон аз он ки рафта, аз пушти Шах як пуштора хорча орад...» [47, с.215].

Ягона касе, ки кампирро эҳтиром карда, модар мехонад, Аваз-паҳлавон, мудири мактаби деҳаст, ки сари ҳар вақт аз аҳволаш хабар мегирад, мепурсад, мактаббачаҳоро ба ёрии пиразан мефиристад. Аммо бо вуҷуди ин гуманизм ва инсонгароии мудири мактаб чандон фаъол нест. Ӯ бо он тавонмандӣ ва ҷуръат метавонист, дар сарнавишти ин зан мақоми арзандатаре дошта бошад.

Бо тасвири рӯзгори як пиразани танҳову бекас симои маънавии ҳамзамонони мо омилҳои коста шудани ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа бо таҳлили амиқи иҷтимоии рафтори мардум ва ҳодисаҳои ҳаёт нишон дода шудааст. Аммо муаллиф бештар ба тасвири тақдири бевазани танҳои бекас, нокасиҳо ва бетарафиҳои ҳамдеҳагону атрофиён таваҷҷуҳ намуда, дигар масъалаҳоеро ба мисли хубиҳо ва некиҳои инсонҳои наздику дур амсоли бо дасти набера ва писарчааш фиристодани як нони гарми танӯрӣ ва ё як коса дами гармро аз мадди назар дур кардааст. Тасвири маҳзи бетарафӣ ва бепарвоии ҳамдеҳагону атрофиён, бераҳмии инсонҳо, масхара, таҳқири

кампири зиёда аз шастсола инъикоси моҳияти аслии зиндагонии халқ ва ё мардуми як деҳа нест.

Дар қиссаҳои **«Забиба»**, **«Ғори одамхор»** ва **«Гӯрзод»** қаҳрамонҳо дар вазъиятҳои фавқулода ҳангоми рух додани ҳодисаҳои ғайримуқаррарӣ тасвир шудаанд. Дар ҳаёти Бимоҳ гӯё ҳеҷ ҳодисаи ғайримуқаррарӣ рух намедиҳад, вале рӯзгори дар назар ором ва танҳои ин пиразан саропо ғайримуқаррарӣ ва ғамолуда аст. Мушкилиҳои Бимоҳ танҳоӣ, маҳрум шудан аз манзил, дар козаи Санглохи бегулу гиёҳ умр ба сар бурдан ҳама аз раҳмгинӣ ва дилсофии ӯ буда, ҳаёти рӯзмарраи ӯро пур аз ғаму дард гардонидааст. Аммо пиразан дар баробари рӯзгори талх аз касе домангиру озурда, ҳатто гиламанд набуда, ҳама озору дардро дар ҷисми наҳифи хеш фурӯ бурда, касеро маломат намекунад, ки ин хислати шоистаи инсонист.

Сорбон қаҳрамони қавие офаридааст, ки бо ҷисми нозуки дар офтоб сӯхтаву дар рӯзгор ҷафодида, бо покизагии ахлоқ, иродаи устувор, неруи маънавии фавқулода ва назари гарми ҳаётдӯст намунаи олии инсонпарвариву инсондӯстист. Ҳама костагиҳои ахлоқ, ҳама пастигариву фурӯмоягӣ, ҳаққимардумхӯриву фиребгарӣ, ноҷавонмардиву одамбадбинии ҷомеа аз назаргоҳи пиразани бехонаву танҳо ва дар нигоҳи аввал одӣ, аммо соҳиби дили бузург Бимоҳ нишон дода шудааст. Ҳаёти пиразани танҳои миёни сангзори Селрав баробари ҳаёти ҳамдеҳагон сипарӣ мегардад, аммо касе аз онон дасти мадад дароз кардан намехоҳад, зеро ҷомеаи имрӯз арзиши инсонҳоро аз рӯйи мансабу ҷоҳ ва молу сарват муайян кардааст. Бимоҳе, ки на мол дорад, на сарвату ҷоҳ, сардмеҳрӣ ва бепарвоии ҳамдеҳагону ҳамзамонон ва наздиконаш ӯро ба як фарди танҳо ва гӯё ба касе нолозим мубаддал гардонидаанд. Нависанда бо ин асар мехоҳад, ба гӯши ҳамзамонон садои зангӯлаи ҳушдор расонад, ки воқеан дар замони мураккабу печидаи имрӯз бояд ҷойгоҳи инсон волотар аз ҳама бошад.

Мавзуъ ва муҳтавои қиссаи **«Забиба»** асосан ахлоқ буда, дар рӯзгори қаҳрамонони асар ҷанг, ҷанги шаҳрвандӣ, ба мисли сарнавишти талхи Раънову духтараш Наъно, кирдорҳои палидонаи Шайхи Мазор сояи шуми худро андохтааст. Ҳама ҳодисаву воқеаҳои асар аз хатои ҷавонии

қаҳрамонҳо-Барзу ва ҳамсараш Забиба маншаъ гирифта, тавассути рӯзгори хонавода зуҳуроти гуногуни маънавиёти ҳамзамонон тасвир шудааст. Қисса бо зиёрати Ҳазорчашма, ки қаҳрамонҳо бо нияти шустани гуноҳ ба ин мавзеъ омада, гӯсфанд қурбонӣ мекунанд, шиносоӣ бо шайхи риёкори мазори Ҳазорчашма ва зани Шайх-Раъно, духтархондаш-Наъно оғоз меёбад. Забибаи омӯзгор, вале аз ҳоли фарзанди хеш бехабар ва дар ҷустуҷӯйи ӯ сарсону саргардон баъди пурсишу ҷустуҷӯйҳои зиёд гумкардаро меёбад. Табиист, фарзанде, ки дар зоишгоҳ партофта буданд, нисбат ба волидон нафрат дорад:

«- Хонаи холаи Забиба? - садои ҷавонписаре.

Духтар посух надода, Барзӯ садои дупӯста баровард: «Ҳа».

- Ҳастанд?

- Не.

- Шумо кӣ?

- Шӯяш.

«Туф!» Лахтае туф ба рӯяш кард ва нигарон истод» [48, с.306].

Ин рафтори писар мақоли халқро ба ёд меоварад, ки гуфтаанд: «Ҳар он чӣ киштӣ, ҳамон медаравӣ».

Адабиётшиноси рус Реизов Б.Г. дар китоби худ **«Таърих ва назарияи адабиёт»** аз номи қаҳрамони коммедияи **«Падари хонавода»-**и драматурги итолиёӣ-Голдони овардааст: «Фарзандон барои тарбияи бад нахуст падару модарро гунаҳкор мекунанд»[199, с.181].

Шавҳари Забиба-Барзу тоҷири муваффақ чун шахси азкардапушаймон ангушти надомат мегазад, аммо ин пушаймонӣ барои сарнавишти фарзанди гумном, аз кирдори ношоистаи мард не, балки аз сояи торики он воқеаест, ки дар рӯзгори онон торикӣ андохта, айшашонро талх гардонидааст. Бераҳмии волидон ва муносибати хеле сарди фарзандхондагон кӯдаки маъсумро ба шахси хашин, бадқаҳр ва бераҳм мубаддал сохт, ки билахира ҳатто ба сари падар даст бардошт.

Яъне, рафтори аз ахлоқу одоб фарсахҳо дури писари Барзу ҳосили бешафқатиест, ки замоне аз падар дидааст. Дар асари мазкур сужаи

якмарому оҳистарав ва дар баробари он, ҷолиб ба нависанда имкони тасвири характерҳоро додааст, аммо тасвири ҳодисаҳо аҳаммияти мутлақ пайдо карда, симо, характер, фикру мулоҳиза, назари қаҳрамонҳо ба ҳодисаву воқеаҳои атроф ва бисёре аз паҳлуҳои дигари ҳаёт, моҳияти аслии рафтори онҳо, шӯри ботинӣ, зиддиятҳои дарунӣ, задухӯрди ботинии онҳо аз мадди назар дур мондааст. Масалан, дар хонадони Барзу ин қадар ҳодисаву воқеаҳо рух медиҳанд, ҳамсараш дар ҷустуҷӯйи писари гумном ғайб мезанад, писар марди баркамол шуда, онҳоро меёбад, аммо вазъу ҳолати равонӣ ва фишоре, ки Барзу ва Забиба ва писари дар хонаводаи бегона ба воя расида, дар зери таъсири ин ҳодисаҳо доранд, номаълум аст.

Аз саҳифаҳои аввали асар симои касиф ва нопоки Шайх-қассоб аз забони духтархондаш Наъно равшан мегардад. Ин марди бадсиришт, ки падари Наъно куштанашро ошкоро бо ифтихор ба «ишқ» нисбат медиҳад, акнун оромгоҳи бузургворро василаи даромади муфт қарор дода, ба Забиба ва ба духтархонди худ Наъно низ ба чашми шаҳват нигариста, бо ин сирати нопок ва касифи худро бештар равшан менамояд:

«Янга! Бори дигар ойӣ, танҳо биё!»

«Чаро?»

«Дам медозам. Занҳои безурёт омада... бачадор мешаванд».

«Худоро шукр, безурёт нестам» [48, с.290].

Аммо бисёр манзараҳои ғайричашмдошт дар қисса вомехӯрад, ки қонеъкунанда нестанд. Баробари аз даргоҳи падарандар озод шудан бархе аз рафторҳои ношоями Наъно ранҷдидаву азияткашида мушоҳида мешавад. Масалан, Наънову писари Забиба гӯё ба якдигар писанд афтодаанд, вале дар симои Наъно духтари сабукмағзе тасвир шудааст, ки ҳар лаҳза рафтори беандеша ва бепардаеро аз ӯ интизор шудан мумкин аст: «Наъно... хештан тарсидаву ҳаросида гирифта, ба оғӯши мард ҷо шуд» [48, с.311].

Ин рафтор ба табиати Наъно барин духтар, ки бояд ҳар рафторашро санҷида ба ҷо меовард, мувофиқ нест. Худро ба оғӯши марди номаҳрам партофтани духтари қадрас, инчунин бо писари Забиба бо тезӣ унс

гирифтани ӯ ва ишқварзии онҳо дар хомазор ӯро чун як духтари маънан хароб ва ишратҷӯ нишон медиҳад.

Бисёре аз паҳлуҳои симои қаҳрамон, ба мисли ғалаёни эҳсосоти Забиба ҳангоме ки писарашро ёфт, ҳангоме ки ӯро дар кӯчаҳо сарсону саргардон ҷустуҷӯ мекард, норавшан мондааст. Масалан, ӯ дар хомазор нақли писарак ва Наънoро мешунавад, ки бояд андешаву афкор ва эҳсосоти модарии ӯро ба ҷӯш меовард. Аммо муаллиф ин қувваҳои зоҳирии ҳаракатдиҳандаи эҳсосоти ботинии қаҳрамонро нодида гирифта, ба умқи дили ӯ назар наандохтааст. Нависандаро зарур буд, ки ба қаъри дили қаҳрамон назари амиқ андохта, андешаву шӯри дил, изтиробу ҳаяҷони ӯро дар лаҳзаҳои пурэҳтироси ҳаёт нишон диҳад.

Мо дар боло ишора кардем, ки як хусусияти осори Сорбон ин мухтасаргӯйии ӯст, ки аксари муҳаққиқони осораш низ инро таъкид намудаанд. Аммо баъзе мавридҳо мухтасаргӯйии нависанда аз ҳад зиёд мушоҳида мешавад, ки ҳатто бархе аз чизҳо норавшан монда, тавзеҳталаб шудаанд. Масалан, муаллиф писари гумшудаи Забиба нахустписар ном мебарад: «Нахустписари дар зоишгоҳ серӣ надидаро пазмон шуд» [48, с.91]. Аммо дар бораи фарзанди баъдӣ қариб, ки иттилое нест. Танҳо ҷое ишора мешавад, ки ӯ барои таҳсил ба хориҷа рафтааст: «Шумо бача надоред», «Дорем. Амрико хонданӣ рафт» [48, с.294].

Гӯё фарзанди дувум, ки солаш аз ҳафтдаҳ зиёд набуда, симои ӯ дар асар норавшан монда, ҳанӯз қудрат ва тавони пурраи ҳалли ҳама масоили зиндагиашро соҳиб нашудааст, бояд субҳу шом бо онҳо дар тамос мешуд, ҳеҷ таъсире дар ҳаёти волидон надошта, дар рафти ҳодисаҳои минбаъда низ ёдоварие аз ҳузури ӯ нест. Амалу рафтори писари Барзу, он нахустписари гумшуда, ки натиҷаи бесариву хатои ҷавонии ӯву ҳамсараш ҳаст, оқибат ба сараш даст мебардорад. Нависанда тавассути ин амал оқибати хатои ӯву ҳамсарашро, ки аз фарзанд рӯ гардонида, боиси хору зор гардидани ӯ дар хонаводаи бегона гардидаанд, нишон додааст. Ҷавоне, ки меҳру оғӯши волидон надид, боз дар болои ин ба муносибати сард ва бераҳмонаи

хонаводае, ки ӯро фарзанд хонда буданд, дучор омад, алам аз падари бешафқату бемасъулият мегирад.

Аслан бисёре аз паҳлуҳои симои қаҳрамонҳо ҳам Забиба ҳам Барзу ба мисли ноаён мондани чеҳраҳои наздикону пайвандон ва дӯстони онҳо барои хонанда норавшан ва печидаву пурмуаммо боқӣ мемонанд. Далели дар зоишгоҳ фарзанд вогузошта рафтани Забиба низ чандон қонеъкунанда нест, зеро дар асар ишора ҳаст, ки фарзанд аз Барзу ба дунё омадааст ва ин занро водор мекард, ки набояд ба осонӣ ба ин амал розӣ шавад: «Сабабгори гуноҳи ин ду ошиқ онест, ки ба олами равшан баромадан хоҳад…» [48, с.284]. Яъне, сабаби ба дунё омадани ин тифл ду ошиқ-Забибаву Барзу буда, ҳамл пеш аз издивоҷ дар батнаш пайдо шудааст.

Инчунин, барои ҳамсараш кӯшиши «духтари хона ёфтани» Забиба низ ин шубҳаро зиёда мекунад. Аслан маълум нест, ки чӣ боис шудааст, зани соҳибмаълумоти замонавӣ дар пайи одатҳои асримиёнагӣ барои шавҳари ба дарду алами ҳаждаҳсолаи ӯ сабаб гардида, зани дӯшиза кобад?

Маълум аст, ки Забиба барои фарзанд заҷри зиёде мекашад, аммо сарсону беҳуда дар кӯчаву гулгаштҳо гаштани ӯ аз ҳад зиёд ва ҳатто сохта менамояд. Ӯ, ки зани соҳибмаълумот ва мудири як дабистони бонуфуз аст, наметавонад, ҷустуҷӯйи фарзанди гумкардаашро сарсарӣ ва дар кӯчаҳо бигзаронад. Забиба бе он ки ба ҳолати ҷунуну девонагӣ худро расонад, метавонист писари гумшудаашро дар хонааш нишаста ҷустуҷӯ намояд. Пас оввораву хонабардӯш гардидани зан бояд сабаби дигаре медошт.

Симои Шайхи Мазор тасвиргари чеҳраҳои ашхоси фиребгару найрангбозест, ки бо истифода аз беҳокимиятии баъди ҷанги шаҳрвандӣ ба қаллобиву мардумфиребӣ машғул буданд: «…ба соҳиби мол хӯрдану бурдан мумкин нест…

- Дар мазори «Мавлоно» дигар хел: аввал ҳаққи соҳиби молро ҷудо мекунанд.

- Мора гуфтиян, ки нате» [48, с.293].

Тасвири симои зоҳирии Шайх муносибати нависандаро ба ин ашхоси риёкор, қаллоб ва қотил ифода мекунад: «Сар покутарошида ва риш то

банди дил буд тор-тор... Дар назди сари тарошида ва риши боре ҳам напироста гӯшҳои Шайх-қассоб чур тобанд, ки кадом садои ғайбиро шунидан мехоста бошад» [48, с.289].

Бо хоҳиши Барзу дуо кардану ояти пурғалат хондани Шайхи мазор аз дину ойин низ дур будани ин марди риёкору фосиқро нишон додааст. Гӯсфандкушии Шайх танҳо манзараи ҳунари қассобӣ набуда, балки нависанда бо тасвири ин саҳна ба бераҳмӣ ва дар қатли одамон ба мисли падари Наъно даст доштани ӯ ишора мекунад.

Сужаи асар дар атрофи амали нангине, ки хонаводаи Забиба ва Барзу содир кардаанд, чарх мезанад, ҳаётӣ ва воқеӣ буда, дар рӯзгор зиёд вомехӯрад. Симои Раъно-модари Наъно то андозае норавшану хира монда, чеҳраи писари ӯ низ мисли фарзанди дуюми Забибаву Барзу нонамоён буда, дар бораи ӯ дигар ҳеҷ маълумоте вуҷуд надорад.

Романи нави Сорбон таҳти унвони **«Тангно»** аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷа, ғоя, ҳусни баён, ғановати бадеӣ хеле ҷолиб ва пурмуҳтаво буда, масоили ҳаёти маънавӣ, дарки бадеии воқеияти рӯзгор, ҳаёти пуринфиҷору пурҳаводиси ҷаҳони пуртазод ва пурмоҷарои муосирони моро дар бар мегирад. Қаҳрамонони асар Розияву писараш Армон ва шавҳари ғарибкораш Мардон, ҳамдеҳагонаш ҷавонзани шавҳармурда Ҳуснату Мироби маъюб дар Амондара бо ташвишу тараддудҳои рӯзгори кӯҳистон зиндагӣ доранд.

Мардони корбезор, ки ҳамсараш бекорхӯҷаи хомхобааш меномад, симои мардони бемасъулиятест, ки ҳалли масоили печидаи иҷтимоӣ, мураккаби иқтисодӣ ва маишии рӯзгори худро дар гурез аз ин душвориҳо пайдо кардаанд. Мардон низ бо мақсади дарёфти маблағ барои хатнасури писар ба муҳоҷират меравад, аммо дар шаҳри дури бегона барои Мардони беҳавсалаи коргурез, ки ҳавливу дари худашро сару сомон намедод, ин кор басо мушкил намуд. Бинобар ин, бо зани танҳои шавҳармурдаи соҳиби манзилу бӯстонсаро ҳамхона шуд, ки вазъи иҷтимоӣ ва маишии ӯро дар диёри дур беҳтар намуд ва ӯро аз тангдастии ғарибкорӣ раҳо намуд. Аммо нияту мақсади ба ғарибкорӣ рафтан аз ёдаш гӯё ботамом рафта буд:

«Писарам нагӯ! Писарат мешуд, ақаллан як рубл мефиристодӣ. Ба забон омада ба чукбурронаш хабар кунам, ноз дорӣ. Ас набиё. Худо рӯйи Тангноро набинӣ!» [45, с.206].

Чеҳра ва характери Мардон, фалсафаи ҳаётии ӯ дар гуфтугӯйҳои телефонии ӯ бо ҳамсараш кушода шудааст. Мард на танҳо дар бораи ҳамсари наваш, балки духтарчадор шуданашро низ ба Розия хабар дода, дар баробари ин, чун шавҳари баномус занашро ҳушдор медиҳад, ки мабодо по «каҷ» гузорад. Сипас аз шикастурехти ҳавливу дараш мепурсад: «Мур! Мур-Мур-Мур !!! «Ҷӯи болоя кандӣ?» шарм надошта пурсад. Ягон бор канда будӣ?» [48, с.170].

Яъне, Мардон ҳар қадар по «каҷу рост» гузорад, зану фарзанд солҳо нахӯронад, напӯшонад, мард аст ва ин амалҳо барояш шармандагӣ, бешарафӣ маҳсуб намешавад. Ин аст, ки масъулияти хешро маҳз дар аҳволи зану бачаашро, он ҳам пинҳонӣ аз ҳамсари наваш, бо телефон пурсидан мебинад: «Эй! Эй! нагуфта, чӣ гӯям? Мардак гӯям, мардак нестӣ. Шӯ гӯям, шӯ нестӣ! «Эй» набуда чӣ? Ба номи Худо ҳиччӣ нестӣ! То рӯзи якшанбе омадӣ, омадӣ… наомадӣ, чӣ кор мекунам? Бачаро мебурронам… Намеоӣ? Чӣ?! Бечат духтар зойид? Кора осон кард, нағз. Тоҷик зойид? Урус зойид? Ту донӣ, Худо? Чӣ ном мондӣ?» [48, с.204].

Аммо Армон, писари Мардон фарзанди замони худ, айёми иқтисоди бозор буда, вазъи ноҷӯри маишии хонавода, муҳити ногувори иҷтимоӣ ӯро хеле бармаҳал коркобу нонёб месозад. Бозор, ки рамзи савдои зиндагӣ, сару сомон ёфтани рӯзгори нобасомони мардум аст, таъсиргузори хулқу хӯйи писарак, омили ташаккули характери қаҳрамони наврас мегардад. Ӯ, ки ҳанӯз аз синни хурди кӯдакӣ бо хизмати мардум нони даҳонашро ёфта, рӯзгори хонаро сомон мекунад, дар андешаи «ҳалол» кардани дасти худ, гузаронидани хатнасур мешавад. Ҳатто чандин бор ҷуръат карда, барои падарро оварондан майли ба ғарибкорӣ рафтан низ мекунад. Ин кӯшишҳо бенатиҷа анҷом меёбанд, зеро сарҳадди кишвари ҳамсояро, ки ба миназор табдил додаанд, гузаштан имкон надорад. Аммо ин аз такопӯйи писараки

наврасе дарак медиҳад, ки вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодиву маишии хонавода бармаҳал ба сараш ташвишҳои рӯзгорро бор кардааст.

Дар асар чеҳраҳои дигаре, ба мисли Ҳуснати зани Гулмуроди дар ғарибкорӣ фавтида, Эшони Мирро, ки баҳси об бо Мираки бадхӯ ӯро маъюб кард, Даллоли Бобек, марди ноинсоф ва бепарда, ки ҳатто бо Армони ҳамсоли фарзандаш шарт мебандад, ҳастанд, ки ба паҳлуҳои гуногуни характери қаҳрамонҳои асосиро нишон медиҳанд. Ҳуснати ҷавону зеборо мусибати шавҳари ғарибкор бадбахт мегардонад: «Дареғ, ба дидори нонкобу нонёбаш нарасида, аз ҳуш рафт ва дергоҳ ба худ наомад… рӯйи хунукашро ҳам надид»[48, с.272].

Хитоби Ҳуснат ба Мироби маъюбе, ки базӯр бо асобағал роҳ меравад, аз алами дарди фироқи шавҳараш Гулмурод аст, ки барои аз қарз раҳоӣ ёфтан ва беҳбуди рӯзгор ба ғарибкорӣ меравад, аммо ҷойи маблағ аз он ҷо мурдаашро оварданд: «Кош, мисли Шумо асо дар бағал дар ватан мегашту тобуташ аз Русия намеомад…»[48, с.164].

Баъди шавҳарро аз даст додан дили зан ба касе ба ҷуз Мироби ҳалиму нармтабиат, ки бо наҷобати хеш тавонист дар дили сарди Ҳуснат шуълаи умедро ба оянда дар манзили зан аз нав фурӯзон кунад, моил нест: «Сел не, як балои охирзамон омад: пеш-пеши он лою лойоба дамида, сойро пур карда, аз маҷро шорида. Ҳуснату Мироб дари дукон бастанд аз дарун, зеро пойи кӯҳбароӣ надоштанд.

- Хайрият, ки дар Тангно набудед.

-Ин ҳам ба шарофати аввал Худою баъд Шумо»[48, с.252].

Мироб фарди хушбинест, ки бо вуҷуди маъюбӣ ба зиндагӣ бо назари муҳаббату меҳр дида дӯхта, ба миробӣ машғул аст. Фоҷиаи Мироб, ҳодисаи аз пову аз миён маҳрум гардидани ӯ дарди беобӣ, дарди ҷомеа, дарди мардуми як деҳаи баландкӯҳест, ки на чандон дуртар аз канори он дарёи пурталотуме ҷорист, вале мардуми ин деҳ барои об ба ҳам ҷангу занозанӣ мекунанд. Барои шодоб кардани заминҳои корам ва боғу дарахтони ин деҳи баланд шояд чанд фишанг кифоя асту бас. Дар замони рушди босуръати

илму техника барои мардуми ин деҳ ин масъалаи дандоншикан ба назар мерасад.

Бобаки Даллол, ки аз бешарафӣ ҳатто бо писараки аз фарзандаш хурд душманӣ дорад, тимсоли ашхосест, ки дар ҳаёт ҳамеша бо фиребу найранг ва дурӯғ зиндагӣ мекунанд. Рафтору кирдори ӯ, ба мисли duздидани маблағи хатнасури Армон ҳатто барои наздиконаш низ хиҷолатовар аст. Хайрии росткору поквиҷдон боис мешавад, ки шавҳараш Бобек аз роҳи хато пас гашта, ислоҳ шавад. Маблағи дуздидаи хатнасурро Армон дубора аз ҳавлӣ меёбад. Нависанда бо тасвири Мардони бемасъулият, Мироби маъюб, Мираки бадхӯ, Бобаки Даллол на танҳо симои ҳамзамонон, маънавият ва муаммоҳои ахлоқию фалсафии рӯзгори ононро офаридааст, инчунин, арзиши меъёри муҳимми ахлоқи иҷтимоиро дар ҷомеа таъкид мекунад.

Диди таҳқиқи бадеии нависанда дар ин асар инъикоси ҳаёти маънавӣ ва муаммоҳои ахлоқию фалсафии рӯзгори ҳамзамонони моро дар бар гирифтааст. Муаллиф тавонистааст, бо ҳунари баланди нигорандагӣ масъалаҳои иҷтимоиро бо муаммоҳои ахлоқию равонӣ пайванд созад.

Даллол, ки аз романи **«Зуза»** симои пурнайранги ӯ аллакай ошно буда, дар ҳаромхориҳову ҳаромкориҳои Ревизору Ферма ва Муҳосиб ҳамдаст аст, касест, ки ба хотири манфиати хеш аз ҳеҷ кори паст рӯ намегардонад. Ӯ марди калонсоли рӯзгордида бо кӯдаки бо писараш ҳамсинну сол шарт баста, кӯшиш мекунад, монеаи хатнасури Армон шавад, ки ин бешарафӣ ва пасттинатии ӯро бештар ошкор месозад.

Аммо маълум нест, чаро муаллиф ба зани Даллол ду номро сазовор донистааст; ӯ аввал Адолат ва баъд Хайрӣ ёдрас шудааст, ки ин хонандаро ба саргумӣ мекашад.

Романи **«Тангно»**, ки дар мавзуи рӯз, масъалаҳои печидаи ғарибкорӣ, ки имрӯз дар тамоми олам маълум аст, бо тасвири рӯзгори ҳамзамонон, мавзуи ҷолиб, мазмуну мундариҷаи баланд, забон ва баёни болиғу фасеҳ, инъикоси воқеъбинонаи ҳодисаву воқаеҳо чун асари арзишманде алаккай шинохта шудааст.

Дар қиссаи **«Ғори одамхор»**, романҳои **«Зуза»**, **«Барзгар»**, **«Шаҳрбону»**, **«Кадевар»**, ки дар боло баррасӣ шуданд, ҳаёту рӯзгори муосирон инъикос ёфтааст. Қиссаи модари бачакуш, сарнавишти нокоми духтари ӯ-Ғунча, ки дар боло зикраш рафт, воқеаи ҳаёти имрӯз мебошад. Хусусияти хосси асарҳое, ки ба ҳаёти муосирон бахшида мешаванд, ин аст, ки хонанда дар он асарҳо афродеро мебинад, ки дар паҳлуи ӯ кору зиндагӣ доранд, дар баробари ӯ талош мекунанд, дар асар мавзуе баррасӣ мегардад, ки мавзуи мубрами рӯз аст.

Қаҳрамони марказии романи **«Зуза»** Шубон низ ба нокомиҳо, туҳмату буҳтонҳое дучор мешавад, ки ҷомеаи ҷангзадаи ба буҳрони иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гирифтор ба сари ӯ ва дигар ҳамдиёронаш овардааст ва ин гирифториҳо, билахира ӯро ба нобудӣ мебаранд. Муаллиф тавонистааст, симои Шубонро чун як фарди ростқавл, соҳибирода ва тавоно, доно ва соҳиби идроки баланд офарад. Аз назари аввал касе, ки мактабро партофтаву таҳсилро нима монда, пайи чӯпонӣ гардид, наметавонад, мисли як фарди қавӣ шоистаи мақоми арзандае дар ҷомеа шавад. Вале Шубоне, ки Сорбон дар асар чеҳраашро менамоёнад, на танҳо соҳиби эътибору обрӯст, балки бо як иродаи қавӣ ва ҷасорат дар лобалои мушкилот ва душвориҳое, ки барои ӯ мудири ферма-Ферма, ревизор-Ҳулол, сармуҳосиб-Осим ва амсоли онон эҷод мекунанд, ба по меистад. Ин сару садои талошу муборизаҳои ӯ бо ин шахсиятҳо ҷомеаро фаро гирифта, Шубонро намунаи дигар афроди ҷомеаи фурӯпошидаи буҳронии ҷангзада менамояд. Дар ҳама ҳолат: хоҳ дар назди бозпурс-хонум, хоҳ дар рӯ ба рӯйи судя, ё дар баҳсу даъво бо Ҷаллоб-чӯпон Шубон бо ҳамон қомати афрохта, чеҳраи андешаманд ва наҷобату шарафмандии хос ҷилвагар аст. Дар муқобили кирдорҳои палидонаи Ҷаллоб, Ревизор, Сармуҳосиб, Ферма, ки мехоҳанд, ҳама даричаи умедро ба рӯйи ӯ бубананд, қомати афрохтаи Шубон, ҳатто замоне, ки бо туҳмату буҳтон чанд рӯзе зиндонӣ ҳам шуд, мисли Шубон аз қиссаи **«Спитамон»** шикастнопазир ва мағлубнашаванда менамояд.

Садоқати Шубон ба пешаи худ боз аз он аст, ки меросист. Падари ӯ-Шодӣ низ чӯпони номии рамаи колхоз буд: «Падараш Шодиро дар худи

Девлохи Барфи Кач̣, мол бесоҳиб намонад гуфта, рафта ба узвияти Партияи Коммунистӣ пазируфта буданд» [46, с.157].

Қаҳрамонҳои романҳои **«Зуза»** ва **«Барзгар»** ҳар ду бо мушкилоти ҷомеаи фурӯпошидаи буҳронӣ ва ҷангзада рӯ ба рӯ мешаванд, ки ахлоқи ҷомеа ба ҳам рехтаву инсонҳо эътиборе надоранд. Вале ин ду симо аз ҳам хеле тафовут доранд. Қаҳрамони романи **«Барзгар»** дар рӯ ба рӯйи мушкилоти иҳотанамудааш ҳамеша оҷиз ва нотавон ба мушоҳида мерасад; писараш дар маҳбаси Русия бегуноҳ гирифтор, ҳамсараш аз ғами писари ғарибкор ва акнун маҳбус ва ташвишҳои беохир қоматхамидаву бечора. Ӯ дар рӯ ба рӯйи Раису Ороста баринҳо, ки маншаи вайроншавии низоми ҷомеа ва буҳрони ахлоқиву иҷтимоӣ гардидаанд, ҳеч аксуламале нишон намедиҳад, коре карда наметавонад. Аммо Шубон бо ҳама воқеаҳое, ки ба сараш меоянд, қавитар аз қаҳрамони романи **«Барзгар»** аст. Барзгар хонаводаи солим, зани пуротифат ва бовафо, фарзандон, писари баркамоле, ки дар мулки бегона ноҳақ зиндонӣ шудаву умеди раҳоӣ таркаш накардааст, дорад. Ӯ низ чун Шубон марди бонангу ғурур ва росткор буда, ҳатто барои ҳалли он мушкилоте, ки рӯ ба рӯ шудааст, бо Ҳоҷӣ-Раису Ороста барин одамон ҳеҷ равобите доштан намехоҳад: «- Ҳеч кас феъли хуб надорад. Вақте феълашон хуб шавад, ки корашон афтаду иҷро гардад.

Ҳааа. Илоҳӣ ҳамон кор наафтад» [46, с.40].

Агар Барзгар дар ҳалли ҳама мушкилоти иҷтимоӣ ва хонаводагии хеш танҳост, Шубон баъди марги ҳамсараш Дилрабо эҳсоси танҳоӣ дорад. Эҳсоси дарки танҳоии Шубон аз танҳоии Барзгар тафовут дошта, он мазмуни оҷизии ӯро намедиҳад, балки ниёзи ӯро ба меҳру муҳаббати зан ва бунёди хонаводаи ҷадид ифода мекунад, вале мутаассифона, ин ба қаҳрамон муяссар намегардад.

Шубон ба ҳама рафтори Ферма, Сармуҳосиб ва Ревизор аксуламал нишон дода, оқибат чеҳраи аслии ин молимардумхӯронро ошкор мекунад. Манзараи молро ба деҳа оварда, ба соҳибонашон супурдани ӯ дар муқобили ин тоифаи ҳаромкору ҳаромхор муқовимати ӯст.

Нуктаи муҳим дар асари **«Зуза»** он аст, ки адолат барқарор гардида, ҳаромхорон ҳар кадом ҷазои сазовори хешро мебинанд; Ревизору Сармуҳосиб ва Ферма ба маҳкама кашида мешаванд, писари Ҷаллоб Санг аспи Камол Мергани паси ағба, яъне кишвари ҳамсояро дуздида, худро асири аспдорон ва падарро аз кор маҳруму сарсону саргардон менамояд, рамае, ки Ҷаллоб дар кӯҳу дашт мечаронд, рамаи колхозро, ки мансабдорони ноҳия бо санадҳои қалбакӣ моли худ гардонда буданд, писари Камол Мерган бо ҳамроҳонаш бо худ ба кишвари ҳамсоя бурд. Вале муносибати бозпурс-хонум бо Шубони «болобаланди қавитан» оғози муҳаббати ду каси шикастабахт буда, бенишон ғайб задани Дилорои бозпурс як вазъи ногувориноравшан ва номаълумеро ба миён меорад. Дилоро, ки ба Шубон таваҷҷуҳи худро пинҳон намедошт ва ҳатто миёни ҷамъи ҳамкорон бо садои баланд муҳаббати худро ба Шубон эътироф кард, наметавонист, бе ҳеч ҳарфу сухан ғайб занад. Муаллиф бояд барои якбора аз хати сужа ғайб задани Дилоро-бозпурс тавзеҳе пайдо мекард.

Ҳузури Холи қавипанҷаи палангафкан, ки аз бародар дар мардӣ ва нангу номусдорӣ кам набуда, ҳамеша паҳлуи Шубон қарор дошт, ба симои ӯ тавонмандӣ ва ҷасорати дигар мебахшад. Даме ки Шубон, ки баъди ҳуҷум ва набард бо гургон дигар маҷоли аз ҷо хестан надорад, посухи Фермаву Сармуҳосиб ва Ревизорро Хол медиҳад:

«Хол...ҳамин Кодокро намехарӣ?

- Кодок аз они кист, ки ман харам?
- Намедонӣ аз они кист? Аз они мо! Аз они колхоз буд, аз они мо шуд!
- Холи чӯпон заҳрханда кард: «Ба кӯҳҳо даст задед?» [46, с.175].

Фермаву Ҳулоли ревизор ва Осими муҳосиб, ки бо истифода аз вазъи буҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ ва ахлоқии ҷомеаи ҷангхӯрда даст ба моликияти халқ мезананд, омили аслии нобудии моликияти ҷомеа гардидаанд:

«- Дар мол моли шумо намонда! Аробаатонро кашед!

- Пас ин моли кист?

- Моли чакана!» [46, с.176].

Марги Шубон инфиҷори дарду алам ва буғзи дилаш ҳаст, ки аз натиҷаи ҳаромхориҳои Ферма, Ревизору Сармуҳосиб, беадолатиҳои қозӣ (судя), ки ӯро бе ҳеҷ гуноҳ дар маҳбас нигоҳ дошт, таҳқиру истинтоқи сахти милисаҳои зиндон ва дасисабозиҳои Чӯпон-Ҷаллоб пайдо шуда буд ва қаҳрамон наметавонист бо ин ҳама созиш кунад. Хиёнати Ало, ки аз забони Шубон бамаврид оварда шудааст, рамзӣ буда, маънии дар худ ниҳоне дорад: «Чӯпонӣ ҳам чунин буд: Мол дар девлохи хароб хоб мерафт, сагҳо бовафо буданд. Гург ғайрати пеш омадан надошт. Ҳоло андар кодоку камар нигаҳ дорӣ ҳам, гургон роҳ ёбанд; чунки сагҳо гург шудаанд. Ба умеди як лахт гӯшт меш ба гург диҳанд»[46, с.217].

Тағйири ҷомеа, шикасти низоми пешин ва табаддулотҳои нав дар ҷомеа, ҷанги дохилӣ, вазъи ноҷӯри иҷтимоӣ боиси бенизомӣ дар ҷомеа шуданд, ки он ба хароб шудани ахлоқи иҷтимоӣ ва футур рафтани воситаҳои истеҳсолкунанда оварда расонд. Ҷомеае, ки ба буҳрони ахлоқиву иҷтимоиву сиёсӣ гирифтор шудааст, мантиқан гӯё дигар ҳеҷ ҳадаферо думболагир нест. Ин duздиву ҳаромхориҳои Раиси калон бо Ферма, Ревизор ва Сармуҳосиб аз бенизомии ҷомеаи бунмояаш хароб сар мезанад. Ба паси панҷара кашидани онҳо нишони ба низом омадани ҷомеаи навин ва ба эътидол омадани вазъи печидаест, ки мардумро ноумед ва сардаргум намуда буд. Аммо дар асари **«Барзгар»** ҳама умедҳо мисли дони пошидаи Барзгар, ки зоғон бо қар-қари гӯшхарош батамом мехӯранд, нопадид мешаванд ва гӯё аслан нестанд. Марги Барзгар роҳкушое барои Раис ва ёронаш ҳаст, ки ҷавлони онҳо дар ҷомеаи футуррафта ва ҳанӯз аз оташи ҷанги дохилӣ пурра нораҳида идома дорад. Нависанда дар асари мазкур хурдтарин рамзи умеди раҳоӣ аз ин вазъи печидаи ҷомеаи футуррафта ва паёми кӯчаке ҳам азояндаи равшанро нишон надодааст.

Дар романи **«Зуза»** саҳнаҳои ба маҳкама кашида шудани Фермаву Ревизор ва Муҳосиб, аз зиндон озод шудани Шубон, ба подоши аспдуздиаш бедарак шудани писари Ҷаллоб-Чупони Санг баёнгари тантанаи адолати иҷтимоӣ буда, марги Шубон низ, ки баробари тир кушодан ба саги

хиёнаткор Ало рух медиҳад, аз нобудии хасм-дӯстони хиёнаткоре далолат мекунад.

Воқеан таҳқиқи мӯшикофонаи осори Сорбон аз тарафи пажуҳишгарони хориҷиву ватанӣ нишон медиҳад, ки майлу рағбати Сорбон ба офаридани қаҳрамони қавӣ, характерҳои қаҳрамонона бештар аст.

Муаллиф таъсири ҳодисаву воқеаҳои сиёсиро ба ҷомеа, ба сарнавишти одамон тавассути характери тавонманду қавӣ, мисли Шубон нишон додааст. Ӯ намунаи шахси некдил, худотарс, нексиришт ва қавиазму сахтиродаест, ки бо рафтору кирдор, ба мисли рамаро аз ҳуҷуми галаи гургони чилламаст аз рӯйи имону инсоф, дарки масъулият ва эътимоду бовари мардум бонӣ мекунад, дар рӯ ба рӯйи ҳама фишор ва тазйиқи Раис ва Фермаву ҳамтабақҳояш сар намефурорад, милисаеро, ки бо дасисаи Даллол барои пешандоз карда бурдани ӯ омада буд, водор месозад, ки аз рӯйи адолат рафтор намояд, ба дигарон таъсир мерасонанд.

Ин ду асари Сорбон **«Барзгар»** ва **«Зуза»** аз рӯйи мавзуъ ва мундариҷа, ки дигаргуншавии низоми ҷомеа, фурӯпошии даврони шуравӣ ва воқеаҳои охири солҳои навадуми садаи гузаштаро дар бар мегирад, ба ҳам монанданд.

Романи **«Барзгар»** фасле аз зиндагии иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи сардаргум ва гирифтори бадбахтиҳои иҷтимоиву ахлоқӣ буда, хурдтарин ҳодисаи ҷомеа ба ҳаёти инсонҳо, ҳатто ба дурдасттарин деҳ таъсири амиқи худро мегузорад. Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, фалаҷ гардидани ҳукумати давр, ки аз пайи хеш нооромиву нобасомониҳо ва ҷанги дохилиро овард, боиси дуздиву ғоратгарии рӯйрости моли халқу давлат, пастшавии ахлоқ, иваз шудани афкору андешаи мардум гардид. Зиндагии пурмашаққат, вазъи сангини иҷтимоӣ, ки дари раҳоӣ ба рӯйи қаҳрамон бастааст, ғарибкорӣ ва зиндонӣ гардидани писар дар мулки бегона, дидани чеҳраи ҳамсари аз андешаи фарзанди пойбанди зиндони мулки бегона ғамзада Барзгарро оқибат маҳв мекунанд. Вале Ҳоҷӣ-раису Ороста, ки омилсозони аслии рӯзгори ба ҳамрехтаи Барзгару хонаводааш ва мисли ӯ баринҳо мебошанд, ҳатто аз ин дарди ӯ низ мехоҳанд, суд баранд. Пешниҳоди раҳоии писари

Барзгар бо ивази пул аз маҳбаси Русия низ аз ҳамин иддаҳост, ки Ҳоҷӣ-раис бо маъшуқааш Ороста ба Барзгару занаш иброз менамоянд. Тасвирҳои асар ҳама аз оғоз, аз як зиндагии фурӯпошидаву қисмати баҳамрехтае дарак медиҳанд, ки пойбанди ҳаводиси иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа шудаанд. Барзгар низ яке аз қурбониёни ин вазъи печидаи ҷомеаи баҳамрехтаи низомшикаста буда, таҳти фишори бенизомии иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа қарор дорад. Ҷомеаи пешин аз миён рафтаву ҷомеаи нав бар асари харобкориҳо ва ҷанги дохилӣ ҳанӯз қудратманд нагардидааст. Писари Барзгар, ки дар ин рӯзгори баҳамрехта бояд дасти падар мегирифт, ба хотири ҳақталошӣ пойбанди зиндони мулки бегона шудааст. Бояд таъкид кард, ки Х.Шарифзода дар мақолаи худ доир ба ин асар таваҷҷуҳи худро бештар ба муваффақиятҳои асар равона намуда, аз норасоӣ ва камбудиҳои он, ҳатто ишорае ҳам накардааст. Муносибати Шодмон-мудири фермаи мурғ, ки орияти ҷавонмардӣ надорад, ба хиёнати рӯйрости ҳамсараш қонеъкунанда нест: «Ҳолиё зан нишаст ба сари зонуи раис ва ӯ...гунаашро лесид бо нӯги забон. Шуро хун ҷӯшид. Дил тапид. Тан ларзид. Дандон фишурд» [46, с.20]. Дар рӯ ба рӯйи ин хонаводаи пошхӯрда ва беҳувияту шараф хонаводаи Барзгару занаш инъикос ёфтааст, ки ба ҳам хеле меҳрубону дилсӯзанд: «Барзгар ва занаш ба якдигар нигариста, рӯзгори ҷавонӣ, ҳусни коста ва сурати калонсолӣ гирифта ва чӣ шудани ояндаро андеша мекунанд» [46, с.130].

Аммо Ороста ва Шодмон аз ин эҳсос маҳруманд, зеро ҳамсари Шодмон нахуст бозичаи дилхушии мазанги сиёҳ ва баъд Ҳоҷӣ-раис мегардад. Миёни нобасомониву сардаргумиҳо Барзгару занаш эҳтироми хонавода, садоқат ба ҳамсар, масъулият назди шарики умр, фарзандон, ору номусро аз даст нададаанд.

Бозгашти Ороста низ назди шавҳараш, ки бо гуноҳи ӯ ақлбохтаву девонаавзоъ гардида буд, баъди марги Ҳоҷӣ-раис, баъди он, ки дарк мекунад, ки раис занро ба он ниятҳое, ки дорад, намерасонад, ғайритабиӣ ба назар мерасад. Яъне, ин аз дарки гуноҳаш не, балки агар Ҳоҷӣ-раис намемурд, ё Ороста умед мекард, ки бо кумаки раис мансаберо соҳиб

мешавад, зан боз бо ин мард айшу ишратро идома медод. Аммо гӯё воқеае нашуда бошад, зан гуноҳи хешро бо шинондани чаҳор сада «мешӯяд». Анҷоми муносибати ин ду нафар-Шодмону занаш Ороста бемантиқ ба назар мерасад. Агар Шодмон пешнамуна ё прототипи хешро дошта бошад ҳам, ин воқеаҳо хеле аҳён вомехӯранд ва наметавонад як нафар симои мардони ҷомеаро мунъакис созад.

Нуктаи дигар, ки мавриди эрод аст, ин наздикони Шодмону Оростаанд. Хиёнати ҳамсари як мард ва боз ӯро ба сарҳади девонагӣ расонидан на танҳо аъзои хонаводаи ӯро бетараф намегузошт, балки ба сари мазраи номус меовард ва ягон эътироз нишон медоданд.

Романи мазкур маҳсули замони худ, замони пошхӯрии Ҳокимияти Шуравӣ ва омадани ҷомеаи нав, ки ҳанӯз ҳеч қудрате надошт, то ин бесомониҳоро ба низоми муайяне дароварад ва бар болои он ҷанги шаҳрвандӣ кишварро то ҳадди охир хароб карда, шуълаҳои умедро бар ояндаи равшане хомӯш мекард, маҳсуб мешавад. Ин воқеияти рӯзгори ҷомеае буд, ки мардум сар ба болин ниҳода, намедонистанд, фардо чӣ рӯзеву ҳаводиси дигаре ба сар хоҳад омад.

Бояд гуфт, ки қатъи назар аз камбудиҳои ҷойдошта романи **«Барзгар»** асари пурарзише буда, ба қавли Х. Шарифзода «далели ба роҳи мустақили шинохти таърих ва зиндагонии мардум даромадани адабиёт аст» [46, с.38].

Асари ёддоштии **«Лоиқнома»**-и Сорбон, ки ба ёдбуди дӯсти равоншоди адиб Лоиқ Шералӣ эҷод шудааст, на танҳо қиссаи пурсӯзи дӯстӣ ва пайванди ду эҷодкор аст, балки симоҳои шинохтаи аҳли илму адаб, шахсиятҳои маъруфи миллати моро муаррифӣ мекунад. Аз маълумоте, ки дар асар омадаанд, бармеояд, ки дӯстии ин ду саршиноси миллат аз омӯзишгоҳи он замон хеле бонуфуз ва овозадори шаҳри Панҷакент оғоз меёбад, ки бо амри тақдир ҳар ду ҳамсабақу шарикдарс мешаванд: «Лоиқро аз он ҷо шинохтам» [36, с.295].

Сорбон дар ин асар тамоми воқеаҳое, ки дар давоми умр аз сари ӯву дӯсташ Лоиқ гузаштаанд, овардааст. Таҳсил дар омӯзишгоҳ, ки пойдевори дӯстиву рафоқати ин ду танро мустаҳкам намуда буд, бо ҷӯшу хурӯши

ҷавонӣ паси сар мешуд. Лаҳзаҳои нотакрори дарс, айёми пахтачинӣ дар Қарақчиқум, айёми беғамӣ, ҳазлу шӯхиҳои навҷавонӣ бо дарду сӯз тасвир шудааст: «Лоиқ ҷомаи адрас дошт ва ман ҷомаи беқасаб. Равонашон шод бод, Абдуҷаббор Шарифзода…инсони нотакрор буданд…номҳоро дар хотир нигоҳ намедоштанд ва ба ҳар кас ном монда, муроҷиат мекарданд: Лоиқро аз рӯйи ҷомааш «Адрас, дарсро такрор бикун» мегуфтанд; маро «Беқасаб, вазифа чӣ буд?» мепурсиданд»[36, с.295].

Аз навиштаи Сорбон зиндагии басо содаву бебизоат, вале орӣ аз кизбу қабоҳат, хеле ширину гуворо ва пур аз умед ҷилвагар мешавад: «Ҳамон ҷома-ҳамроҳ шуданд ако (Қоришариф-бародари Лоиқ)-…ҷомаи домодии падарамон…Рӯзе, ки Лоиқ ба хондан рафт, модарам он ҷомаро гирифта, буру дӯз карда ба тани Лоиқ мувофиқ гардонд ва ӯро чун домодча ороста ба хондан фиристод»[36, с.295].

Таҳсилу тадриси ин ду навҷавон дар Панҷакент бо хатми он ва азми Душанбе бо мақсади идомаи таҳсил ба итмом мерасад. Аммо Лоиқ сароввал донишҷӯйи факултети методикаи Донишгоҳи омӯзгорӣ мешавад. Маҳз бо кӯмаки Н. Маъсумӣ Лоиқ ба факултети дилхоҳаш гузаронда мешавад. Сорбон манзараи аз қафои Н. Маъсумӣ чанд рӯз беҳарфу сухан поида рафтани дӯсташро аз забони худи ӯ хеле табиӣ ва Лоиқона, бо оҳанги ҳазлу мутойиба тасвир намудааст: «Акнун ҳар рӯз аз дунболи Носирҷон Маъсумӣ кашол будам. Хона мерафтанд, аз пасашон будам, ба кор раванд, бар асарашон мерафтам. Он кас чизеро пай бурдагӣ барин гоҳ-гоҳ ба пас менигаристанд ва ман худро паси дарахту буни девор мекашидам. Рӯзе дар хамгашти кӯча якбора истода «Ту, бачча, чаро ин қадар аз пайи ман мегардӣ?» гуфта сиёсат карданд. Дасту поям ларзида ва пешонаам арақ карда, дар ҷоям шах шудам ва «Муаллим, муаллим…» гуфта тавонистам. Ҳаяҷони маро дида, баргашта пеш омаданд.

- Чӣ мехоҳӣ?

- Ман Лоиқ…-ҳамин қадар гуфта тавонистам.

- Хӯш! Лоиқ чӣ мехоҳад?

- Муаллим, маро ба шуъбаи забон ва адабиёт гузаронед…» [36, с.29].

Баъди хатми донишкада Лоиқу Сорбон боз ҳамроҳ дар шуъбаи адабии радио ба кор медароянд, ки дар ин замон ҳарду алаккай чун адибони ҷавон-Лоиқ шоир, Сорбон ба қавли дӯсташ-парешоннавис эътироф шуда будаанд. Ин мисраҳои шеъргуна аз хушгӯиҳои Лоиқ аз он замон ёд мекунад:

«Эфир аст ин. Радио? Ё қар-қари зоғост ин?

Паф-пуфи гӯяндаҳо ё хонайи ғавғост ин?

Ё муҳаррир, ё мунаққид ё хамӯши садзабон,

Хоксори худписанд ё писари Ҳамрост ин?» [36, с.298].

Лоиқи ҷавону бебок, ки балогардонаш аз ҳар ҳасудхӯру нотавонбин Мирзо Турсунзода буд, маҳз бо як шеър, бо шеъри **«Ба модарам»** бо тавсияи М. Турсунзода узви Иттиҳоди нависандагони ҷумҳурӣ шуда буд, акнун аз дастгириҳои ин пири хирадманд илҳом ва руҳ мегирифт: «…Шеъри **«Ба модарам»** магар китоб нест? Мо ҳам ба модар шеър бахшидагӣ…Лекин ангорайи модари тоҷикро Лоиқ дар шеъраш таҷассум карда тавонист. А, Мӯъминшо?» [36, с.298].

Сорбон зиндагии дӯсти равоншоди худро давра ба давра дар китобаш овардаст, ки хислати хӯйи на танҳо Лоиқи ростқавлу сухангӯю сухандон, балки Сорбони ботаҳаммул ва «ҷонгарави Лоиқ»-ро ошкор мекунад. Дӯстии онҳо хонаводагӣ буда, дар тули беш аз чаҳор даҳсола аз тамоми ҷузъиёти ҳаёти ҳамдигар воқиф ва ғамширик будаанд. Суҳбати Лоиқу падари Сорбон Ҳамроҳи Қодир низ паҳлуҳои норавшани характерҳои ҳарду адибро ошкор месозад: «Лоиқ қиссаҳойи падарашу амакашу падари маро медонист ва дар даҳонаш ханда рӯҳбардорӣ мекард:

- Ҳамаашро Сорбон навишт!

- Аз баройи Худо? Не-е…Наменависад. Мумкин не, навиштан…

- Чаро?

-Ту нависӣ мешавад…

- Чӣ хел?

- Ту бебокӣ, вай бамулоҳиза» [36, с.273].

Ҳангоме ки Лоиқ ба хизмати афсарӣ меравад, дар гусели ӯ аз наздикон танҳо Сорбон ҳузур дорад: «Ту ба ҷойи ҳама…падару модарам ва бародарамро хабар накардем…

Қатора медавид, ман медавидам. Ӯ лабханд дошт ва дар ҳамон ҳолат ҳам ҳазл мекард: «Бидав! Бидав! Давидани гӯсола то каҳдон!» [36, с.316].

Вале қатора суръат гирифт… Ман бори нахуст танҳо мондам. Дар миёни адибон, рафиқон, ҳамкорон, ҳамсуҳбатон ва як шаҳр одам танҳо мондам. Он ки дилаш монанд ба дили ман буд, он ки хаёлаш рангин, парвози фикраш то чархи барин, шеъраш намакин ва феълу атвораш сангин буд, дур рафт…» [36, с.317].

Номаҳои аскарии Лоиқ гувоҳи пайванди ногусастании ин ду ҷавони ташнаи илм, шеър, адабиёт ва дӯстдори забони модарӣ буда, дӯстӣ ва рафоқати онҳоро боз мустаҳкам мекард: «Облоқул, ман асари Балзак «Шагренавая кожа»-ро хондам, албатта ту ҳам пайдо карда хон…Чӣ навигариҳо? Есенин баромад?» (манзур асари шоир аст-шарҳи Ҳ.М.) Ба фикрам мунтахаби Сайидо бояд барояд ё дигар классикҳо, ба ман фиристон. Баъзан бо хат газета гуфтанӣ чизҳо ҳам шавад». [36, с.323].

Лаҳзаҳои ҳассосу ҳаяҷонангези ҳаёти ҳарду адиб, ки дар асар тасвир ёфтаанд, ба мисли аз муносибати силоҳбадасти камхирад сахт шӯридани Лоиқ, дар дараи Майхӯра ба ҷарӣ ғелидани Сорбон хеле зиёданд: «Ва ӯ автомат сӯйи Лоиқ рост карда пурсид:

- Куҷо барум?!

-Ҷое, ки гуфтум!- Лоиқ низ мисли даҳони автомат даҳон кушода дошта, сарсина пеш дамонда нимхез шуд ва даҳонаш ба даҳони автомат рост омад. О намедонистем, чӣ кор кунем ва ман аз сари хон рост шудам миёни ду даҳон» [36, с.321].

Дар манзараи боло Лоиқи шуҷоатманд, ки дар он айём бо силоҳбадасти хирасар сар ба сар шудан кори ҳар кас набуд, ҳарфи камондорро бо хатари ҷон ба даҳонаш мезанад.

Дар ҷои дигар муаллиф аз забони худи Лоиқ дар бораи дӯсташ-Сорбон овардааст:«Сорбон нависандаи боасолат аст, нависандаи асил аст.

Ҳар чӣ медонад, ҳар чӣ мушоҳида кардааст, ҳар чӣ ба назари вай мерасад, барои насри бузург истифода мебарад…дар зоти худаш нотакрор аст»[36, с.407].

Сорбон азбаски бо дӯсташ пайванди хонаводагӣ низ пайдо карда буданд, яъне муносибати дерсоли ҳар ду то ба муносибатҳои хешутаборӣ расида буд, симои модари Лоиқ-Бибизаҳро ва ҳамсари ӯ Зебунисо, фарзандони ӯро низ тасвир кардааст. Масалан, суҳбати Лоиқу модараш хеле ҳаяҷонангез ва таъсирбахш аст: «Фақат ту бояд ғами халқу ғами миллата хӯрӣ. Як бор онҳо ҳам ғами туя хӯранд-дия...

Лоиқ парида хест. Очаро оғӯш гирифт. Сар ба китфаш гузошт. Бехи гӯши модар оҳиста садо баровард:

- Шумо ҳамин чизҳоро фарқ карда метавонед, оча?

- Ман фарқ карда наметавонистам, ту Лоиқ мешудӣ?» [36, с.257].

Аз **«Лоиқнома»-**и Сорбон симои ҳамсари ботаҳаммули шоир бонуи равоншод Зебунисо, ки умре дар паҳлуи шоир дар хидмати ӯ буд, зебо таҷассум ёфтааст: «Зебунисо аз рӯйи одат чойи кабуди талх дам карда овард ва чойник рӯйи мизи кории шоир гузошта хомӯш баромад, то риштаи хаёли ӯ халал напазирад…Яке аз бурдҳои шоир зани порсо ва бовафо доштани ӯст…» [36, с.400].

Як нукта мавриди зикр аст, ки Сорбон дар асари мазкур на танҳо симои Лоиқро ҳамчун як шоири пурсӯзи миллат муаррифӣ мекунад, балки як давраи муайяни таърихиии кишвату миллатро тасвир намуда, паҳлуҳои норавшани ҳодисаву воқеаҳои маълуми замонро равшанӣ андохта, чеҳраҳои саршиносу шинохтаи адабиёту фарҳанги миллатро таҷассум намудааст.

Хулоса, нависанда тавонистааст, дар осори худ паҳлуҳои гуногуни рӯзгор, вазъи иҷтимоӣ, ахлоқӣ, равонии ҳамзамононро бо тасвирҳои боарзишу ҷолиб, симоҳои равшану характерҳои барҷаста ба рӯйи саҳифа кашад.

### 1.3.Тасвири симои зани тоҷик дар осори Сорбон

Яке аз вежагии осори Сорбон, ки мавқеи ӯро дар адабиёти навин муайян мекунад, офаридани характерҳои қавӣ, зурманд ва тасвири симоҳои барҷаставу ҷолиб мебошад. Ӯ дар тамоми марҳилаҳои эҷодӣ ба мавзуи ҳаёти пур аз шебу фарози зан, мақоми ӯ дар ҷомеа, нақши зан дар ҳаёти иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намуда, симоҳо ва паҳлуҳои гуногуни ҳаёти занро воқеънигорона тасвир кардааст. Фасли зерин тасвири симои занони тоҷикро дар осори Сорбон баррасӣ мекунад.

Нависанда паҳлуҳои гуногуни характери зан, ба мисли Ороста аз романи **«Барзгар»**, ки ба хотири мансаб, айшу ишрат исмату шараф зери по карда, худро беобрӯ ва шавҳарро гирифтори бемори руҳӣ мекунад, Гул аз қиссаи **«Ғори одамхор»**, ки ба хотири айшу ишрати даргузар духтарашро ба қатл мерасонад, тасвир кардааст. Дар дигар осори адиб инъикоси чеҳраҳои пурнаҷобату отифатолуда, ҷасорат, фурӯтанӣ, таҳаммулгароӣ ва қавииродагиву матонати зан, ба мисли Шарифа аз романи **«Шарифа»**, ки ҷасорати бемисл дорад, Саидабону аз ҳикояи **«Табари хунолуд»**, ки барои интиқоми шавҳар ва раҳоии духтари наврасаш-Муаттар аввал нақша тарҳрезӣ карда, сардори дастаи босмачиён Қурбон-қурбоширо бо табар мекушад, Гулсимо аз ҳикояи **«Гови Мир»**, ки ҷуръаташ дар кӯҳистони дурдаст шоистаи таҳсин аст, кампири Бимоҳ аз **«Рағза»**, ки бо вуҷуди ин қадар ғаму андуҳ боз дили бузург ва покизае дорад, дар маркази диди таҳқиқи бадеӣ қарор гирифтааст.

Дар романи **«Ниёз-кончӣ»** симои занҳои тоҷик, дар мисоли Сабзинаи азобкашида, ки сарриштаи тақдираш умре ба дасти дигарон ё ба ҳақ ё ба ноҳақ буд, ҳама меҳру муҳаббати дар сина ниҳонашро ба Ниёз бахшидан мехост, Ширбадани ҳуснаш оламгир, ки ҳусни зиёд мояи бадбахтии ӯ гардида, баъди сари шавҳари ҷавонмарг ӯро туъмаи амали нокасону ноҷавонмардон намуд, тасвир ёфтааст. Ҳар ду зан, ҳам Сабзина ва ҳам Ширбадан симоҳои занони азияткашидаву кулфатзадаи сад сол пешанд, ки барои ҳалли одитарин масъалаи зиндагии худ ҳаққи овоз баланд кардан надоранд. Гоҳе, ки ӯро бо бародаршавҳараш-Намоз бадном мекунанд, ӯ

хомӯш аст, шавҳараш Файёзро мурда пиндошта, Сабзинаро ба бародари шавҳараш Аёз ба занӣ медиҳанд, ӯ хомӯш аст. Маҳз ҳамин хомӯшиву фурӯтанӣ ва итоаткории беҳақу ҳуқуқ ӯро ҳадафи маломат ва бадномӣ месозад, ки ин дар манзараи ҷанҷолу хархашаи зани Намоз равшан нишон дода шудааст: «Ку, ман ту зура бинам! Аббос аз камари додот нашудааст, ки ӯро занӣ! Аз камари додот бача мешуд, мана ба ин манҷалакӣ мешуд! – Сабзинаро нишон дода гуфт ӯ. –Аз Файёз нашуд, аз Намоз нашуд, тани худро ба Аёз бахшид! Гӯё бо ин сухани ноҷо ҳама қиссаро ба Гулбарг гуфтан хост.

-Мур! Ту беномус, Мур! Танатро ба се бародар бахшидӣ, боз забонат як қулоч! - таъна мезад очаи Аббос» [37, с.66].

Бадбахтиву нокомиҳои Сабзина аз ҷомеаи бунмояаш хароб маншаъ мегирифт, ки ҳуқуқи инсон баробар ба мансабу маснад ва дороии ӯ муайян мешуд, зан дар ҳеч вазъу ҳолат  ҳуқуқи барои худ овоз баланд кардан, аз хеш ҳимоят кардан надошт. Сабзинаву Ширбадан низ аз он занони беҳуқуқ ва бадбахти айёми худ буданд, ки дар он ҷомеаи бунёдаш бар зулму ноҳаққӣ ҷуз сари итоат фурӯ бурдан дигар чора надоштанд. Сабзинаи танҳову ранҷкашида ҳама меҳри худро ба Ниёз бахшида буд, аз бозгашти ӯ модарвор шодӣ мекунад: «-Очат мурад дар қаду бастат!» садо омад аз болохона…ҷониби Ниёз омад ва акнун ӯ шинохт, ки ин зани хушгапу хушовоз кист…Сабзина» [37, с.146] .

Ширбадан дар ибтидо ҳамсари хушбахти беҳтарин ҷавонмарди дараи Некон-Ниёз, модари тифли дӯстрӯ-Умар аз зиндагӣ шукргузор аст: «Дур нарав, ҷонам, зуд баргард, меҳрубонам» муомилаҳои Ширбадан бо Ниёз чунин буд» [37, с.217].

Аммо ин дер давом накард, ҳамсараш-Ниёзро, ки сутуни зиндагияш буд, қотилон ваҳшиёна куштанд, бобои ҳимоятгараш ба ин фоҷиа тоб наоварда, фавтид. Ширбаданро аз канори фарзанди ягонааш – Умар медузданд ва бо ҳамин сарнавишти ӯ номаълум мемонад. Сабзинаи сафеддилу сафедмӯй боқии умрашро ба тарбияи Умар, фарзанди Ниёз ва Ширбадан мебахшад.

Вале бадбахтии Маҳтоб-духтари Намоз натиҷаи аъмоли палидонаи падару модар ва аҳли хонаводаи ӯст, ки тули солҳо ба наздикон раво медиданд.

Аммо қаҳрамони романи сеҷилдаи **«Зарафшон»** Шарифа намоёнтарин симои зан дар эҷодиёти адиб буда, матонат ва шуҷоати ӯ дар он замони пурҷаҳолат, ки заноне, мисли Сабзинаву Ширбадан ҳеч ҳуқуқе надоштанд, аз худ ҳимоя карда наметавонистанд, сарнавишташон бозичаи дасти марду номард мешуд, зидди зулм ва найрангҳои Зуҳур, бар муқобили беадолатиҳои қозӣ ва дигар андозчинону гумоштагони подшоҳӣ характери занро қавӣ ва барҷаста нишон медиҳад.

Таънаву маломати ӯ ба ҳар се писараш ҷуръату ҷасорат омӯзонида, мардиву мардонагӣ мебахшад: «Ҷуръат надорӣ, тарсат зиёд…Аз тарс мурод ҳосил нашавад. Ягон баҳодур ба роҳи раву биё сафар накардааст. Ҳамаашон ба роҳи раву наё рафтаанд…Ҷасуронро Худо мададгор аст, буздилонро шайтон!» [38, с.86].

Шарифа мисли дигар модарони фурӯтану итоаткори тоҷик, ки ҳамаро аз қисмату сарнавишт медонистанд, оҷизона интизори рӯзи ҷазо набуда, писаронро ба қасоси хуни падар даъват мекунад: «Чил гузашт. Сол гузашт…Модар Ҷӯраву Сангинро нишонду гуфт: «...агар шумо қасоси падар ситонида натавонед, худам меситонам» [38, с.42]. Фалсафаи зиндагӣ, ҳама рафтору кирдори модар дар посухи ӯ ба писараш, ки  ҳангоми говро талаб кардани андозчинонон ошкор шуда, паҳлуҳои мухталифи характери қаҳрамонро равшанӣ мебахшад: «- Гап дар гов не, бачам…Гап дар ору номус. Нон аз даҳонат баранд, хап шинӣ, магар мардист?» [38, с.133].

Шуҷоати ибратомӯзи Шарифа ба он ҳаддест, ки ӯ аз гузаштагони подшоҳу амин гурехта, пинҳон шуданро ор дониста, хонаву дар, манзилашро бонӣ кардан мехоҳад:

«- Мегурезем, оча!

- Гурезем? Ба куҷо? Барои чӣ?

- Ба кӯҳ...Вагарна мекушанд...

-- Не моро намекушанд...Ҳамаро кушта наметавонанд...» [38, с.135].

Нотарсиву мардонагии зан баъди ӯро ҳукми сангсор фармудани қозӣ бештар аён мешавад, зеро ӯро ҳатто ин фатвои ноҳақ ва золимона аз роҳ намегардонад ва иродаашро намешиканад:

«Шарифа ба чашмони рӯбаҳонаи қозӣ сахт нигарист... кафид:

- Шумо чӣ раҳм мекунед ба ман? Гуноҳам бошад, паронед! Овезед! Аммо ҳар дафъа маломат накунед!» [38, с.115].

Ин ҷасорати Шарифа дар он айём, ки ба чунин рафтору амал дар замони муосир на ҳама зани тоҷик қодир аст, гӯшношунид ва боварнокарданӣ буда, он ҳама фатвою афкори хурофотолудаи қозиву аминро беарзиш мекард:

«Шарифа аз дарвоза баромада, назди Зуҳур рафт. Расиду аз гиребони ӯ гирифт ва ба девори хони Маллабой рост кард, гулӯяшро фишурд» [38, с.133].

Шарифа дар набард бо Зукур, баҳсу мунозира бо қозӣ барои ҳукми беадолатона мардонагиву ҷасорат нишон диҳад, бо ба хонаву дараш бе ҳеч эътироз ва мамнуният роҳ додани Гулсифат, ки ишқварзӣ бо Бурҳон ва аз хонаи шавҳар гурехтан ӯро бадном ва сабабгори моҷароҳои зиёде, ба мисли марги Моҳбӣ, Усто Карим гардонда буд, худро чун зани бамулоҳиза ва соҳиби афкори тоза муаррифӣ кард:

«- Оча арӯс намешинанд!

Арӯс шинанд… Ҷонам, молам закоти ҷони арӯс!» [38, с.166].

Ин зани дардошно бо Марями рус на мисли як зани бедин, ғайримусулмон, балки чун шахси аз наздикону пайвандон дур ва ғарибу мусофир муносибати дилсӯзона ва инсонпарварона дорад. Марям низ ба Шарифа на танҳо эҳтиром, балки як меҳри ниҳонӣ дорад: « ...мехост бо Шарифаи афсонавӣ зиёд шинад. Вақтҳои аз карда пушаймон шудан Шарифаро пеши назар меовард, баҷуръат мешуд» [38, с.169].

Матонату иродаву Шарифаро фишору зиддияти қозиву ҳукуматдорон, маломату мазаммати ҳамдеҳагон шикаста наметавонанд. Ӯ на танҳо аз

карда пушаймон нест, балки набард бо Зукурро ҷурму гуноҳ не, балки савоб мешуморад: «Шарифа... Зайле, ки касе зери кашаш дошта озод бардошта бошад, ҷаста хест:

- Гуноҳ не, савоб аст!

Сангин ҳайрон, ки модар дар бораи кадом гуноҳу савоб мегӯяд.

- Гуноҳи кӣ! Савоби чӣ, оча?

- Гуноҳи худам! Ман онро савоб медонам, аммо Худо чӣ мефармояд?» [35, с.100].

Кӯшиши Шарифа барои раҳоии додараш-Ёрмуҳаммад аз дасти Ҳомид қурбошӣ ба симои ӯ тамомияти дигар медиҳад:

«- Гуфтанд, мардӣ дорӣ, пасттар аз зан будай…

- Гӯр кобед барои ин модасаг!

-Илоҳӣ, дар хунат ҷӯлида мурӣ, қурбошӣ!» [38, с.243].

Симои Саидабону аз ҳикояи **«Табари хунолуд»** симои зани ғаюр ва боҷасоратест, ки далериаш мисли матонати Шарифа шуҷоатомӯзи мардон аст. Қурбон-қурбошӣ шавҳари Саидабону-Саидбурҳонро ба қатл расонида, чанд муддат нагузашта, боз хостгори духтари Саидабону-Муаттари соҳибҷамол мегардад. Вале зан оқилона, ба майли қурбошӣ, ки дар ҳар деҳ як духтарро гӯё танҳо барои айши якшаба никоҳ мекард, бе ҳеч эътироз ӯро бо хушӣ пешвоз мегирад, розӣ шуда, ӯро ба шартҳои худ розӣ мекунад. Қурбошӣ дар дил ба ҳоли зан хандида, ба «туй» розигӣ медиҳад: «Ҳа -а, ӯ гумон дорад, ки ман умрбод духтарашро зан бикунам..Надонад, ки буду шуд як шаб…» [43, с.340].

Зан, ки медонад, қурбошӣ шавҳарашро кушт, писаронашро низ қатл карда, духтарашро бо зурӣ мерабояд, дурандешона амал мекунад, зеро дар муқобили дастаи босмачиён коре карда наметавонад: «Қурбон-қӯрбошӣ... хандон ҷониби зан омада, даст ёзида, лаби нон шикаста, ба намак зад ва ба даҳон бурд. Сахт маъқул нашуд ин мард ба Саидабону. Мисли буққа тофт ӯ, аммо лақабашро Хук ниҳода буданд, риши каландии ғӯлӣ, даҳони гирда ва чашмони бенури ӯ хуш наомад ба зан. Бо вуҷуди ин табассум кард [43, с.340].

Воқеан, муаллиф қассоси занро аз сардори дастаи босмачиён бо малакаву маҳорат мегирад, ки ба ҳимояи номус ва шарафи инсонӣ рабт дорад. Дастоварди муаллиф дар ҳикояи мазкур на танҳо инъикоси фоҷиаи таърихии миллат аст, балки ба воситаи он нависанда характери қавӣ, барҷаста ва симои намоёну ҷаззоб офаридааст.

Саидабону низ мисли Шарифа, ки фарзандон ба қасоси хуни падар ташвиқ менамуд, бо таънаву маломат писарон ва мардони деҳаро ба нест кардани босмачиён даъват мекунад. Вале қассоси Саидабону фақат қассоси хуни шавҳараш Саидбурҳон набуда, балки ӯ ҳазорон Саидбурҳони дигарро, садҳо духтари ноболиғро наҷот медиҳад: «Ӯ гиряд, ки духтари ноболиғро аз коми гурги гурусна раҳонд, як қурбонии навинро боздошт. Ва хост ба онҳо бигӯяд, ки нобуд кардани дигарон кори шумост»[43, с.337].

Ҳарфи таънаомези Саидабону ба писар ва дигар мардони деҳа, ки корди сӯяш дарознамудаи модарро нагирифта, мегурезанд, маҳз ба як хонаводаи ӯ мансуб набуда, характери иҷтимоӣ ва умумиро соҳиб аст:

« - Чунин боғайрат, ки ҳама чизро аз даст додед!» [43, с.343].

Ҷуръату шуҷоати зан маҳз бо ин ҳарф, ки мардонро ба интиқом даъват мекард, интиҳо намеёбад: «Ҷасорати ин зан фақат бо сухан ба мардон таҳрик бахшидан маҳдуд намешавад: «…табарро бардошт. Ба ҳар касе, ки ҳушёр буд дароз кард. Касе нагирифт. Саидабону табар дар даст аз дари хона даромад ва аз болои Расулу савори аспи ало қадам монда, гузашта, болои сари қурбошӣ омад ва хам шуда дид, ки ӯ хандад» [43, с.343].

Саидабону на танҳо чун як зани интиқомҷӯ, модари бахашмомада, ки хавфи аз даст додани фарзанд таҳдидаш мекунад, балки мисли як фармондеҳи кордону пуртаҷриба як писар назди аскарони Сурх мефиристад, ду писари дигар ва мардони ҳамдеҳаро, ки аз воқеа хабар ёфта, ба ҳавлии ӯ омадаанд, амр медиҳад, дасту пойи босмачиёнро банданд: «Ҳамаашонро дасту пай бандед! –фармуд модар ва имон дошт, ки ин корро писари калонӣ бикунад, худ боз ба хона даромад» [43, с.342].

Бо он ки зан дурандешона роҳи раҳоиро аз дастаи ғоратгару қотили босмачиён меёбад, дар роҳи истиқболи аскарони Сурх як писарашро

сарбози Сурх мепаронад. Ба андешаи Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ, ин анҷом «умеди озодиро аз байн мебарад» [137, с.57].

Воқеан дар оташи ҷонсӯзи ҳар ҷанг бештар одамони бегуноҳ қурбон мешаванд, ки фоҷиаи писари Саидабону низ далели ин аст. «Ба кӣ бовар кунем» [43, с.344], гуфтани Саидабону воқеан умеди барбодрафтаи ӯ ва монанди ӯ баринҳоро ифода мекунад. Аммо дар анҷоми ҳикоя нуктае ҳаст, ки Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ нодида гирифтааст, ё мавриди эътибор нашуморидааст: «Модар оҳиста сар бардошта нигарист ва аз паси пардаи ашк гоҳ намуду гоҳ не, дастаи аскарон пеш омаданд ва базӯр дид, ки якеро даст пеш баста оварданд» [43, с.344].

Муаллиф ба он нафари дастбастае, ки ба Саидсобир дониста ё надониста тир задааст, зиёд ишора намекунад, аммо ҳамин кофист, бо вуҷуди он, ки аз ин ғами модар кам намегардад, қотил беҷазо нахоҳад монд.

Ин саҳна он шуълаи умедро, ки ҳангоми «ба кӣ бовар кунем» [43, с.344], гуфтани Саидабону майли хомӯш шудан мекунад, фурӯзон нигоҳ медорад.

Розия аз романи **«Тангно»** ба ҳеҷ гуна қаҳрамонӣ қодир нест, на фаъоли меҳнат ва на кори ҷамъиятӣ аст, аммо тимсоли занони ҷомеаи муосири тоҷик аст, ки марди хона дар ғарибкорӣ ба ҷои кору пайдогарӣ ва андешаи рӯзгори нобасомон дар манзили бевазани мулки дигар фориғболу бепарво масъулияти бачадориву падарӣ аз ёд бурдааст. Бори гарони рӯзгор бар дӯши Розия, ки маълумоту касби муайян надорад, маоши фаррошии мактаби деҳ хароҷоти рӯзмарраи ӯро намепӯшонад, вазнин аст, ки аз дарду алами зиёд бо мобилӣ бо ҳамсари бепарвои холабеғам арбада кунад: «…Ба кӣ? Ба як бобояки доро… Ҳо. Хароҷоти тӯйи Мардонро (манзур хатнасури писари Мардон аст - М.Ҳ.) мебардорам, гуфт, расидам…Аз дигар ҷо…Бачаро фарзанд хонд… Мекушӣ? Киро? Ҳамаамонро?» [48, с.220].

Ҳар рӯз, ҳар гоҳу ногоҳ ва он ҳам пинҳонӣ аз бонуи наваш занг задани Мардон ягона василае буд, ки ӯ марди хона, шавҳар ва билохира падар будани худро ба ҳамсару фарзандаш баён мекард. Аммо барои Розияи содадили покизаниҳод рашки шӯйро овардан лаззати дигаре мебахшид ва бо

ин содадилӣ ӯ марди хонаро сари мардиву нанг оварда, ба хонаву манзилаш баргардондан мехоҳад.

Бояд ҳатман зикр кард, ки задухӯрди ботинии қаҳрамон, эҳсосоти мухталифи ниҳонии ӯ ба воситаи ҷузъиёт, мисли бо телефон арбада бардоштани зан, сари ғазаб ягона шишаи тирезаи хонаашро чӯбкорӣ карда шикастани ӯ хеле равшан тасвир шудаанд, зеро маҳз ин ҷузъиёт, ки ангезаҳои ниҳонии ҳаракатҳои зоҳирии қаҳрамон маҳсуб мешаванд, характери ӯро ошкор месозанд: «Оҳ, Худо, бигӯ, ки рӯ ба рӯ накунад. Донам, чӣ кор кардана (Бори аввал сахт алам кард. Асоро аз танаи девор гирифта, сахт ба тиреза зад.) Шунидӣ? Як чашмаш монда буд, ки ҳамонро ҳам зада шикастам. Зимистон сахт биёяд, мурдаи яхбастаамонро бароранд…» [48, с.205].

Муаллиф дар романи мазкур рӯзгори содаи маъмулии шарқиёна, таҳаммулпазирӣ ва фурӯтании бонувони тоҷикро, ки аз фалсафаи куҳанбунёди воқеиву ҳаётии мо маншаъ дорад, нишон додааст. Назари зани деҳотӣ, ки умре аз Тангно берун нарафтааст, аз шавҳари мусофиру муқими шаҳри бегона, ки гӯё дунёдидаву ҷаҳондида шудааст, фарохтар нест, аммо шавҳари хиёнаткори бепарво ба паҳнои беканори садоқати зан, вафодории ӯ, муҳаббати беҳудуди ӯ ба хонаводааш намерасад. Наҷобати зан дар он аст, ки ӯ гоҳи ворид шудани Мардон ҳама ранҷу азобашро фаромӯш карда, бо шарми шарқиёна аз ҳамдеҳагоне, ки ба хатнасури Армон омадаанд, ибо карда, ба истиқболи шарики умр мешитобад. Ин сабри сангин ва таҳаммулпазирӣ, садоқати камназир ва дар баробари рафтору кирдори носазовори мард ҳаёту ҳастии худро ботамом ба хонавода бахшидани Розия, ки симои аслии занони фурӯтани тоҷикро нишон медиҳад, василаи ягонаи ҳифзи хонаводааш аст. Барои зан хонавода арзиши воло дошта, мисли ибодатгоҳ покизаву муқаддас аст. Розия низ бо сабри сангин ва таҳаммулпазирӣ хонаводаашро ҳифз мекунад. Маҳз таҳаммули зан арзиши баланди ин меъёри муҳимми ахлоқи иҷтимоиро, ки аз фарҳанги суннатии мардумӣ оғоз мегирад, дар замони муосир нигоҳ доштааст: «Розия ашки

шодӣ сутурда, шарқиёна ибою худдорӣ карда, сӯйи онҳо рафт ва аз паси Армон оғӯш кушода, писару падарро якҷоя ба танг гирифт» [48, с.282].

Зан гоҳ бо мобилиаш бо шавҳари мусофир ҷангу ҷанҷол мекунад, гоҳ дар ҳақаш дуои бад мекунад, аммо боз соате дертар шӯй занг занад, пазмони садои шавҳар гардида, худ занг мезанад. Ӯ бо ин ҳама кирдору амале, ки шавҳар дар ҳаққи ӯ, дар ҳаққи хонавода, дар ҳаққи фарзанд содир кард, шарики умрро интизор аст. Розия шавҳари коргурезу корнохоҳро зоҳиран маломат мекунад, ҳарфи дағал мезанад, аммо ин маломати беохир, дуруштсуханӣ муҳаббати пинҳони занро ба шавҳар дар худ ғунҷоиш медиҳад.

Дар характери Розия садоқати ғайримуқаррарии як зани муқаррарии деҳотӣ ба хонавода, ба хотири ҳифзи ин хонавода худқурбонкунии ӯ, ҳама ҷурму хато, иштибоҳ ва ҳатто хиёнати шавҳарро на танҳо бахшидан, балки ботамом нодида гирифтан, ки гӯё Мардон аз аввал ҳеҷ ҷурму хатое содир накардааст, бо ҳамин садоқату худқурбонкунии беназир шавҳари саргардону ғарибкорро боз оварондан таъкид шудааст:

«- Чӣ хел фиристодӣ?.

- Писари Фаришта бурд.

- Ноинсоф… Ақаллан нагуфт, ман Мардонро мебинам. Мепурсидам, ки чӣ ҳолу рӯз дорад» [48, с.199].

Дар ҳикояи **«Гови Мир»** сужа дар атрофи барзагови Мир-Мушкини афсонавӣ, Мушкине, ки бо шохаш дар танаи шах гургро зер карда мекушад, дарвозаи қассоби хомтамаъро канда, дур ҳаво медиҳад, давр мезанад. Муносибати қаҳрамони марказӣ-Мир бо Мушкин муносибати Сафарро бо аспаш Сиёҳмушкин аз **«Сафари хонакалон»** ба ёд меорад. Сафар низ ба аспаш на танҳо меҳр, балки ҳисси эҳтиром низ мепарварад, аммо ҳамсари Сафар мисли ҳамсари Мир-Гулсимо дар нигоҳубин ва ғамхории ҳайвон фаъол нест. Мир ба баталиони коргарӣ рафта истода, Мушкинро ба Гулсимо месупорад. Баъди рафтани Мир намояндаи колхоз, намояндаи андоз, қассоб ҳама ба Мушкин талабгор мешаванд:

«Алами Гулсимо кухна нашуда, ба дараш омаданд, ки Мушкинро ба гӯшт супорад... Харидор пайдо кард Мушкин: заминдорон даҳан андохтанд, қассобон харидор шуданд, ферма гӯшт супоридан лозим, гуфт...» [43, с.328].

Яке аз ин ашхоси берӯ ва хирасар Қосим-қассоби ҳамдеҳаву ҳамсояи Мир аст, ки аз набудани марди хона истифода бурда, бе ҳеч шарму ҳаё худро ба Мушкин ҳақдор ҳисобида, гови филпайкарро рабуданист. Муносибати назарногирона ва ҳавобаландонаи қассоб ба соҳибаи Мушкин занро бештар ба ғазаб меорад, зеро ин муносибати беэҳтиромонаву беэътиноёна бори дигар ба Гулсимо дур будани саробони хона, падари фарзандонашро мефаҳмонад. Иштибоҳи дигари қассоб дар он аст, ки ӯ на танҳо зуру тавони Мушкинро намедонад, балки Гулсиморо, ки ҳангоми болои сараш ҳузур доштани шавҳараш – Мир садо баланд намекард, зеро ба ин зарурат набуд, мисли як зани фурӯтану ҳалим муомила мекард, намешиносад:

« - Пулатро бигир, акаи қассоб!

- Ман он бенӯхтаро ба даст меорам... Ба каманд нашавад, ба тир ба даст меорам! Пӯписа кард қассоб. - Мебинӣ вай маро чӣ кор кард? Аз чор ғелонд... мемурдам, чӣ мешуд?
- Қатори мурдаҳо мешуд... Пулата гир!
- Мир биёяд, сонӣ қассобиро бинӣ.
- Мир дигар наояд.
- Ч-ӣ –ӣ-ӣ?!
- Дар ҳамон ғарибиҳо мурда равад.
- -Ҳо, бар даҳанат лаънат! Ҳо, бар зотат лаънат!
- Санг сӯи қассоб андохта дод зад Гулсимо ва санг ба миёни қассоб хӯрда, ба ҷояш шинонд» [43, с.331].

Дар он шароити душворе, ки қарор дошт, шавҳар, пайдогари хона дар баталиони коргарӣ, худаш бо кӯдакони ноболиғ дасттанҳо аз баҳри пули қассоб баромадани зан аз иродаи маҳкам ва характери барҷастаи ӯ шаҳодат медиҳад: «Қассоб як дарза пулро оварда, ба Гулсимо дароз кард

ва гуфт, ки дар замони қаҳтӣ шояд азобкашида бошад, ин пулро гираду гови бенӯхтаро ба вай диҳад.

-Пулатро гирифта рав, вагарна Мир омада, пулатро ба сарат хазонборон кунад! – аз пас гуфт Гулсимо... Гулсимо... дарзаи пулро оварда ба сари Қосим қассоб зад...» [43, с.336].

Андозчини деҳа Юсуфӣ низ аз Гулсимо барои супоридани андоз, ки он бо маҳсулот, ба мисли гӯшт супорида мешуд, фурӯхтани Мушкинро талабу дархост мекунад. Ҷанҷолу хархашаи зани Мир бо марди андозчин низ ба хотири нигаҳдошт ва ҳифзи барзагови овозадораш аз аламу дарди дурӣ ва ҷудоии шарики умраш ҳаст, ки мардони берӯи дар атрофи Мушкин ҷамъшуда худро бо ҳар роҳ аз ҷанг, аз сафарбар шудан ба баталони коргарӣ канор мегирифтанд, аммо бо хонаводаҳои акнун бемуттако ва бесарпарасти мардони сафарбаршуда муомилаи ғайриинсонӣ мекарданд. Аммо Гулсимо дар муқобили ин афроди беҳувият ва худкома бо шуҷоати мардона посух дода, на танҳо аз Мушкин, балки аз шарафу номуси хонаводаи худ ҳифозат мекунад: «-Ту ҳам қатори мардон ҷанг мерафтӣ, ба баталиони коргарӣ мерафтӣ, чӣ мешуд?

- Даҳонатро пӯш, бева!
- Чӣ? Чӣ гуфтӣ? Бева худат... Хоин! Ман аз он занҳо нестам... Канда ба дастат медиҳам!

Гулсимо мисли шери жаён хурӯшид...сутунчаи вазнинро ба сари ӯ андохт.

- Лаънати Худо ба ту барин зан!
- Лаънат ба ту бод, ки ба занҳо баробар мешавӣ!
- Ту зан набудай, бало будай...
- -Фаҳмидӣ охир? Маҳ сумкаат сару каллаатро хӯрад» [43, с.334].

Барои Гулсимо Мушкин як барзагови одӣ не, балки моли амонат аст. Моли амонате, ки шавҳараш ба ӯ супурда, ба баталиони коргарӣ рафтааст. Дар дарку эҳсос ва фаҳмиши зан эҳтиёт накардан ва нобуд сохтани Мушкини алмосшох ин умед кандан аз сиҳату саломат ба хонаву манзилаш баргаштани шавҳар аст. Мушкин рамзи пайванди ногусастании занро, ки

тору пуди ин робита аз меҳру муҳаббат, эҳтирому ихлос ба кадхудои рӯзгораш бунёд шуда буд, бо шавҳараш нишон медиҳад. Он муҳаббате, ки Мир ба Мушкин дошт, акнун ин гуна ғамхориву меҳр ва навозишро аз Гулсимо медид. Балки Гулсимо агар пештар то баталиони коргарӣ рафтани шарики умр пайи кор ва сомони рӯзгор ба Мушкин то ба ин андоза машғул намешуд, акнун барзаговро маҳз ба хотири Мир на танҳо ғамхориву навозиш мекард, балки ба ӯ муҳаббати самимӣ нишон медод: «Гулсимо дуру дароз рӯ ба рӯйи Мушкин истод.

- Аз Мир дараке нест, Мушкин.

Мушкин чашм боз кард, дум афшонд, нашунида ангошта боз чашм пӯшид.

- Аз Мир хабаре нест, Мушкин...» [43, с.329].

Гулсимо дар ҷасорату ҷуръат аз Шарифа ва Саидабонуро, ки корномаи онҳо дар боло зикр шуд, кам нест. Ӯ барои ҳимояи худ, хонавода, амонати шавҳари раҳдур на танҳо бо истодагариву матонат мубориза мебарад, балки зарур ояд, бо мардон низ дастбагиребон мешавад: «Онсӯтар Гулсимо аз гиребони Қосим-қассоб гирифта буд ва намегузошт, ки ҷунбад. Ҳарчанд мардак дастак мезад, дасти ӯро аз гиребон ҷудо кардан мехост, наметавонист; занона дасти ӯро мегазид...Ҷонаш дард кард аз зарби дандони қассоб ва ихтиёрро аз даст дода пуршаст миёни пойи мардак по андохт... Туро низ чун Мушкин бояд кард...» [43, с.336].

Сорбон воқеан дар тасвири симои зани тоҷик сабки вежа ва диди худро дорад. Қаҳрамонзанҳои ӯ на танҳо бо ҷасорати мардона ва афкору андешаи ҳувиятсози ҷомеапешбаранда, ба мисли Шарифа ва Саидабону миёни мардум дар лаҳзаҳои хеле ҳассоси кишвар машъалафрӯзанд, ба мисли Гулсимо барои ҳаққи худ бо бархе мардони худбин дастбагиребонанд, балки диловариву шуҷоатмандии онҳо, ки аз достонҳои паҳлавонӣ ва афсонаву ривоятҳои мардумӣ маншаъ мегиранд, камназир ва сабақомӯзи мардон аст.

Дар ҳикояи **«Таҳмина»** тасвири паҳлавондухтараки гӯштингир ва майдонталаб, ки дар дар ҷашни Наврӯз миёни мардон паҳлавони озмун

эълон мешавад, хеле ҷолиб аст, ки дар он айём ин суннатшиканӣ ва хилофи анъанаву урфу одат рафтани Таҳмина кори саҳл набуд. Бародари Таҳмина аз ҷанг, Ҷанги Бузурги Ватанӣ барнамегардад ва падари ормонӣ акнун ҳама орзуҳое, ки нисбат ба писари паҳлавонсурати дар ҷанг шаҳидгашта дар дил мепарварид, дар симои духтари мардсифаташ мебинад. Ин аст, ки ба духтараш на танҳо монеъ намешавад, балки ба ӯ ҳилаҳои гӯштингирӣ меомӯзонад:

« Падар, ки то ҳол аз тиреза ба ҳарбаҳои духтар назар дошт, аз хона баромада наздаш омад ва нигоҳ карда гуфт:

- Монда шудӣ?
- - Не... Додо, ман ба касе машқи гӯштӣ накарда, ба майдон намебароям.
- Даро, ҷомаи бародаратро пӯшида баро...
- Не, додо, бо шумо не.
- ... Ман ба ту фақат ҳила ёд дода тавонам, вагарна зӯрам намондааст...» [43, с.159].

Аз гуфтаи падар бармеояд, ки ӯ низ дар ҷавонӣ марди бадасту бозу қавипанҷа буда, аз гӯштӣ низ бохабар аст. Аммо нависанда падари Таҳминаро на танҳо марди ҷисман обутобёфта, балки фарди пешқадам ва соҳиби афкори тозаву нав ва маънавиёти бой низ тасвир мекунад. Агар ҷисму пайкари паҳлавонона ба духтар меросӣ бошад, муҳити хонавода, ки орӣ аз таомулҳои хурофотии асримиёнагӣ буд, сифатҳо ва хислатҳои мардонаро дар ниҳоди ӯ бештар инкишоф медод: «Бо кӣ гӯштӣ гирифта, зур озмоям? Кӯдаконе, ки ҳамроҳам ҳезумкашӣ мерафтанд, гӯштӣ мегирифтем, калон шуданд» [40, с.157].

Манзараи харро аз лой баровардани паҳлавондухтар, ки зуру тавони чанд мард ба ин амал базур мерасад, хеле мароқангез ва боиси ифтихори падари Таҳмина аст: «Таҳмина ду тахтасангро ба ду тараф гузошта, ба падар гуфт, ки болои тахтасанг истода, аз ду паҳлу баробар бардоранд. Падар «ин кор намешавад» гуфт. Таҳмина тобасангро зери фуки хар монд, то пойҳояш ба лой фурӯ наравад ва китфи рост аз зери гардани хар гузошта, аз ду тарафи

ҷувол даст гирифт ва хару ҷуволро бардошт. Пойҳои пеши хар аз гил берун омад» [43, с.157].

Вале дар ҳикояи **«Кабӯтари сафед»** ташаккули ботинӣ бе задухӯрд ва на танҳо, бе ҳалли ҷидди конфликт, балки бидуни ба вуҷуд омадани конфликти ҷиддӣ ба амал омадааст. Дар ҳикояи мазкур тақдири духтараки резапайкар, Мулкияи раққоса, ки ҳунари баланд дошта, барои сайқал додани ҳунараш мекӯшад, заҳмат мекашад, нақл мешавад. Волидон низ, бо он, ки зиёӣ нестанд, ба пешаи интихобнамудааш монеъ намешаванд. Як сухани қаҳрамон, ки шахси якум буда, сухан аз забони ӯ меравад, боиси дубора ба Филармония баргаштани Мулкия мегардад. Вале сабаби аз Филармония рафтани ӯ ба хонанда номаълум буда, посухи роҳбари Мулкия ба пурсишҳои ноқил: « -Шояд Шумо ягон вақт ошиқ шуда бошед?» [35, с.48.] ба масъала равшанӣ андохта наметавонад. Маълум нест, ки ишқи нобарор ё муҳаббати беҷавоб буд, ки боиси як муддат Филамонияро тарк кардани духтараки ҳунарманд гардид. Муваффақияти асосии нависанда дар ҳикояи мазкур ба ҷузъ тасвири таъсири мусиқӣ ба инсон, руҳи инсон, мақоми оҳангу мусиқӣ дар ҳаёти ӯ, ин зери таъсири ровӣ, шахси якум, ки шоҳиди воқеаҳост, ба коргоҳи худ баргаштани духтарак мебошад. Ба Филармония баргаштани Мулкия рамзи таслим нашудани ӯ дар роҳи душвори ҳаёт ва характери таслимнашавандаи духтараки раққоса мебошад.

Сорбон дар тасвири паҳлуҳои мухталиф ва баҳсбарангези зан дар ҷомеа, на танҳо симоҳои пурнаҷобату шоиста, балки чеҳраҳои коҳидаю бенур, рафторҳои ношоиставу амали ноҷои занонро офаридааст, ки зикраш дар боло рафт.

Дар ҳикояи **«Дупула»** фоҷиаи рӯзгори сахти ҷавонзане инъикос ёфтааст, ки дар лаҳзаҳои ҳассос гӯё касе ба дардаш даво намешавад: «…сонӣ на раис ба ҳарфи ӯ гӯш доду на муфаттишу на суду на прокурор… Баъди ҷудо шудан аз шӯ хонаи падар нарафт, балки ҳамроҳи ду фарзанд дар хонаи шавҳар монд…Пасон шӯ арз кард, ки хонаро холӣ кунад, ӯ зан гирифтанист. Маълум шуд, сабаби ҷудо шудани мардак маълум шуд» [43, с.303].

Зани ҷавон бо ду кӯдак беёру бемуттако ва бемакон ягона маскану маъвои муносибро дар қаъри мавҷҳои пуртуғёни Зарафшон дарёфта, хешро бо ду тифлаш ба он ҷо афкандан мехоҳад: «Ва модар писари сари дастро аз сари бора ба рӯд афканд...Писарак талвосаи ҷон чанг бар модар зад, то андармон шавад ва ба пастӣ наафтад, танҳо рӯймоли ҳарири арғувонӣ ба дасти писар омад ва ӯ ҳамроҳи бодбараки сурх ба сӯе парвоз кард...бача пуршаст ба об зад ва шалолаҳои об аз рӯд ба осмон хеста аз аламы дасти ӯ ҳам болотар шуданд. Ғарқ шуд [43, с.304].

Модари ҷавони таҷрибанаандӯхта ва ба як душворие, ки дар зиндагӣ дар сари роҳаш пайдо шуд, тоб наоварда, имкону фурсати ба об афкандани тифли дуюм-духтараки шашсоларо, ки аз ин манзараи ба об партофтани додараш мақсаду нияти модарро фаҳмида мегурезад, намеёбад: «Чун писарро аз он баландӣ ба об афканд, чашм кушоду даст ба паҳлу бурд, то духтарчаро пайдо кунад ва ҳарду якҷоя–ҳамдигарро оғӯш карда, ба думболи писар раванд. Ӯ чашм кушода, дар паҳлӯ кавшчаҳои духтарро дид, аммо худаш нанамуд. Занак девонаавзоъ ба атроф нигарист...духтар мисли як даста оташ сӯйи офтобнишин шитобид...[43, с.305].

Ҳикоя қиссаи пурфоҷиаи хонаводаи пошхӯрдаест, ки зан-модар аз масъулияти муқаддаси хеш фаромӯш карда, даст ба амалҳои ношоиста мезанад, дар ҷомеаи имрӯз низ аҳён-аҳён вомехӯрад. Дар ҳикояи мазкур низ ҷавонзан бо ин амали ношоиставу нангини худ боиси марги ду нафар, писари яксолаи худ ва падараш, ки барои наҷоти набера шитобида буд, мегардад. Пайдо шудани падар дар ҳикоя нишони он аст, ки зан қадр накунад ҳам, ӯ дар рӯ ба рӯйи ин душвориву мушкилот танҳо нест ва ёвару муттакое дорад, ки барои ӯву фарзандонаш худро омода аст, ба обу оташ занад.

Нависанда манзараи ваҳшатзои ба об афкандани писараки яксолаи сари даст, нияти фарзанди дуюмро низ ба дарё партофтан, аммо ҳангоме, ки ба худ омад, аз ширинии ҷон худро аз думболи тифли ғарқшуда ба дарёи пуршӯр афканда натавонистани зан, симои модари бачакушро, ки сари ҷаҳл ба ин амал даст зад, хеле воқеъбинона тасвир кардааст. Вале дар баробари

ин, адиб тавонистааст омили аслии воқеа, моҳияти иҷтимоии ҳодисаро ошкор созад.

Дар ҳикояи **«Зиёрат қабул!»** симои модари ранҷдида ва хорикашида ва ҳамсари ҷавони писари ӯ, зани бехираду ҷоҳил тасвир шудааст, ки ду характер, ду ахлоқро нишон додааст. Модари ҳафтодусола дар дами пирӣ аз дасти писари нохалафи худ Хаскаш ва ҳамсари бадхулқи ӯ он қадар хорӣ мебинад, ки барояш бадтар аз марг аст: «- Аз ин хел модари хонахушккунак доштана надоштан беҳтар.

- Ту чӣ мехоҳӣ аз ман?

- Ё маро мегӯй, ё модари ҷалоҷинатро!» [43, с.385].

Симои писар, як фарди камхираду бефаҳму кӯтоҳандеш, ки ба гапи зан даромада, модари пири барҷомондаро бо баҳонаи тамошо ва зиёрати мазор ба доманаи кӯҳ бурда мепартояд: «- Ман то он ҷо намерасам, бачам.

-Ба хар бор карда мебарам, оча» [43, с.386].

Пиразани танҳову ҳайрон дар домани кӯҳ аз тарси он ки мабодо ғизои гургу рӯбоҳ ва ё шағол нашавад, ба рӯяш реги доманаи кӯҳро мекашад ва гӯё худро зинда дар гӯр мекунад: «Ӯ рег мекашид, аз боло рег мефуромад» [43, с.388].

Модари ҷабрдида дар давоми се шабу се рӯз дар кӯҳсори пур аз даду даранда танҳо мемонад: «Хуршед боз падруд гуфт ӯро. Ва имшаб модар пай бурд, ки ҳангу ҳолат намонда, як даст аз «гӯр» берун хобид» [43, с.385].

Ӯ бо фаҳму фаросате, ки дорад ва таҷрибае, ки тули солҳо омӯхтааст, мақсаду нияти писару занашро дарк мекунад, аммо на танҳо ҳарфи баде ба писар ва зани ӯ намегӯяд, балки худро ба ношунавоӣ мезанад. Гоҳе ки писар ӯро дар кӯҳ партофт баъди се шабу се рӯз меояд, танҳо баён мекунад: «Зиёрат қабул!»

Анҷоми ҳикоя беилтифотӣ ва номеҳрубонии писару ҳамсари ӯро нисбат ба кампир ошкор мекунад:

-Модар ҷойи посух додан даҳон кушод. Рӯйи забони даҳони бедандонаш донаки зардолу тар шуда варам карда буд» [43, с.389].

Муаллиф дар ҳикояи мазкур симои ду зан, симои пурнаҷобату азияту беқадридида ва симои зани шаттоҳ, ҳамсари писари ин пиразани озордидаро тасвир кардааст, ки яке ба дигаре муқобил гузошта шудааст.

Хулоса, Сорбон на танҳо дар асарҳои мазкур, балки дар тамоми осори худ, ба мисли романҳои **«Достони писари Худо»**, **«Барзгар»**, «**Зуза»**, **Шаҳрбону»** қиссаҳои **«Забиба», «Спитамон»**, **«Гӯрзод»** ва ҳикояҳое, ки дар боло оварда шудаанд, симои зани тоҷик, паҳлуҳои мухталифи характер, ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ, мулоҳизарониву афкор, рӯзгори пурпечу тоби вайро бо малакаву ҳунари нигорандагии комил инъикос кардааст. Метавон гуфт, дар ҳама давраи эҷодиёти ӯ симои зани тоҷик барҷаста ва равшан ҷилвагар буда, рӯзгору корномаи занон дар мушкилтарин ва ҳассоситарин вазъиятҳои ҷомеа, ба мисли барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ ва задухӯрд бо дастаҳои босмачиён, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ободкардани харобаҳои ҷанг ва масоили марбут ба ҳаёти ҳамзамонон ба мисли муҳоҷирати меҳнатӣ тасвир ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки дар даврони истиқлол барои ҳар як адиб, аз он ҷумла, Сорбон низ майдони васеи эҷод, имконияти озоди интихоби мавзуъ муҳаё шуда, барои эҷоди асарҳои наву тоза заминаи боэътимод ба вуҷуд омад. Бинобар ин, мавзуи ахлоқ, ахлоқи иҷтимоӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ дар марҳилаи дуюми эҷодиёти адиб, яъне дар даврони истиқлол боз бештар мавқеъ пайдо намуда, диди тадқиқи бадеии нависандаро хислатҳои шоистаи инсонӣ, рафтору кирдори инсон дар ҷамъият, бадахлоқӣ ва паёмадҳои он дар ҷомеа дар бар мегирад.

# БОБИ II

# БОЗТОБИ ТАЪРИХИ КИШВАР ДАР ЭҶОДИЁТИ СОРБОН

## 2.1. Ҳунари нигорандагии Сорбон дар инъикоси таърих

Сорбон ба мавзуи таърих ҳанӯз аз аввали солҳои эҷодиёт таваҷҷуҳи хосса дошта, инъикоси зиёди воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ дар осори ӯ аз ин далолат мекунанд. Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳи нависанда ба ин мавзуъ бесабаб нест, зеро худи ӯро бо шоҳидони ин ҳодисаву воқеаҳо саодати ҳамнишинӣ борҳо насиб гардида, гузашта аз ин, қиблагоҳи нависанда дар бунёди сохти ҷомеаи нав фаъолона иштирок карда, дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар торумор кардани фашизм низ саҳим будааст. Яке аз ҳунари вежаи таърихнигории муаллиф дар он аст, ки ӯ зиддиятҳои пурихтилофи ҳаводиси айём, ҳақиқати таърихиро аз рӯйи имкон ва шароит гоҳ пурра ва гоҳ ҷо-ҷо воқеънигорона тасвир намудааст.

Аммо бояд ҳатман таъкид кард, ки замони истиқлол барои кулли эҷодкорон, ба вежа Сорбон фазои пурвусъат ва озоди эҷодӣ, имкони баррасии мавзуҳои тоза, баёни андешаву ормонҳои миллӣ падид овард. Нависандае, ки дар зери фишори сахти сиёсатмаобон, чаҳорчӯбаи дастуроти хушки сиёсимазмуни давр мекӯшид, асарҳои ҷолибу рангин офарад, ҳамакнун бо кӯлбори таҷрибаи зиёд ба таълифи асарҳои воломазмун ва арзишманд оғоз намуд.

Қиссаи **«Спитамон»** дар асоси сарчашма ва маъхазҳои таърихӣ таълиф шуда, дар бораи фарзанди муборизи роҳи озодӣ аз зулми Искандари мақдунӣ-Спитамони ватанпараст ҳикоят мекунад. Нависанда ёфт шудани писари Спитамон дар болои мурдаи модараш, сағона сохтан барои ҷасади ҳамсари Спитамон-Зарра, сарнавишти талху пурфоҷиаи Спитамони кӯчак, кушта шудани писари Шубон-Озарахши наврасу маъсум аз тири сарбозони Томири нохалаф, интиқоми Шубон аз Томири хиёнаткор яке аз саҳифаҳои талхи таърих, кинаву нафрат ва муборизаи озодихоҳонаи мардуми бумиро нисбат ба тохтоварони мақдунӣ инъикос намудааст. Бо вуҷуди ин, мусибатҳо Шубон чун марди дурандешу хирадманд, ки ҳайкали

боҳашаматаш аз миёни оташу дуди ин фоҷиаҳо баланд мешавад, тасвир шудааст, ки ҳатто дар лаҳзаи ҳассостарин, ба мисли ёфт шудани мурдаи писараш-Озарахш ба писари Спитамон, ки гӯё сабаби ғофил шудани ӯ аз аҳволи писари хеш гардид, бо умед ва ҳамдардӣ менигарад: «Шукр бояд кард, ки Худованд худ, ин корро раво дид: инак ба тамошои марги писари пеши падар мурда бароял: Яке гоҳе ки писар пеши падар мурад: гоҳи дигар ҷавони пок ва духтари бокира бо ҳам ихдивоҷ бикунанд». Боз нигарист ба тифл.

- Якеро дидам. (Манзур марги писари Шубон-Озарахш аст. Шарҳи мо - М. Ҳ.) Дигаре шояд издивоҷи ту бошад» [47, с.81].

Дар рӯзи марги писар андеша ва орзуи дидани рӯзи шодӣ, рӯзи дидани сури издивоҷи Спитамонро кардани Шубон далели хирадмандӣ, инсондӯстӣ, меҳанпарастии ӯст. Шубон парвариш ва сарпарастиву ҳифзи писари Спитамонро назди виҷдону имони хеш ҳамчун як нафар ватандор вазифа ва қарзи худ медонад.

Бояд зикр кард, ки бунёди таҳқиқи бадеии нависандаи таърихнигор бар далелу бурҳони воқеист. Мунаққиди рус Белинский В. Г. доир ба асари таърихӣ, тасвири ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ меорад: «Фактҳои таърихие, ки дар маъхазҳо ҳастанд, мисли сангу хишт ҳастанду бас: фақат санъаткор аз ин материал бинои зебо сохта метавонад» [189, с.62].

Бешубҳа, Сорбон дар қиссаи мазкур, ки як пораи рӯзгори дури фоҷиабори мардуми моро инъикос намудааст, аз сарчашмаву маъхазхо васеъ истифода бурдааст. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ диловари Суғд-Спитамон аз дасти мақдуниҳо на, балки бо хиёнату макри бумиён кушта мешавад, ки ин нукта дар асар возеҳ тасвир шудааст: «Гумоштаи юнониён Томири сакойӣ низ омада буд, ки бино ба фармудаи Искандар ҳокими Суғд ба шумор мерафт ва ӯ оварда буд сари Спитамони Суғдиро пеши Искандар» [47, с.82].

Шубон ба интиқоми Озарахш, ба интиқоми хуни Спитамони диловар Томирро зинда пӯст меканад, ки ин ҷазои нависанда ба нохалафе чун Томир аст, ки интиқомхоҳӣ ва интиқомситонии мардуми бумиро дар муқобили

қатлу куштор ва ғоратгариҳои содиркардаи мақдуниён ногузир мешуморад. Хиёнати Томир барин ҳамватанон барои Шубон он қадар дарднок аст, ки аз ҳатто уқоби шикории ӯро низ луқмаи лошахорон мегардонад.

Манзараи гуфтугӯйи Шубон бо Томири нимҷон баёни дарди дили як ватанхоҳ аст, ки меҳанаш зери пойи суми аспбони яғмогарон талаву тороҷ мегардад: «…савганд Худойро…Ту–нокас онеро куштӣ, ки чун Суруш мулку мардум посбонӣ мекард ва шабзиндадор буд; Спитамони далерро. Суғдро бесарвару бесардор кардӣ!» [47, с.89].

Шубон қатли Спитамонро аз қатли писари маъсумаш-Озарахш, ки мусибати ӯву хонаводаи ӯст, мусибати сахттар медонад. Марги Спитамон, ки ҳомиву сарвари Суғд буд, мардуми бумиро ноумед ва маъюс гардонда, умеди озодӣ аз ғоратгарони бегонаро аз дили онҳо бурд, ки ин фоҷиа сӯзноктар аз фоҷиаи хонаводагии ӯ буд.

Пӯшида нест, ки барои ҳар шахс марги фарзанд дардноктарин мусибат аст. Миёни мардум низ мақоле ҳаст, ки марги падару модар-мерос, марги фарзанд-теғи алмос ҳамин маъниро ифода мекунад. Нависанда бо овардани ин андеша таъкид бар он дорад, ки ватан барои ҳар фард волотарин неъмат буда, манфиати он аз манфиати фардӣ, ҳимояи он аз муҳофизати хонавода, пайвандон муҳимтар аст.

Вале бояд зикр кард, ки баъзе манзараҳои асар қонеъкунанда нестанд. Нависандаи таърихнигорро зарур аст, ки на танҳо ба ҳодисаву воқеаҳо, симоҳо, шахсиятҳои таърихӣ, балки ба ҷузъиёти басо хурд, ки ба ҳар як давраи муайяни таърихӣ марбутанд, таваҷҷуҳ намояд.

Дар ҷанозаи писари Шубон пайдо шудани Томири нохалаф шубҳаовар ба назар мерасад, зеро гумоштаи Искандар набояд дар сӯги ҳатто шахсиятҳои бонуфузе, ки дар задухӯрдҳои зидди набардҳои юнониёну мақдуниён кушта мешуданд, иштирок мекард. Ин амали ӯ, ки таъзияву ҳамдардӣ баён карданро мемонад, писанди хоҷагони наваш намешуд ва Томир берун аз дастуроти Искандар кори дигаре намекард. Баъдан, дар он шабу рӯз қатлу куштори мардуми бумӣ он қадар зиёд буд, ки имкони аз рӯйи маросим ҷанозаву дафн кардани ҳар нафаре мавҷуд набуд. Муаллифро

зарур буд, ки барои асир ва дар банд кардани Томир макону вазъи дигарро интихоб мекард, на ҷанозаи писаракеро, ки аз тири сарбозони ӯ ба қатл расида буд.

Муаллиф овардааст, ки «Шубон монои пайкони аз тахтапушти писар кашидаро андаруни нимланги сарбозони Томир дида, ҳангаш канд ва ёр ҷамъ карда шӯриду исён кард бар зидди дастаи Томир ва суғдиёни диловар бархостанду ситезиданд ва ба гардани сатрапи худном каманд андохта, чун ҳайвони саркашу сур доштанд ва ба Шубон супориданд» [47, с.82].

Дар он замоне, ки дар Суғд Искандар бо лашкараш мардуми бумиро қатлу ғорат мекард, «ёрон ҷамъ кардани» Шубон низ касро ба шубҳа мебарад, зеро мардони баркамолу тануманд бояд ё ба побӯсии Искандар мерафтанд, ё бар зидди ӯ меҷангиданд. Муаллифро зарур буд, ба ин нукта равшанӣ андохта, тавзеҳ диҳад, ки ин «ёрони ҷамъовардаи Шубон» ё «диловарони суғдӣ»-ро дар деҳ чӣ нигоҳ медошт ва чаро бо Искандар намеҷанганд?

Дар деҳи Шубон пайдо шудани боғи Спитамон низ, ки Томир дар он ҷо, дар шохи дарахт овехта мешавад, ғайричашмдошт аст: «Шубон ӯро (Томирро-Ҳ. М.) ба боғи Спитамон бурд ва дар шохи дарахти ҷавз аз пояш овехт» [47, с.82]. Агар қаҳрамони диловари Суғд, дар деҳаи Шубон боғу манзил дошт, ҳар ду, Шубону Спитамон ҳамдеҳа буданд, пас чаро рамабони меҳанпараст зани Спитамонро нашинохт: «Пас он ба сохтмони хонаи охирати зани ношинос пардохт: санг чида, девор гирифт гирдогирд, вале торашро пӯшида натавонист» [47, с.72].

Ҳатто ҳамсояҳои Шубон, ки дар сӯги писари ӯ, Озаррахши наврас Шубон ҷамъ меоянд, «ҳайрон буданд, ки писараки сурхмӯй кӣ бошад?» [47, с.82].

Яъне, «боғи Спитамон», «ҷанозаи Озарахш» мисли ҷумлаи зер номафҳум ва номаълум аст: «Зани Шубон Бону дами дарвоза чунин ҳол дида, ангушт газид ва пиндошт, ки падари писарро куштаанд ва шӯ бор карда овард» [47, с.81].

Падари писар ва шӯ як шахс буда, ӯ наметавонад, мурдаи хеш бор карда биёрад.

Ҷойи дигар муаллиф овардааст: «Худою бахти хонадону рама мегуфт, аз оламу одам андешид, ки чӣ офаридаест одам, ки бирезанд хуни якдигар барбеҳуда» [47, с.8].

Дар задухӯрди мардуми бумӣ бо мақдуниён, тохтоварони мақдунӣ, ки ба марзи поки Суғд барои қатлу куштор ва ғорат омада буданд, беҳуда қатл шуданд, зеро онҳо ҷанги ғоратгаронаву истилогарона мекарданд. Аммо барои ватандорони суғдӣ ин ҷанги озодихоҳиву ватандӯстона буда, агар нафаре дар ин ҷанг кушта мешуд, барои озодии меҳан кушта мешуд ва ин набард, ин талафотро «барбеҳуда» гуфтан ҳаргиз дуруст намебуд.

Гуфтугӯи рамабони баномус бо Томири нимзиндаву ниммурда, ки андешаву афкори ӯро дар бораи маънои зиндагӣ, ҳастӣ, рисолати ҳар фард, подоши амал, натиҷаи рафтору кирдори инсон, таъсири ҷанг дар тақдири инсонҳо ифода мекунад, ки баъзан пурихтилоф аст: «Бубин, ки косаи давр чун шавад? Ту куштӣ Спитамонро, ту куштӣ Озарро! Ман кушам туро! Ӯ кушад маро!» [47, с.84].

Воқеан, зиндагӣ чун косаи давр дар гардиш аст ва ҳар кас дар ҳаёт подоши амали хешро мебинад. Нафаре бар нафаре зулме раво бинад, золими дигаре баҳри зулм кардани ӯ ёфт мешавад. Вале қаҳрамон касеро зулм накардааст, моли касеро ғорат накардааст, балки ба хуни писари маъсум, ки бе ҳеч гуноҳ гумоштагони Искандар, сарбозони Томири хиёнаткор ҳадафи тир карданд, ба хуни Спитамон, ки ҳадафаш ҷуз ҳимояи меҳан чизе набуд, ба хуни ҳамватанони бегуноҳ, ки аз дасти тохтоварони бегона кушта шуданд, ба қасди моли яғмошудаи халқ Томири нохалафро қатл мекунад. Пас ин зулм нест, ки бояд ба подош рамабони интиқомситон ҷазо бинад. Агар мабодо аз дасти мақдуниён кушта шавад, бе ин ҳам ҳаёти ӯву ҳамватанонаш ҳар соат дар зери хатар аст.

Вале бо вуҷуди ин камбудиҳои ҷузъӣ қиссаи мазкур як асари арзишманд ва мондагори таърихӣ буда, барои насли наврас тарбиятбахш аст. Сорбон масъулияти таърихнигориро ҳанӯз аз давраи аввали эҷодиёт

дарк намудаву дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил шудааст. Тасвири ҳодисаҳо дар асари мазкур, ба мисли ёфт шудани писари Спитамони диловар дар набардгоҳ, Рухшонро бо худ бурдани шоҳи мақдунӣ рӯйи маъхазҳову сарчашмаҳои таърихӣ буда, кушта шудани Томири сакоӣ бо дасти Шубон низ ба ҳақиқати таърихӣ марбут аст. Қиссаи мазкур, бо инъикоси саҳнаҳои қатли Томири нохалаф ва уқоби дастомӯзи ӯ дар ботини хонанда ҳисси ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ дарки масъулияти ҳимоят ва ҳифозат аз сарзамини аҷдодиро тавлид месозад.

Қиссаи **«Оташкада»** тасвири дарду фоҷиаи як миллат буда, дар бораи тасарруф шудани сарзамини Чин аз тарафи қавмҳои бегона, тохтутози онон дар ин кишвар, муборизаи чиниён барои озодии ватан нақл мекунад. Дар асар амалиёти қаҳрамонҳо, ки тавассути нақли ровӣ сурат мегирад, мавқеи бештар дошта, гуфтугӯ ва тасвирҳо бо оҳанги романтикӣ нисбатан камтар ба назар мерасад. Он ду қаҳрамони марказӣ; яке чинидухтари ватандӯст Гул Чин, ки аз сарвари ғосибгарон интиқом гирифта, Хонро бо сахттарин таҳқир мекушад, дуюм Лу Син, ё Пири Хирад, руҳонии оташкадаи зеризаминӣ, марди дурандеш, меҳанпараст, ки дили пурмеҳраш барои сарзаминаш ва мардуми ҷабрдидаи он месӯзад, сараввал барои ҷалби тохтоварони кокулдор хешро ахта кунонида, сипас то онҳо ба ин бовар кунанд, ба ҷавонони бумӣ низ дастур медиҳад, ки аз ин амал пайравӣ намоянд ва инро дар назди аҷнабиёни хомтамаъ омили муҳимми ҷилавкашии нафс ва роҳи расидан ба Биҳишт ба ҷилва медиҳад: «Пир фармуд: «Агар ман кушойиш надиҳам, касе ба ин чиз бовар накунад!» [47, с.135].

Билохира, духтараки боҷасорат ва пири хирадманд ба ҳадафи худ мерасанд, қавми ғосиб низ бо тамаи Биҳишт ин роҳро интихоб мекунад. Бояд гуфт, ки нест кардани Хони қудратманд неруи рустамонаро не, балки ақлу заковати баландро тақозо мекард. Лу Син ва Гул Чин ду ашхоси ватандӯст ва ду неруи устувор, ки дар сар ҷуз андешаи озодии меҳану ҳаммеҳанон дигар ҳеч фикре надоранд, душманро бо ҳиллаву найранг нобуд месозанд. Лу Сини хирадманд ва таҷрибаандӯхта дар симои Гул Чини ҷавон шахсеро дарёфт, ки метавонад, барои озодии сарзамин ва мардуми он коре

кунад, ки мардон натавонанд: «Ту бояд ватанпарастонро пайғом бидиҳӣ, пинҳонӣ ба ин ҷо оварӣ ва амалро гузаронӣ, то онҳо бовар кунанд, ки мо барои Ватан ҷон хоҳем дод…» [47, с.135].

Гул Чин нохоста аз Хон фарзанд ба дунё овардаву акнун бо ӯ, ки нафари ягона аз тухмаи душман мондааст, чӣ кор карданро намедонад. Гул Чин билахира меҳанро интихоб менамояд. Лу Син низ, ки ба модари ҷавон сараввал «***Худат медонӣ***», гуфт, хоҳони марги тифлест, ки аз хуни Хони бегона рӯидааст, аммо боз аз модари ин тифл истиҳола намуда, сухан ошкоро баён намекунад. Тасвири қатли Мо Чин аз дасти модараш Гул Чин фалсафаи амиқеро дар худ гунҷоиш дода, муҳаббати безаволи ҷавонзанро ба ватану мардуми он ифодагар аст, зеро барои несту нобуд кардани тухмаи душман, ӯ аз қатли фарзанди хеш низ рӯ намегардонад. Пас метавон гуфт,ки ин инъикоси олии ватандорист, зеро модар тифли хешро дӯст дорад, аммо муҳаббаташ ба Чин бештар буда, омода аст, барои он тифл қурбон созад. Нависанда бо ин ба фалсафаи куҳанбунёди Машриқзамин, ки ирсиятро дар ташаккули фард аз ҳама омили муҳим мешуморад, ишора мекунад. Кирдори модари бачакуш низ аз ин фарҳанг, фарҳанги тарбияи Чини қадим, ки нақши ирсиятро дар рушди ҷисмониву маънавии инсон калидӣ меҳисобид, он муҳимтар аз дигар омилҳо маҳсуб мешуд, об мехӯрад. Гул Чин метавонист, тифлро аз рӯи ормону хостаҳои хеш тарбият намояд, то ӯ низ мисли чиниёни асил ин сарзаминро дӯст дошта, ба он содиқона хидмат намояд. Аммо Мо Чин дар баробари он, ки тифли Гул Чин аст, боз авлоди Хони Бузург, сарвари ғосибгарон низ маҳсуб шавад. Ба андешаи Пири Хирад Мо Чин низ фарзанди Хони ғоратгару яғмогар буда, аз шарри ӯ ҳанӯз дар айёми тифлӣ бояд раҳо шуд. Гул Чин ватандорест, ки намехоҳад, як нафар ҳам аз қавми ғосиб зинда монад. Ҷавонзан, ки барои сарзамини худ ва мардуми он ҷонбозиҳои зиёде кардааст, назди Меҳану Миллат, хешро масъул медонад. «Ватану миллат аз вартаи ҳалокат бояд баровард. Ватан набояд поймол гардад» [47, с.137].

Сафед гардидани мӯйи сари ҷавонзан низ аз ғами ӯст, ки миёни обу оташ месӯзад, зеро аз як тараф, муҳаббати меҳан, ки помоли қавми кокулдор

гардидааст, аз тарафи дигар, меҳри фарзанде, ки аз Хони қавми бегона рӯйидааст, дар дилаш ҷӯш мезанад. Зан тифли хешро чун ватандоре, ки хуни нопокро аз сарзаминаш нест мекунад, ба қатл мерасонад, аммо чун модар аз марги ӯ ба фиғон омада, бо навҳаи осмонхарошу ашки сӯзнок мотам мегирад:

«Шукр гузорид, ки олам пок шуд. Тухми бадгуҳар шикаст...Аммо дил тапид. Худ аз худ сарпӯш гашт болои писар...Нӯги пистони чап ба лаби писар бурд, то ки шир ҷон бахшадаш, лек Мо Чин хомӯшу орамида буд.

- Мо Чиииннн!!!

Фарёди талх зад модар ва ба паҳлу афтид» [47, с.150].

Мақсаду маром, худқурбонкуниҳои Лу Син ва ҷавонони чинӣ ба хотири тоза кардани хоки меҳан аз тохтоварон буд, ки охирин нишонаи онҳо Мо Чин аст. Гул Чин дар хеш як руҳи шикастнопазир ва матонати касношунид дорад, ки он қудратмандтар аз меҳри модарӣ буда, ӯро водор мекунад, аз арзишҳо ва ғояҳои худ дар роҳи расидан ба аҳдоф даст накашад. Қурбонии Гул Чин дар баробари худқурбонкуниҳои ҳазорҳо ҷавонони Чин андак менамояд. Ҷавонони муборизи чинӣ, ки намояндаи халқ буда, баҳри расидан ба озодии меҳан бо дастури Лу Син аз ҷони худ, ҳаёти худ гузар мекунанд, дар ватанпарастиву ватанхоҳӣ аз Гул Чин кам нестанд: «Пайравони Пири хирад зиёд шуданд. Гул Чин аз ҳаяҷони беандоза ва гуноҳи азим, ки тухми инсонро кам мекард, сахт мондаву хаста гашт ва охири кор дастонаш ларзида, нокор гаштанд ва тарсу воҳима гирифт, то чиние накушад» [47, с.137].

Зуҳури суғдиён дар Чин қобили таваҷҷуҳ буда, сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, бозёфтҳои бостоншиносон тайи сад соли охир дар ғорҳои Ҳазорбудои Дунхуан ва регзорҳои Турфони Чин бар он далолат мекунанд, ки миёни давлатҳои Суғду Чин на танҳо тавассути «Роҳи Абрешим» равобити фарҳангию тиҷоратӣ ва иқтисодӣ мавҷуд буд, балки суғдиён ба ин кишвар хеле зиёд муҳоҷират мекардаанд. Аммо таъкиди барзиёд бар нуфузи суғдиён дар Чин, ба мисли хуни суғдӣ доштан ё надоштани Лу Син, ки суғдиёнро не, балки мардуми кишварашро ба ҳимояи сарзамини аҷдодии

худ, яъне Чини Бузург даъват мекард, нависандаро аз ҳадафи аслиаш, ки инъикоси ватандӯстӣ, ҳимояи марзу бум аст, то андозае дур кардааст. Ё дар фарҷоми фоҷиабори асар низ ба хотири инъикоси нуфузи суғдиён дар мулки Чин марди суғдиро паҳлуи Пири Хирад ба по истода тасвир мекунад, ки ба сужа, мазмуну муҳтавои асар чизе илова накарда, боз бештар бемаврид ба назар мерасад. Аммо бояд зикр кард, ки қиссаи **«Оташкада»** тасвири олии муҳаббати инсон, вафодории ӯ ба меҳан мебошад.

Бешак, асари **«Ниёз-кончӣ»**-китоби нахустини романи сеҷилдаи **«Зарафшон»** дар худ муҳимтарин ҷиҳатҳои ҳақиқати таърихии охири садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бист, ба мисли вазъи иҷтимоиву маишӣ ва сиёсии он давраро равшану возеҳ гунҷоиш дода, хонандаро аз бисёр ҷиҳат бо як саҳфаи таърихи халқ ошно месозад.

Бояд зикр кард, ки қаҳрамонҳои Сорбон дар вазъиятҳои мураккаби зиндагӣ, дар ҳолатҳои мухталиф, бо хислатҳову андешаву афкори гуногун тасвир меёбанд. Муносибатҳои тезутунди хонаводаи бобои Наврӯз, зиддиятҳо миёни аҳли хонавода, руҳияи онҳо ва Ниёз дар рафти кушодани чигили ин зиддиятҳо табиӣ ба тасвир омада, ҷаҳони ботинӣ, олами руҳӣ, муборизаи ботинии онҳоро ошкор месозад. Муноқишаи бародарон Файёз ва Намоз оғози шиддати зиддиятҳову задухӯрдҳои қаҳрамонҳои асар буда, ба бародаркушӣ оварда мерасонад.

Ниёз, ки пеши назари хонанда аз як бачаи ҳафт-ҳаштсола то ба як марди баркамоли таҳсилкардаи забондон, волии Киштӯд сабзида мерасад, дар андешаи ободии диёр, пайи манфиати камбағалон аст. Амри нахустини ӯ-сарватмандон ба ҷойи камбағалҳо андоз супоранд, Ниёзро аз рӯзҳои аввал бо дороёни музофот душман кард: «…бой шуданӣ не, манфиат ҷустанӣ не, ҳаққи касеро хӯрданӣ не, касеро ҳайвонсифат кор фармуданӣ не…» [37, с.241].

Ӯ тимсоли ашхоси ватандӯсту худогоҳест, ки зеҳну қалби мардуми диёрашро такон дода, аз ғафлат ва бегонапарастӣ раҳоӣ бахшидан мехоҳад. Характер ва андешаву афкори қаҳрамон, тағйири олами ботиниву руҳии вай дар рафти воқеаву ҳодисаҳо, дар бархӯрди ӯ бо ашхоси гуногунхислату

гуногунандеша батадриҷ инкишоф меёбад. Ниёзе, ки бо сардори бешабонон Зардина мусоҳиб мешавад, дигар он ҷавони бетаҷриба, ки аз макру ҳиллаи душманон гоҳ-гоҳ сари калобаи хеш гум мекард, нест. Аз муносибати ӯ бо Зардина, аз рафтору гуфтори ӯ бо ёрону зердастон симои як ҳокими кордону дилсӯз пеши назар меояд, ки ғами мардум ва диёр оромаш намегузорад: «… дигар ин чӯбҳоро дар ҷояшон шинонда, сабз карда намешавад. Арча мисли инсон як бор сабз мешавад, буридӣ, тамом. Ин гуноҳи шумо ба хун ҳам шуста намешавад» [37, с.235]. Аз бепарвоӣ ва бетарафии ҳамдиёрон аламу ҳасрат кашида, бо дард иброз мекунад: « -Шумо меҳмондӯст…хонаатонро рӯфта баранд, даҳон кушода меистед, медонам…дасту поятонро бурранд, чашматонро кофта гиранд ҳам, лом намегӯед, медонам, меҳмон-атои Худо, бузургтар аз падар мегӯед…» [37, с.217].

Дарахтонро харидани Буларгин бо сӯхтори дарахтони буридаву масҷид ва марги муфоҷои Зардина, ки подоши хиёнати ӯст, анҷом меёбад. Ниёз мағзи мардуми кӯҳистонро таҳрик дода, дар вуҷуди онҳо ҳисси меҳанпарастӣ, эҳсоси дарки меҳанпарастиро бедор мекард.

Рафтори Бобои Наврӯз, шахси дар мадраса таҳсилкардаву соҳиби хатту савод, ки дар Киштӯду берун аз он хурду калон эҳтиромаш карда, аз ӯ маслиҳат мепурсанд, вале дар ҳалли масъалаҳои хонаводаи хеш пойдаргил аст, ин гуфтаи мардумро ба ёд орад: «Чорасозон дар илоҷи кори худ бечораанд».

Ба овозаҳои бардурӯғ ва беасоси Намозу занаш, ки гӯё Ниёз думоварди модар буда, аслан авлоди бобои Наврӯз нест, бовар карда, набераи ятимро хору зор намудани мӯйсафед, ки «касе аз дари бобо даҳонаш хушк нагашта буд, бобо ҳатман ҳар каси омадаро ба ҳавлӣ даровarда ҳаққи намак мекард…» [37, с.115], вале пасон яку якбора ба ҷустуҷӯйи набера баромада, коргаронро низ бо як шӯру ғазаб бар рағми соҳиби кони ангишт Боуэр, ки дар ба хондан фиристодани Ниёз даст дошт, ба корпартоӣ ташвиқ намудани бобо, беҷавоб монондани кирдорҳои палидонаи Намозу хонаводааш, ба мисли дар туйи Ниёзу Ширбадан додари арусро корд задани писарони

Намоз паҳлуҳои гуногун ва пурихтилофи характери пирамардро нишон медиҳад.

Яку якбора аз гуноҳи бобои худ гузаштани Ниёз, ки баъд аз сари падар аз падарбузург ба ҷойи ҳимояву ғамхорӣ озор дида, гирякунон аз Некон то Ғузор рафта буд, ғайритабиӣ аст. Ҳама азобу ранҷи Ниёз аз бепарвоии бобо сар зад, вале дилсардии миёни Ниёз ва бобо ба зудӣ ҳалли худро ёфтааст, ки ин аз воқеият дур ба назар мерасад. Олами ботинии Ниёз, фишори руҳӣ, задухӯрди ботинии ӯ гоҳи ба ҳавлии бобо баргаштан, бо падарбузург ва Намозу хонаводаи ӯ рӯ ба рӯ шудан чандон равшан нест.

Муаллиф тавассути симои манфури Намоз шахси пастфитрат ва бешараферо нишон додааст, ки ҳатто ба наздикону пайвандон аъмоли зишт раво мебинад. Сари гӯри Файёз «ашки тимсоҳ» рехтани ӯ аз пушаймонӣ ва дилсӯзӣ нест, зеро дере нагузашта бешармона иддао мекунад, ки «Ниёз Ширбаданро нею духтари ӯ Маҳтобро ба занӣ гирад» [37, с.203] ва шаби туйи Ниёз ба додари Ширбадан корд задани писарони Намоз низ далели он аст, ки ӯ гуноҳи худро назди арвоҳи бародар, назди Ниёз, назди падар ҳеҷ гоҳ дарк накардааст. Вагарна азоби виҷдон Намозро намегузошт, ки талоши домод кунонидани бародарзодаи падаркушта ва аз кирдорҳои палидонаи ӯ азобу ранҷкашидаро намояд.

Сорбон ҳамчун як таърихнигори пухтакор дар ин асар аз тасвири маҳзи манзараҳои фоҷиабор ва ғамангези таърих худдорӣ карда, таваҷҷуҳи хешро ба симоҳои зиндагидӯсту инсонпарвар равона намудааст. Н. Салимӣ доир ба таърихнигории Сорбон чунин мулоҳиза дорад, ки ҷолиб мебошад: «Ҳофизаи таърихии халқ як ҷузъи муҳимми тафаккури бадеии Сорбон маҳсуб мешавад. Ба ин васила, ҳикмату таҷрибаи маънавии халқ ва арзишҳои волои фарҳанги гузашта ба тору пуди асари ӯ ворид гардида, бунёди ғоявӣ ва халқии ҷаҳоншиносии нависандаро амиқ бурданд» [119, с.49]. Қуввату матонати халқ дар баробари фоҷиаҳои бузург дили қавӣ, руҳи бешикаст ва нигоҳи дурахшон ба оянда аст, ки халқро мондагор месозад. Ин нуктаро бо инъикоси рӯзҳои нек, руҳияи саршор аз ғояҳои некбинонаи мардуми одӣ, бо ҳазлу мутойибаи халқӣ, бо ҳикматҳои баландмазмун

метавон нишон дод. Образҳои Қаҳҳорчаю Ғанӣ ва Равшани Раҳмон, ки ҳамеша бо меҳру муҳаббат ба зиндагӣ менигаранд, барои инъикоси ин ҳадафи нависанда хизмат кардаанд. Дар ҳама кору амалҳое, ки Ниёз-кончӣ баҳри ободии диёр мекард, онҳо ҳамчун намояндаи мардуми одӣ пешсаф буда, бо дили гарму руҳияи баланд анҷом медоданд.

Нуктаи дигари мавриди зикр, ин робитаи Бурҳон бо Умари писари Ниёз-кончӣ аст, ки дар назар носозгору ноҷӯр ва ғайритабиӣ менамояд. Ниёз-кончӣ бо он ташвише, ки дар сараш хосса ҳангоми телефонхонаро бунёд кардан буд, вақти бо кӯдаки хурдсоли усто андармон шудан надошт. Аслан дӯстии Бурҳону Умар ба хати сужа тағйире намеорад, бинобар ин, зарур набуд, ки нависанда Бурҳонро аз Амондара оварда, дар хати сужа ворид кунад.

Қаҳрамони романи **«Шарифа»**-Ёрмуҳаммад ҷавонмарди ҷасур ва ватандӯсту баномус, ба мисли Қаҳҳорча, Нуралӣ, Ғанӣ, ки ору номуси ватандорӣ, андешаи солими истиқлолҷӯ, азми қавии меҳанпарастӣ ӯро ба майдони мубориза барои озодии сарзамини аҷдодӣ мекашад, мехост, пойи ҳар бегонаи манфиатҷӯро аз меҳанаш дур кунад, дар асар хеле дер пайдо шуда, зуд нопадид мегардад. Онҳо аз моҳияти Ҳокимияти Шуравӣ, дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ки дар Русия, Бухорои шариф рух дода буданд, бахусус, Қаҳҳорча ва бархе ёронаш дар баталонҳои коргарӣ ба Русия рафта, кор карда буданд ва бояд ҷаҳонбинӣ, тафаккур, маърифати сиёсии онҳо тағйир меёфт, огоҳии комил надоштанд. Муборизаи онҳо, ки аксари ҷангиёни ин дастаҳо бо камони шикорӣ ва ҳатто бархе бо досу панҷшохаву калтак мусаллаҳ шуда буданд, на танҳо номуташаккил, балки бар зидди отряд ва дастаҳои саропо мусаллаҳи Армияи Сурх ва босмачиён худро беҳуда ба дами тир задан буду бас. Ҳодисаву воқеаҳое, ба мисли қатли оми мардуми Чорбоғ, ки бар қасди аскарбачае, ки дар сутуни хонақоҳ бо амри сардори дастаи босмачиён Холиқул баставу сӯзонданд, аскарони Сурх анҷом доданд, эътиқоди мардуми таҳҷоӣ, бахусус, ҷавонони ватандӯстро, ба мисли Ёрмуҳаммад, Қаҳҳорчаро нисбат ба аскарони Сурх коҳиш медод.

Муборизаи Ёрмуҳаммад бо Ҳомидбек қурбошӣ низ номуташаккил ва номуайян буда, мафҳуми Ватан барои Ёрмуҳаммад аз кӯҳи болои Амондара то паҳнои дашти Ёрӣ асту бас. Яъне, агар Қаҳҳорча барои ҳимояи Киштӯд силоҳ гирифта бошад, Ёрмуҳаммад ба хотири ҳимоя аз Амондара, аз мардуми он ба мубориза бархостааст.

Вале бояд зикр кард, ки симои Ёрмуҳаммад дар асар хеле дер пайдо мегардад, зеро бо он шуҷоату ҷавонмардӣ, ки ӯ дорад, бояд дар рӯзҳои сахт паҳлуи хоҳар мебуд, ҳимояташ менамуд, ба хоҳарзодаҳои навраси бепуштупаноҳ мутакко мешуд.

Хонанда бо Қаҳҳорча ҳанӯз аз китоби пешин ошно буда, ӯро чун инсони шӯхтабиат, дилсӯз, меҳнатдӯст ва меҳанпарвар мешиносад. Аммо дар романи **«Шарифа»** дар симои ин ҷавонмард як муборизи ватанхоҳро мушоҳида менамоем, ки ҳимояи Ватанро аз ҳама воло мегузорад. Дар посухи писари Ниёз кончӣ-Умар нависанда ин нуктаро таъкид мекунад: «Ҳар кӣ ватани хеш ҳимоя накунад, аз ҷинси башар нест» [38, с.188]. Ӯ, ки мардумро чун мубориз ба ҳимояи Ватан хонда, бо баҳои ҷон бошад ҳам, онро қарзи ҳар ҷавонмард мешуморад, хатари ин муборизаву ҷангро медонист: «Вақте Ватан дар хатар аст, ҳеч кас ҳуқуқи аз ҳимояи он сар кашидан надорад!» [38, с.190].

Далериву шуҷоати Қаҳҳорча дар манзараи Нуралии додарашро аз дасти аскарони Сурх раҳо кардан бештар равшан мегардад. Нуралӣ низ мисли бародараш озодандешу истиқлолхоҳ буда, дар ниҳодаш хуни ору номуси ватандорӣ ҷӯш зада, ӯро ба майдони набард кашидааст. Ӯ чун Ёрмуҳаммад дар асар зиёд пайдо намешавад, аммо симои ҷаззобу сирати шарафманди вай аз ҳамин манзараи асир афтодан, баҳсу мунозира бо Мирзо Яҳё ва Мирзо Яҳёро мулзам намудан мушоҳида мегардад. Қаҳҳорча, Нуралӣ, Ёрмуҳаммад тимсоли ҷавонмардони баномусе ҳастанд, ки сарзамини худро озоду соҳибистиқлол дидан мехоҳанд. Аммо ба моҳияти мубориза баҳри озодиву истиқлол сарфаҳм нарафта, беҳуда нобуд шуданд.

Бояд гуфт, ки ба Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ шудани водии Зарафшон, агар, аз як тараф, зулмро ба сари мардум гаронтар карда бошад, аз тарафи

дигар, дар шуур ва андешаи онҳо як такон ва таҳрикеро ба вуҷуд овард. Оғози дигаргуниҳои бузурги таърихӣ дар ибтидои садаи бистум дар кишвари Русия ба Осиёи Миёна низ таъсири худро гузоштанд. Масалан, тибқи иттилои рӯзномаи **«Самарқанд»** ҳанӯз дар соли 1906 дар волости Мастчоҳ, ки дуртарин гӯшаи кӯҳистони тоҷик маҳсуб мешуд, ошӯб сар задааст: «Баҳори соли 1906 сокинони волости Мастчоҳ аз ҷабру ситами маъмурони шоҳ ва ҳокимони маҳал ба дод омада, бар зидди ҳокими волост Юсупов сӯйиқасд ташкил карданд» [158, с.2].

Ин ҳодисаву воқеаҳо, бахусус, ба мардикорӣ сафарбар кардани мардони тоҷик, ки дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳон ба ҷойи коргарони рус ба заводу корхонаҳои Русия фиристода мешуданд, шуур ва фаҳмиши онҳоро тағйир дода, гӯё қолаби ақидаҳои асримиёнагии хурофотангезро барои зиндагӣ ва рӯзгори онон танг кард. Бурҳону Умар низ баъди аз мардикорӣ баргаштан таҷрибаи зиндагӣ андӯхта, забондон, дунёдида ва бофаҳму идрок гардида буданд. Бо Гулсифат ишқ варзидан ва ӯро аз хонаи шӯ дуздидани Бурҳон, ба ҳимояи Шариф-кофир, ки руҳониён бо «гуноҳи» зани рус гирифтан фатвои кофир буданашро бароварда, ӯро аз деҳа рондан мехостанд, бархоста, қозиву муллоҳои таассубгар ва бойҳои муфтхӯрро ба дарё тела додан, оғози муборизаи шадиди афкори наву куҳна буда, барои оғози муборизаҳо бар зидди қувваҳои иртиҷоӣ роҳ мекушод.

Асари **«Туғрал»** аз идомаи воқеаҳои пурошӯби ибтидои асри бистум, ки дар романи **«Шарифа»** оғоз ёфта буданд, иборат буда, ҳаёти фоҷиабори шоири шӯридаи ибтидои асри XX Туғрали Аҳрориро тасвир мекунад. Азбаски мавзуи бунёди Ҳокимияти Шуравӣ ва мубориза алайҳи босмачиён барои адибони давр мавзуи муҳим маҳсуб мешуд, доир ба ин мавзуъ асарҳои зиёде таълиф шудаанд. Вале аксари ин асарҳо дар чаҳорчӯбаи дастуроти сиёсати замон иншо шуда, ҳодисаҳои таърихиро на чандон воқеъбинона тасвир мекарданд. Яке аз сабабҳои ҳадафи тозиёнаи сахти нақди адабии замон гардидани осори Сорбон ин инъикоси воқеъбинонаи ҳодисаҳову воқеаҳои таърихӣ, бахусус, давраи босмачигарӣ дар кишвар буд. Тасвири дақиқ ва равшани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии замон заминаи тасвири

воқеъбинонаи ҳодисаҳоро дар романи сегонаи **«Зарафшон»** фароҳам овардааст, ки дар асари таърихӣ басо муҳим аст. Оташи муборизаи Ҳукумати Шуравӣ бо дастаҳои босмачиён, ки муборизаи афкори наву куҳна буд, бештар бегуноҳонро ба комаш мекашид. Туғрал низ қурбонии ҳаводиси он солҳои пурошӯб гардид.

Бояд гуфт, ки нависанда ҳақиқати таърихиро бо тахайюлоти пуробу ранг инъикос намуда, ба қавли М. Хоҷаева: «Пас аз гузашти солҳо…хеле ҳақбинона ба воқеияти онрӯза нигариста, нақши ҳар кадомеро муайян кардан хостааст» [125, с.132].

Дар асар мавқеи Артиши Сурх, нақши дастаҳои босмачиён ва вокунишҳои намояндагони мардуми бумӣ, ба мисли Қаҳҳорча, Ёрмуҳаммад, Нуралӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ воқеъбинона ва табиӣ тасвир шудааст. Зиддият ва задухӯрди дастаҳои Қаҳҳорчаю Ёрмуҳаммад зидди Артиши Сурх ва дастаҳои босмачиён, дар деҳаи Чорбоғ аҳолиро қатли ом кардани аскарони Сурх дар мавзуи мазкур воқеан, андешаву афкор ва тасвири нав аст. Симои командири Артиши Сурх Шатенин Прохор Иванович паҳлуҳои норавшани воқеаву ҳодисаҳои таърихиро равшанӣ андохта, тарафҳои нонамоёни чеҳраҳои аскарони Артиши Сурхро дар солҳои бистуми садаи гузашта равшан месозад.

П. И. Шатенин аз он симоҳои инқилобчиён ва командирони сурхе, ба мисли Иван аз **«Одина»**-и С. Айнӣ, Иван Николаевич Иванитский ва Павел Иванович Иванов аз **«Одамони ҷовид»**-и Р. Ҷалил, Ивон-амаки собиқадор ё Иван Андреич аз **«Палатаи кунҷакӣ»**-и Ф. Муҳаммадиев, Максим Макарович Мочалов аз **«Ҳар беша гумон мабар, ки холист»**-и Ф. Ниёзӣ, ки наҷотбахш, ҳомии халқу Ватан ва фидоии ғояҳои баланду арзишманди замон, соҳиби дили пурҳарорату соф, дар муносибат бо халқ хеле меҳрубону дилсӯз тасвир шудаанд, ба куллӣ фарқ дорад. Агар дар асарҳои мазкур Иван чашми Одинаро бо нутқи буррову пурҳарорат кушояд, Иванитский ва Иванов Пӯлодро ба роҳи инқилоб ҳидоят кунанд, Ивон-амак назари насли ҷавон Иброҳимҷони бепарворо ба ҳаёт, ба арзишҳои он тағйир диҳад, Мочалов писари навраси дӯсти ҳамяроқаш Султон Сафоев-Давлатро

ба тарбия гирифта, бузург намояд, қаҳрамони Сорбон шахси тундрав, гарданшах ва дар муносибат бо намояндаи халқ-Туғрал хеле дағалу бераҳм буда, ошкоро душманиро раво мебинад. Дар асар ӯ ҳамнишин ва ҳаммаслаки сарвари сафедгвардичиён Осипов буда, ӯ аз ғояву афкори нав ва дигаргунсози инқилобӣ дур ва бегона аст: «Кори Ҳомид-қӯрбошӣ будааст, рафиқ командир! Солдат ҷамъ кардааст. Ба муқобили ҳама як-як ҷанг мекардааст.

- Курбашӣ? Хорошо!

Онҳо мушоҳида карданд, ки командир Шатенин дар дил шодмонӣ дорад. Вале надонистанд, ки ин шодмонӣ аз чист?» [38, с.378].

З. Ӯлмасова ин нуктаро низ тақвият дода, таъкид мекунад, ки Шатенин «…бо иштибоҳ аз Москва ба уезди Самарқанд фиристода шудааст» [119, с.191].

Аммо ҳақиқати таърихӣ он аст, ки Шатенин, прототипи Шатенин П. И., душмани Инқилоби Октябр ва Ҳокимияти Шуравӣ набуда, ӯ бо иштибоҳ Туғралро нобуд мекунад. Агар Шатенин душмани инқилоб ва ҳаммаслаки роҳбари сафедгвардиячиён Осипов мебуд, шоир аз дасти душманони сохти нав қатл мешуд. Дар ҳикояи **«Табари хунолуд»** низ писари Саидабегим-Саидбурҳон пас аз қатл ва асир гирифтани босмачиён аз тири сарбози сурх бо айнан ҳамин хел «иштибоҳ» кушта мешавад. Яъне, Туғрал ҳадафи худсарӣ, худкомагӣ ва туҳмату бадномии командири Артиши Сурх-Шатенин шудааст, ки ин воқеият талхтар аз он аст, ки Сорбон тасвир намудааст. Туғралро бо гумони ҳамкорӣ ва робита бо босмачиён мепаронанд, баъди ёфтани асп ва қуттиҳои тир ин иштибоҳ бармало мегардад. Аммо шоири оташинсухану оташинтабъ дар айни камолоти эҷодӣ аллакай кушта шуда буд.

Ин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки руҷуи аз ҳад зиёд лирикии шоир дар тасвири замони воқеаҳои хунин, дар он лаҳзаҳои набарди ҳаёту мамот, маргу зист, муборизаи ошкорову пинҳонии сохти наву куҳан Туғралро, ки ба зудӣ моҳияти сохти нав, зарурати бунёди ҷомеаи навро дарк намуда, дар Ҳокимияти Шуравӣ вазифаи раиси кумитаи замини волости Фалғарро бар

дӯш дошт, як фарди дунёбезор, ки ҳама бадбахтиҳоро аз фалак дониста, дар мавриди нақши инсон дар бунёди ҷомеа, дар ҳимояи марзу бум андеша надорад, нишон медиҳад. Сухани вопасини шоир аз ҳад дуру дароз ва ғайритабиӣ буда, аз доираи имкони замони тезутунди воқеаҳо берун аст. Фармондеҳи қисми ҳарбӣ-Шатенин, ки ҳатто ёфтани аспро интизор нашуд, ба шоир имкони суханронии дуру дароз, боз дар ҳоле, ки шоир ӯро барои ҳукми ноодилона нафрин мекард, намедод.

Воқеан, Сорбон дар романи сегонаи «Зарафшон» аз лиҳози инъикоси ҳодисаву воқеаҳои таърих, шахсиятҳои таърихӣ, дар маҷмуъ тамоми ҷузъиёти таърихнигорандагӣ хеле муваффақ шуда, асари бозгӯйи бадеии таърихии як давраи муҳимми таърихии рӯзгори мардум таълиф намудааст. Ш.Солеҳов мақоми Сорбонро «… дар таҳқиқи бадеии мавзуъҳои таърихӣ, зиндагинома ва корномаҳои ашхоси бузурги гузаштаи наздику дур» [118, с.63] дар асари мазкур хеле бамаврид нишон додааст.

Ба ақидаи адабиётшинос Б. Тилавов асари «**«Зарафшон»** як достони пуралами шоиронаест, ки мисли қиссаҳои Шарқ…ба воситаи сюжети ҷолиби диққат ва образи қаҳрамонони мусбату манфии асар ҳаёти вазнин ва асрори тамаддуни халқи тоҷик дар арафаи Инқилоби Октябр тасвир гардидааст» [166, с.4].

Романи **«Достони писари Худо»** бо мазмуну муҳтаво ва сабки баён ба зудӣ таваҷҷуҳи аксар муҳаққиқини тоҷик, ба мисли А. Сайфуллоев, А. Набавӣ, М. Хоҷаева, А. Сатторзодаро ҷалб намуда, мӯшикофона ҳадафи пажуҳиш қарор гирифт. Равшан аст, ки **«Достони писари Худо»** натиҷаи заҳматҳои чандинсолаи нависанда буда, он аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва сабку услуб, ғановати бадеӣ гуногунҷабҳа ва серсимотарин асар маҳсуб мешавад.

Ба ақидаи А. Набавӣ романи мазкур дар айёми ҷанги шаҳрвандӣ навишта шуда, «ҳаводиси тезутунд, пуршиддат ва бемаънии рӯзро осемасарона дар замонаш баҳо додан кори оқилона нест, нависанда замонаро ба маҳаки таърих меандозад ва дар натиҷа таърих хеле аз дардҳои имрӯзро чун муаллими пурдида бозгӯ мекунад» [90, с.302].

Як бурди нависанда, ин таҳқиқи бадеии шахсияти Искандар буда, Сорбон бо далелу бурҳон андешаеро, ки номи Зулқарнайни дар Қуръон зикршуда Куруши Кабир аст, на пури Файлақуси ҷаҳонхоҳ тасдиқ мекунад. Яъне, Александри таърихӣ ва Искандари адабиёти исломӣ ё Зулқарнайн як шахс набуда, ин лақаб ба Куруши Кабир рабт дошта, баъдан иштибоҳан ба Искандар мансуб диниста шудааст.

А. Набавӣ зимни таҳқиқи бадеӣ асари мазкурро «нишонаи камолоти эҷодии нависанда» [90, с.302] номида, аз ҷумла, чунин мулоҳиза дорад, ки муҳим мебошад: он бо «... хеле аз шоҳкориҳои адабиёти муосир ҳамсангӣ карда метавонад» [90, с.302].

Муҳаққиқ М. Абдуллозода ба он андеша аст, ки Сорбон Искандарро ҳамчун як шахси мураккаб «дар лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт ба зуҳур омадани хислатҳои мухталифи ӯро моҳирона тасвир карда тавонистааст, як образи серпаҳлу офарад» [66, с.245].

Аммо адабиётшинос А. Сайфуллоев аз тавсифҳои зиёди Маликуррум норизоии хешро иброз кардааст: «Ӯ (нависанда-М.Ҳ.) ҳарчанд Искандарро золиму хунхор меномад, вале тавсифаш фаровон аст» [108, с.614].

Муаллиф на танҳо ҷангҳои Искандари Макдуниро ситоиш кардааст, балки ӯро дар аксар маврид шоҳи бонангу ор ва адолатпеша нишон додан хостааст. Манзараи хашм гирифта, чанд сарбози хешро барои талаву тороҷи мардуми Персопол ва барои ба духтараке дарафтидан бо шамшер каллапарид гардондан дар тавсифи Искандар, ки сарбозонаш дар пеши чашмаш духтараки наврасеро барои сар нафуровардан чорлахт карда, ба дарё партофта буданд, аҷиб менамояд.

Касе, ки ба одамони содиқи худ, ба мисли сипаҳсолор Пармониён, писарони ӯ Файлотусу Никанор, дӯсташ Никанори дуюм, Клит-бародари дояаш, ки ба ӯ ҳаққи устодӣ дошт, Колисфени таърихнигор раҳм накарда, ба қатл мерасонад, наметавонад чунин наҷобату ҷавонмардӣ дошта бошад. Ин ҳамон Искандаре ҳаст, ки дар Тир ду ҳазор ҷавонро маслуб кард, **«Авесто»**-ро сӯзонд, қисмати Гулгун-духтари шоҳи Доро низ ба фоҷиа анҷомид, зеро ба шоҳи макдунӣ сар нафуровард.

Мунаққид А. Сатторзода дар дебочаи Куллиёт низ ба ин андеша ишора намуда, таъкид кардааст, ки асари **«Достони писари Худо»** аҳаммияти бештареро соҳиб мегардид, агар нависанда маҳз аз ҳамин нигоҳ ба аъмоли ин шоҳи вайронкору ҷоҳил ва мутаассиб менигарист. Вале бояд зикр кард, ки Сорбон вазъи сиёсии давлати бузурги Ҳахоманишиёнро воқеъбинона тасвир намудааст, ки метавон онро муваффақияти асосии муаллиф дар асар номид. Дар ҳар як набард ғалабаи душманро ноиттифоқӣ ва низои дохилӣ таъмин мекунад, ки заволи ҳар мулк низ аз ин маншаъ мегирад. Гоҳи ҳуҷуми Искандар ба Порс дар ин мулк шоҳи ноуҳдабаро ва тарсу Дорои Кудумон дар тахт буд, ки натавонист, ҳокимони мамлакатро зери як ливо ба ҳам оварда, муҳофизати кишварро таъмин кунад. Табиист, ки аз ноиттифоқӣ ва низоъхоҳӣ, ки худ замина гузошта буд, аз дасти ҳамватанон кушта шуд. Вале дар миёни паҳлавонҳо ва сатрапҳои мулки Порс ба ҷуз Спитамони суғдӣ нафари дигар, ки дилаш воқеан ба меҳанаш сӯзад, гӯё вуҷуд надорад. Ҳатто писарони Ортабози сипаҳсолор низ ба хидмати Искандар ризо мешаванд. Дар роман ҳокимони Порс аз чунин сифатҳои шоиста ва мардонагӣ маҳруманд.

Маълум нест, ки чаро Сотибарзан-сатрапи Ориё гоҳи бо сарфавҷи саворони мақдунӣ Эргӣ набард кардан худро гунаҳкор медонад: «Донист, ки гуноҳаш зиёд. Борҳо ӯро пӯзиш карданд: Искандар, ки ягон кушандаи Дороро пӯзиш накарда буд, ӯро бахшид. Ҳамин чизро низ дарку фаросат накард ӯ. Инак подош чӣ шавад, намедонад» [41, с.83].

Эҳсоси дарки гуноҳи як сатрапи сарфавҷи ватандор, ба мисли Сотибарзан ба хотири исёнаш дар муқобили шоҳи тороҷгари мақдунӣ, ки бо лашкари бешумор ба кишвари сарфавҷ ҳуҷум намуда, ҳаммеҳанони ӯро қатл ва меҳанашро хароб кард, бемантиқ ба назар мерасад. Назди Искандар баҳри побӯсӣ ба зону задани ин сатрапи Ориё на аз тарсуист, зеро Сотибарзан, ки марди размдида ва сарфавҷи таҷрибаандӯхтаест, бо расидани фурсат дубора бар зидди Искандар шамшер бардошт ва мардона ҳангоми набард ҳалок гардид.

Мутаассифона, аксари сарфавҷҳои сипоҳи Эрон, ба ҷуз сипаҳсолори пир-Ортабоз бо он фарҳанг ва маърифате, ки ин мардум дошт, нодон ва бефаҳм тасвир шудаанд, ки гоҳи душворӣ зуд сару калобаи хеш гум мекунанд. Ҳол он ки муаллиф имкони тасвири симоҳои зиёди ватанхоҳони бумиро, ки дар баробари Спитамон бо Искандар ҷангидаанд, дошт.

Сарлашкарони ҳар ду тараф-Пармониёни макдунӣ ва Ортабози порс дар айёми пирӣ бо он ҳама шаъну шуҳрат беқадр ва хору зор гардида, аз ҷанг пушаймонанд. Бешак, Пармониён, ки дар кишвари бегона тохтутоз дорад, аз набарду хунрезӣ хаста гардидааст. Аммо Ортабоз барои Ватан, барои муттаҳид намудани мулки Порс ҷангидааст ва ҳатто дар он синне, ки буд, бояд бидуни ҳеч гуна эҳсоси пушаймонӣ барои озодии Меҳан меҷангид. Инчунин, дар тасвири Бесуси Бохтарӣ, ки шахсияти таърихист, на танҳо муҳаббати нависанда эҳсос намешавад, балки як тамасхур ва истеҳзои муаллиф нисбат ба ин қаҳрамон аён буда, мавқеи муаллиф номаълум аст: «… он марди монанд ба маймуни одамшакл ончунон дамбадарун буд, ки аслан забони одамиро намефаҳмида бошад» [41, с.218].

А. Сайфуллоев ин маъниро таъкид мекунад, ки «эҳсоси ватанхоҳии сарварони мамлакат (порсҳо) паст ва ноаён аст. Нависанда симои эшонро бидуни меҳру муҳаббат тасвир мекунад» [108, с.614].

Шуҷоати сатрапи Бохтар, ки ҳатто шоҳи макдуниро ба ҳайрат гузошт, ки чаро «бо чунинон Дориюш тавонист размро бохтан?» [39, с.219] бо он ҳазёнгӯйиҳои ӯ «Кадоме аз шумо шоҳ шуданист? Маро гузоред! Озод кунед! Тахту тоҷро хоҳам бахшид!» [41, с.208] наметавонанд амал ва рафтори як шахс бошанд.

Ин ҳазён сухани марди диловаре нест, ки дар рӯ ба рӯйи Искандар баъди ҳама шиканҷаи афсарони шоҳи макдунӣ «… дастони бастаашро гиреҳ дошта, мушаки банду бозуро дамонда, чун ҳайкали қавӣ ва тановару неруманд меистод ва дар олам чизеро намедиду намешунид» [41, с.206].

Маълум нест, ки Датафарн чаро Бесусро, ки сатрапи Бохтар асту хуб мешиносад, муносибати онҳо низ то ин дам муътадил ва ҳатто дӯстона буд, якбора роҳзан меномад: «Кадом роҳзан шоҳ шуда, ки ту шавӣ?» [41, с.206].

Бешак, тахти Порсро хостгор шудани Бесус дар он айём, ки Искандар барои онро соҳиб шудан омада буд, аз ҳарисӣ на, аз шуҷоати бохтариёнаи ӯст. Дар замоне ки мамлакату давлат, тахту тоҷро хавфу хатар, ба мисли ҳуҷуми лашкари бегона ё ҷангу низои дохилӣ таҳдид мекунад, танҳо шахси аз худ гузаштаи шуҷоатманд метавонад мақсади ба сари ҳукумат омадан кунад, ки инро мо дар гузаштаи на чандон дур шоҳид гардидем. Бесус шахсияти таърихиест, шуҷоатмандона то нафаси охирин бо Искандар меҷангад, аммо дар асар хислатҳои ватандӯстиву меҳанпарастии ӯ тасвир наёфтаанд. Агар Бесус хостгори тахти Порс гардида бошад, ӯро ба ин кор дигарон талқину таҳрик доданд, зеро ҳама сарлашкарону сатрапҳои мулк аз шоҳи ноуҳдабаро, Доро рӯй гардонида буданд. Муаллиф Бесусро ботамом бо ранги сиёҳ тасвир намуда, бигзор аз ӯ саҳву хато сар зада бошад, хидматҳои ӯро ҳамчун як ватандори дилсӯз дар роҳи дифои кишвар ба назар намегирад.

Бояд қайд намуд, ки доир ба сабку ҳунари нигорандагии муаллиф дар таълифи романи **«Достони писари Худо»**, ки бештар аз сесад персонажу симоҳои ҷолиберо дар бар мегирад, таҳқиқотҳои зиёде рӯйи кор омада, мунаққидони зиёде, аз ҷумла, А. Сайфуллоев, А. Набавӣ, Ш. Солеҳов, М. Хоҷаева, З. Ӯлмасова ва Ҷ. Бақозода пажуҳиш намуда, андешаҳои худро иброз кардаанд.

Сорбон бо ҳунармандии комил эҳсоси ботинӣ, задухӯрдҳои ниҳонӣ ва олами андешаву афкори қаҳрамонҳоро, ба мисли Искандар, модари ӯ Олимпиада, Арасту, сипаҳсолор Пармониён, Шоҳ Дорои Савум, шоҳзода Ох, хоҷасарой Боҳӯй, сипаҳсолор Ортабоз, малика Гулгун, қаҳрамони суғдӣ Спитамон, Бесуси Бохтарӣ, ҳатто симоҳои чандлаҳзаинае, ба мисли хазинадор Фрадат, тоҷири юнонӣ Онанниюс, Коллисфени таърихнигор ва ғайра тасвир намудааст, ки ҳар кадом бо чеҳраи хос ва дар лаҳзаҳои ҳассос амал мекунанд. Манзараи талоши соҳиб шудан ба гарданбанди заррини Бесуси Бохтарӣ, ангуштарини шоҳ Доро бори дигар ҳарисии шоҳи мақдуниро нишон медиҳад.

Аммо бо вуҷуди ин камбудиҳо, ба андешаи А. Набавӣ романи мазкур «насри тоҷикро аз ҷиҳати мундариҷа ва шаклу жанр як поя боло бурд, ки метавонад боиси пайгирӣ ва пайравии аҳли адаб бошад» [90. 302].

Хулоса, Сорбон ҳанӯз дар марҳилаи аввали эҷод, дар даврони шуравӣ аз худ чун адиби таърихнигор ҳодисаву воқеаҳои таърихиро бо маҳорат ва салиқаи баланди таърихдонӣ, таърихшиносӣ ва муҳаббат ба ин таърихи халқу кишвар инъикос карда, симоҳои таърихии ҷолиберо офаридааст, дар даврони нав бо нигоҳи тоза, диди нав таърихи халқу миллат ва диёри худро хеле воқеанигорона таҳқиқи бадеӣ намудааст.

## 2.2.Баррасии мавзуи ҷанг дар осори Сорбон

Мавзуи ҷанг, таъсири ҷанг дар сарнавишти инсонҳо дар осори дар давраи истиқлоли кишвар таълифшудаи Сорбон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Сохтори ҳикояи **«Рӯ ба рӯйи гӯристон»**-ро мусоҳибаи ду нафар, ду шахс; яке писари Ҳамроҳи Қодир, ки падараш дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷангида, Ватанро ҳимоя кардааст, дигар гурезаи ҷанг, ки дар он айёми пуртаҳлука бешарафона аз ҳимояи Ватан гурехта, дар камару ғор пинҳон шудааст, намоён мешавад, ки имрӯз бе ҳеҷ шарму ҳаё инро эътироф ҳам мекунанд: «- Пас, Шумо бегуноҳу падари ман гунаҳкор?

- Албатта, ман бегуноҳ… Кӣ мехоҳад, ки беҳуда мурад? ...Аз барои кадом мардуми бегона шуда…Ҳамту замони озодӣ, истиқлол мешудааст-ку!? Чӣ лозим буд, ҷавононро ба дами тиру туфанг фиристондан? Худатон бинед: ватандорҳо ҳама зери хок. Ба ном душманҳо, гурезаҳо сиҳату саломат» [44, с.128].

Аз баҳси ноқил бо марди ҳамдеҳааш-гурезаи ҷанг, ки падари ӯ-Ҳамроҳи Қодирро дар «хабаркашӣ» гунаҳкор мекунад, бармеояд, ки Ҳамроҳи Қодир, қиблагоҳи муаллиф, иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар дастгир кардани ин гурезаи ҷанг накши муҳим иҷро кардааст. Дар ҳикояи мазкур низ нависанда қазоватро ба хонанда супурдааст. Қаҳрамони ҳикояи **«Рӯ ба рӯйи гӯристон»** воқеан, гурезаи ҷанг аст, ки имрӯз гумонаш бо шикасти низоми ҷомеа ва иваз шудани бархе арзишҳо амали ӯ, аз ҳимояи Ватан гурехтан амали нангин на, балки кори муқаррарӣ ва ҳатто шоёне маҳсуб шавад.

Дар ҳикояи **«Паймон»** иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки гӯё ба хотири ҳамсилоҳи дар ҷанг фавтида ном ва номи падарро иваз мекунад, маълум нест, ки воқеан, фитнагару дурӯғгӯст ва ё ҷабрдидаи сиёсати даврон. Қаҳрамони ҳикояи **«Паймон»** мисли қаҳрамони ҳикояи **«Рӯ ба рӯйи гӯристон»** аз гурезагии худ ифтихор намекунад, балки гурезагии худро бо иваз намудани ному насаб пинҳон намуда, аз худ қаҳрамон метарошад, Дуруст аст, ки аз тасвири вазъу ҳолати қаҳрамон хонанда ба қаҳрамонӣ ва диловариҳои ӯ ба чашми шубҳа менигарад, аммо зиндагинома ва фаъолияти

«Сурати гуреза…пленафтода» [44, с.128] тавзеҳ металабад, зеро на ҳар асирафтодаи ҷанги Олмон гуреза ва тарсу буд. Дар ҳикояи хурд нақли ровӣ аҳаммияти мутлақ пайдо карда, ҳадаф ва мақсади нависанда номафҳуму норавшан мондааст.

Ҳикояи **«Кӯрофтоб»** аз азобу ранҷ, рӯзгори талхи мардуми ақибгоҳ, гуруснагӣ ва ранҷу азоби модарону тифлон дар айёми наҳси ҷанг бо Олмони фашистӣ нақл мекунад. Комёбии адиб дар ҳикояи мазкур тасвири ҷуръату ҷасорат, хиради инсон ҳангоми фоҷиаи бузург, ки руҳан шахсро шикаста ва қариб, ки маҳв мекунад, мебошад. Қаҳрамонҳо, писараки анборбони колхоз, ки ба пинҳонӣ аз падар ба зани ҷавон ду тоқӣ гандум медиҳад, Аноргули ҷавон, ки барои наҷоти ду тифлаш талош мекунад, дар анҷом ноумед мешаванд. Писарак барои ин кор аз падари сахтгири анборбон шаллоқ мехӯрад, ордро хар мехӯрад, ҳар ду тифли Аноргул низ аз гуруснагӣ мемиранд. Аммо ҳар ду бо рафтори наҷибу шоиста ва таҳаммулпазирии ғайричашмдошт симои инсонии хешро нигоҳ медоранд. Ҷавонзан бо он ҳама фоҷиае, ки ба сараш омадааст, кӯшишу талоши наҷоти писарбачаи бегонаро мекунад.

Ҳангоми ҳодиса гуноҳи хеш бар дӯши касе бор накардан, бар гардан гирифтан нишони бузургии инсон аст. Писарак ва Аноргул ҳар кадоме дар талаф ёфтани орд худро гунаҳкор медонанд. Гӯё ҷанг барои одамон бадбахтӣ оварда, виҷдону имон, инсофу одамгарӣ ва нокасиву ноинсофии онҳоро дар мизони худ месанҷид. Нафаре ба мисли Аноргули ҷавон, ки тифлонаш дами марганд, боз барои наҷоти писари анборбон талош намуда, вақти худро талофӣ мекунад, нафари дигар мисли кӯри Эгам бе ҳеҷ аламу дард тамошогари ин мусибату мусибатзадаҳост.

Нависанда ҳолати руҳии писаракро, ки барои ду тоқӣ гандумро ба Аноргул додан гӯшмоли сахт хӯрд, дубора бо амри падар барои гандумро пас гардонидан ба як дам то хонаи Аноргул тохт, манзараи аз гуруснагӣ мурдани тифлони Аноргулро хеле воқеънигорона ва табиӣ тасвир кардааст: «…дар миёндаштии байни деҳоти Амондараву Майкада оламро бесоҳиб ва хешро бепаноҳ дарёфта, нишаст рӯйи роҳ, ғаши кӯдакона кард ва тангдил

гашт, чунон ки ҷомаи шустаи обкашидаро миёни муштон тофта, обашро ҷафида резонанд, хешро чунин афшурд, сипас монои кӯдаки ноилоҷ поча зад рӯйи хок дупоя ва сангчаву чӯбча пойҳо канду дарид, парво накард» [44, с.287].

Муаллиф ба афкор, хислату характер, мулоҳизаронии қаҳрамонҳо ба ҳодисаву воқеаҳо таваҷҷуҳ намуда, моҳияти аслии амалу рафтори инсонҳоро тавассути характеристикае, ки ҷузъиёти муҳимми психологиро дар бар мегирад, ошкор мекунад.

Тасвири вазъи мураккаби айёми ҷанг, таъсири ҷанг дар сарнавишти инсон, зиддиятҳои пуршӯри ботинӣ, ҳаяҷони пурихтилофи инсонро дар лаҳзаҳои душвори ҳаёт мухтасару муҷаз, аммо табиӣ нишон дода шудааст. Номи ҳикоя низ дар худ рамзеро ниҳон доштааст. Нависанда бо инъикоси як рӯзи ақибгоҳи замони нахси ҷанг таъкид мекунад, ки замони пуряъси ҷанг ҳатто офтобро низ бенуру беҳарорат мекунад, ки дигар гармиву умед намебахшад. Вазъи душвори замони ҷанг наврасеро, мисли қаҳрамони ҳикояи мазкур то ба он ҳад дилгиру маъюс ва ҳатто «зиндагибезор менамояд, ки ӯ дигар падару он занак ва ҳеҷ касро дидан нахоста» [44, с.287], роҳи гурез ва раҳоиро дар қаъри дарё мебинад.

Дар ҳикояи **«Чапағай»** ҳадафи таҳқиқи бадеӣ зуру тавонмандии маънавӣ, руҳи кабир ва мушкилнописанди инсон дар ғаму кулфате, ки ҷанг ба сари одамон меоварад, қарор гирифтааст. Сарвату дороии қаҳрамони ҳикояи **«Чапағай»**-Шайдои бемори лоилоҷ ва ҷисман то ба он ҳад харобу лоғар, ки «ягон хунхор (ҳашаротҳои газанда-шарҳи мо) ба ӯ наздик намешуд, ки хун надорад» [44, с.179], руҳи мағлубнопазир ва нангу номуси инсонист, ки пеши марг низ сар хам намекунад. Шайдои бемору заиф, вале руҳан солим, маънан устувор, ҳатто то дами мурдан низ ғами худ не, ғами бародарзодаи хурдсолро мехӯрад:

«-Хона меравем, амак...

Амак боз чизе нагуфт. Медонист, ки ӯ аз гармо, аз ташнагӣ ё аз гуруснагӣ ё аз он ки сахт танг омадааст, гурехтанист. Санг ба замин гузошт ва орому хамӯш бо дос бавлу дарзаҳо бардошта, сарболо гузошт ва нӯг ба

нӯг наздик овард; ҷомаи тан кашида тори он густард; ба таври хеш хоначаву соябон сохт.

- Даро шин, соя шуд...» [44, с.178].

Андешаву мулоҳизаҳои Орзу бо вуҷуди синну сол мантиқӣ ба назар мерасад, зеро сахтиҳои замони ҷанг чашми кӯдаконро бармаҳал мекушояд: «Чӣ хаёл мекарда бошад?» [44, с.179] беихтиёр пичиррос мезанад писарак, лек амак намешунавад. Мушоҳидаҳояшро идома медиҳад: «Ҷуз орзуи шиками сер армоне надорад…падарам низ аз пайдогарӣ мондааст…» [44, с.179].

Матонат ва иродаи бешикасти Шайдо дар он аст, ки ӯ ба дард, ба ҷисми заиф тан намедиҳад. Дар он вазъе, ки дорад, ба дарави шутурхору индов машғул аст. Ҷисми ба меҳнат одаткарда ва дар меҳнату кор ва майдони ҷанг обутобёфтаи ӯ мисли руҳи мушкилнописандаш оромӣ ва коҳилиро намеписандад: «Зери офтоби тамуз чунин тани лоғар хуши кор дошта бошад ҳам, мадор надорад. Бо вуҷуди он шутурхору талха ва дигар буттаҳойи молхӯрро бо ҳаҷҷайи сада дошта, бо дасти чап дос меандозад [44, с.179].

Нависанда вазъи гарони марди майдони ҷангро басо табииву воқенигорона тасвир намудааст: «Неши шутурхор аз қабати буттаҳо гузашта, ба соиду оринҷ ва зонуйи бандро пахш кардааш орувор неш мезананд. Лек Шайдойи дар майдони ҷангу арсаи меҳнат шиканҷаҳо дида ба чунин дардҳо парво надорад» [44, с.179].

Манзараи инъикоси аҳволи Шайдо вазъи ноҷӯри саломатии мардро, ки дар майдони ҷанг талаф додааст, нишон медиҳад: «Намедонад ин садо аз куҷо меояд. Садойи гӯш пиндошта, ангушт ба сӯрохии  гӯшҳо медорад, тағйиротеро эҳсос намекунад. Пас чунин садо дар мағзи сари ӯст ва зиллаҳоро бадном мекунад» « [44, с.177].

Ҳикоя бо гиряи кӯдаки хурдсол, ки шояд аз тарс мегиряд, ё аз хор гаштани амаки бемори лоилоҷ, ки айёми наҳси ҷанг имкон намедод парвариш ва нигоҳубини зарурӣ бинад, анҷом меёбад. Нависанда ғаму кулфати бепоёни айёми фоҷиабори ҷангро баъди тамом шудани ҷанг, дар таҳаммули марговари Шайдо ва ашки Орзуи хурдсол инъикос намудааст.

Шайдои аз ҷанг захми ноилоҷ бардошта, дар майдони набард афгор ва заифу дардманд шуда буд, дар ақибгоҳ гуруснаву бемадор парвариши зарурӣ надида, дар дашт ҳангоми ҳезумчинӣ мемирад: «Амак!

- Чӣ мегӯӣ?
- Овозатон паст шуд...Шояд дар майдони ҷанг ин қадар азоб накашида бошед?
- Аз ин бадтараш ҳам буд...Лек...лек намурда будам...

Замин аз тохтану гурехтар бозмонд. Шайдо низ ороми ором шуд» [44, с.184].

Дар анҷоми ҳикояи **«Чапағай»** Орзуи хурдсол ба марги амаки ҳуҷбемор, барои сахтиҳои ӯ дар майдони ҷанг, барои дарду азоб, ранҷу озори ӯ дар ақибгоҳ, ки дар айёми наҳси ҷанг имкон набуд, парвариш ёбад, вазъи саломатиаш беҳ шавад, зор-зор гиря мекунад.

Ҳикояи **«Айби дандони фитода»** аз ҳаёти сарбозони сарзамини ҷангдидаи Афғонистон нақл мекунад. Сарбозони шуравӣ дар сармои зимистони ин ҷо дар даруни мошин, ки ба сӯйи қисми ҳарбӣ ҳаракат мекард, бо як шиша бо навбат як қулт-як қулт нӯшида, худро гарм мекарданд. Аз шиша ду қулт нӯшидан ба ҳеҷ ваҷҳ мумкин набуд, зеро он ба ҳама намерасад: «Ҳар кас ду қулт гирад, аз болойи мошин ба замин партофта, меравем. Арзашро ба Худо кунад» [44, с.4]. Сабаби моҷаро як шоколад аст, ки баробари онро барои газак пайдо кардан «мелесиву бӯй мекунӣ. Газидан, хойидан ё хӯрдан мумкин не... Касе чунин кунад, аз пайи дуқултхӯрда меравад...» [44, с.4]. Аммо шоколад нохост луқмаи сарбози бедандон мешавад. Як шоколад дар замони осоишта, ки омили муҳимми сериву фаровонист, чандон арзиш надорад, аммо ҷанг, ки ҳама гуна ғизоро, ҳатто аз инсон қимматтару арзишмандтар мегардонад, аввал боиси моҷаро ва сипас фоҷиа мешавад: «Балки шикамашро чок карда, конфетро мегирам...» [44, с.5].

Дар ҳикояи мазкур муаллиф нақш, мавқеъ, рафтор ва кирдори инсонро дар айёми ҷанг нишон дода, таъсири фоҷиабору мусибатовари ҷангро дар ҳаёти инсон бори дигар таъкид намудааст. Дар тасвири нависанда ҷанг

ҷаҳолатро пирӯз ва хирадро маҳв карда, меҳру муҳаббати дар дили инсонҳо мекушад, ки ҳатто ба худ низ мисли сарбози бедандон, ки шоколади нохост фурӯбурдаро ёфтан хоста, шиками худро медарад, раҳм намекунанд: «Ва ӯро дар пешгаҳи мабраз пайдо карданд: Шикамаш чок. Чашмонаш кушода. Зери гулӯяш – бар сари сина кордчаи Старшина меистод. Рӯдаҳояш канда-канда буданд. Мазмун: аз миёни рӯдаҳо ҳамон конфетро ҷустааст...» [44, с.8].

Аммо инро низ бояд зикр кард, ки бо нақли якмарому якранги ровӣ аз забони фасеҳи адиб, тасвирҳои бадеӣ, ташбеҳот, истиора, муболиға ва зарбулмасалу мақол ва таъбирҳои мардумӣ мисли дигар ҳикояҳо фаровон истифода мешуд, ҳикоя рангу ҷилои дигарро соҳиб мешуд.

Нависанда дар ҳикояи ҳаҷман хеле хурди **«Суфрадузд»**, ки бо тасвири рӯзгори талхи зане, ки бо умеди лаби нон суфраҳои мардумро медуздад, вале аз кирдори хеш ботинан азоби рухӣ мекашад, фоҷиаи басо бузург, тақдири инсонро дар замони наҳси ҷанг нишон додааст. Қаҳрамони ҳикоя барои раҳоии ҷони худ аз чанголи гуруснагӣ суфрадуздӣ мекунад. Вале суфраҳои айёми наҳсу мусибатбор, ки холиву ҷорӯбзада буданд, на шикамашро сер мекарданду на дасташ ба нон мерасад. Бо вуҷуди ин, суфрадузд бо умед суфраҳои дуздиро «метаконду дар ҳамма раҳ мезад, ки рӯзе расад, суфраҳоро бар аробае бор карда, ба парчи пули деҳа мебарад ва ба ҳар кас мефармояд, то суфраашро шинохта бигирад ва аз гуноҳи ӯ гузарад» [44, с.107].

Вале азобу ранҷ ӯро бемор ва бистарӣ кард. Ангор бори гуноҳашро бо худ намехоҳад сарборӣ барад, ки Суфрадузд дами марг пеши Суфӣ (марди ҳамдеҳааш–Ҳ.М.) ба гуноҳаш иқрор мешавад. Иқрор шудан ба гуноҳ ин худ дарки амали зишт аст, ки иқроршаванда аз он таассуф мехӯрад: «…Чанд суфраро ҷудо кардам. Кафанӣ…Рӯзи мурдаам ба мардум эълон кунед, ки ҳар кас суфраашро шинохта гирад…Гӯед, аз гуноҳам, гузаранд» [44, с.107].

Яке аз вежагиҳои сабки Сорбон ин кӯтоҳбаёнӣ ва мухтасаргӯйӣ аст, ки адиб дар тасвир ва муколамаи қаҳрамонҳои ҳикояи мазкур фаровон истифода кардааст. Фоҷиаи басо бузург, ғаму андуҳи миёншикану

азпоафкани суфрадузд бо ин чумлаҳо муҷазу сода ва кӯтоҳ баён шудааст: «Ба соҳибони суфраҳои кафаншуда бигӯед: «Чораи дигар надошт» [44, с.107].

Аз тарзи гуфтору баёни таҳкия садои муаллиф ба гӯш мерасаду симои ӯ падид меояд, зеро қаҳрамон барои ин амал сазовори маломат не, балки ҳамдардиву дилсӯзӣ ба назар меояд: «-…Аз кори ман сагҳо бадном буданд ва кушта шуданд. Қариб дар деҳа саг намонд. Вале ман ҷиқ нагуфтам. Агар гӯям, пештар аз сагҳо мемурдам» [44, с.107]. Дар ин ҷумлаи хеле кӯтоҳ дарди айёми ҷанг, рӯзгори пуралам ва сарнавишти фоҷиаборест, ки дасти кӯтоҳаш ба гиребони ҷанг намерасад, узру маъзарат, пушаймонии занест, ки аз гуруснагӣ иҷборан даст ба амали дуздӣ задааст. Суфраҳои дуздида ба ҷойи лабашро ба нон расонидан ва шикамашро аз азоби гуруснагӣ раҳонидан ӯро кафан мешаванд, ки ин сахттарин фоҷиаи инсон аст. Муаллиф таъкид намудааст, ки ҷанг дар дили инсонҳо шуълаи умеди зиндагиро хомӯш ва онҳоро бадбахт месозад.

Қаҳрамони ҳикояи **«Моҳиҳо нонреза мехӯранд»** пирамарди чойхонадор-Рауф дар ҷанг иштирок кардаву парчами зафарро дар Рейхстаг парафшон дида, пасон дар колхоз дар вазифаи раисӣ кор мекунад, замоне гурезаи ҷанг будааст. Ӯ баъди гирифтани даъватнома мисли як тарсу ва хоин чанд моҳ гуреза шуда, дар кӯҳу камар бо фиребу дуздӣ рӯз мегузаронад: «Ҳамааш аз он сар зад, ки ба ман повестка омаду ман гуреза шудам. Аз деҳа гурехта рафтам. Кӯҳ ба кӯҳ гаштам» [35, с.354].

Халтаи гандум, моли дуздии ӯ, ки дар каҳдон пинҳон карда буд, бародарро бадном ва нобуд месозад: «Ҳамон рӯзе, ҷуволи гандумро, ки ман дар каҳдон зери коҳ карда будам, ёфтаанд. Бародарамро ҳамчун дузд ва хоин…» [35, с.360].

Рауф худро ҳеҷ гоҳ намебахшад ва гуноҳи худро бо меҳнат ва хизмат ба модараш, ба хонаводаи бародараш, барои мардуми деҳа, барои ободии харобиҳои ҷанг, барои ободии Ватан шустан мехоҳад. Вале тамоми умри ӯ ба «шустани» ин гуноҳ сарф шуда бошад ҳам, доғи гуноҳ дар зеҳнаш, дар хонаи дилаш боқӣ мондааст. Нависанда раванди зиддиятҳои ботинӣ,

задухӯрдҳои мураккаби психологии қаҳрамонро дар ақибгоҳ ва майдони ҷанг, дар набард бо душман нишон дода, характери барҷаста ва мукаммал офаридааст. Рауфе, ки ҳанӯз ҷанг надидааст, Рауфи тарсу, хоин ва дузд аст. Аммо майдони ҷанг зангори оинаи виҷдони ин фарди тарсу ва худхоҳро зудуда, ба инсони дурандеш, меҳнатӣ, поквиҷдону ҳалолкор табдил медиҳад. Асоси таҳқиқи бадеии нависанда дар ин ҳикоя ташаккули характери инсон дар душвортарин лаҳзаҳои ҳаёт, дар майдони набард бо душман буда, тавассути инъикоси ниҳонхонаи дили инсон сурат гирифтааст.

Дар ҳикояи **«Санги лағжон»** нависанда бо тасвири тақдири писарбачаи наврас Бозор, ки падару бародараш дар майдони ҷанг ва модараш дар ақибгоҳ нобуд шудаанд, нишон додани инкишофи характер, ташаккули маънавии инсонро комёб шудааст. Тавре ки дар боло зикр шуд, ашхоси зиёде бо ҳар роҳ худро аз ҷанг канор гирифта, дар ақибгоҳ, ки асосан мӯйсафедону занон ва бачаҳо буданд, ба ҳар амали ношоиста даст мезананд. Ориф-фитна низ аз зумраи онҳост ва заҳматҳои Бозори наврасро, ки бекасу бемакон ва танҳо мондааст, на танҳо қадр намекунад, балки аз вазъи гарони ҷанг, бечорагии Бозор истифода намуда, ба ӯ зулм мекунад: «Ориф-фитна ӯро ба замин афканда, чоруқи пояшро кашида гирифт ва худашро рӯйи барфи арасот ронд. Писараки бекас рӯ-рӯйи барф бараҳнапо мегашт ва ягона орзуяш ин буд, ки пой гарм кунад, ҳеҷ набошад – пой зери каш гирифта гарм кунад» [35, с.5].

Ҳамаи ин ҳодисаҳо, ба мисли зулми Ориф-фитна, баъди гӯру чӯби модари Бозор ҳавлии онҳоро соҳиб шудани марди ҳамдеҳааш-Ҳақназар писарбачаро аз ҳамдеҳагон дилсард ва одамгурез гардонда бошанд ҳам, руҳи ӯро батамом нашикастанд. Рӯзҳои вазнин, танҳоиву бекасӣ, ҳодисаву мусибатҳои ба сараш омада ба писарак як ирода ва тавонмандии бештаре барои зистан ва талошу набард дар роҳи ҳаёт, ба мисли ба кӯҳу камар кабкшикор рафтани ӯ бахшида, на танҳо ӯро ба роҳи зишт тела надоданд, балки назари ӯро ба зиндагӣ нек намудаанд. Ӯ бо ҳар роҳ талоши зистан дорад. Нависанда симои Бозори навраси бекасу танҳо, ташаккули маънавии

ӯро дар ин азобҳои руҳӣ ва ҷисмонӣ нишон дода, таъкид намудааст, ки айёми душвори солҳои ҷанг, муҳити вазнини ақибгоҳ омили муҳимми рушд ва инкишофи маънавиёти писарбачаи наврас гардида, ӯро обутоб ва камолоти маънавӣ дода, дар ӯ сифатҳои таҳаммулпазирӣ, олиҳимматӣ ва ҷавонмардиро зоҳир сохтанд.

Образи Ҳамроҳ-амак, марди ростгӯву ростсухан ва нексиришт, ки «...ба касе монанд не, танҳо ба худаш ва баъд ба Ҳотами Тойи афсонавӣ монанд: ҳоҷатбарор, мададгор»[35, с.23] ва ҳимоятгари Бозори бекасу кӯй ҳамагӣ бо ду эпизод, вале равшан ва барҷаста тасвир шудааст, ки маҳз ӯ ва ӯ баринҳо боиси дилгармӣ ва ба зиндагӣ дубора умед бастани Бозори маъюс ва ғамзада мегарданд: «…Амаки Ҳамроҳ...босаловат, беҳтарин инсони Олам…» [35, с.23].

Бозор аз забони амаки Ҳамроҳ мешунавад: «…Кори Ориф-фитна расво, халос накунем, мебаранд…» [35, с.23].

Бастаи кабкҳои шикорашро барои халос кардани Ориф-фитна, ки боиси ин азобҳои ӯст, оварда медиҳад: «Истед, амак! ...ду баст кабкро бардошта овард» [35, с.23].

Аз як тараф, Ориф-фитна гуноҳ содир карда бошад, боз дар айёми пурэҳсоси ҷанг мувофиқи қонун ва тантанаи адолат бояд ҷазо бинад. Вале таҳқиқи бадеии нависанда ин ҷо ба ҷазои сазовор додани Ориф-фитна не, балки ба ташаккули задухӯрдҳои ботинӣ ва рушди характери қаҳрамони марказӣ дар раванди ин задухӯрдҳо равона шудааст. Бозор ба рафторҳои зишти Ориф-фитна ниқорталабона не, балки ҷавонмардона, мисли як марди калонсол ҷавоб медиҳад.

Нуктаи дигаре, ки боиси беҷазо мондани Ориф-фитна мегардад, ин одатҳои суннатии деҳдории тоҷикона, тафаккури гоҳ аз ҳад фузуни гӯё инсонпарваронаи ин мардум аст. Мардуми содаи деҳи кӯҳистон на танҳо ба зудӣ аз гуноҳи Ориф-фитна мегузаранд, боз ба хотири «ҷавонии ӯ», «зану бачааш» ва боз сабабҳои дигаре, барои халос кардани ӯ аз органҳои дахлдор, ҳатто талош мекунанд. Дар ин эпизоди хурд хислатҳои беҳад неки мардуми кӯҳистони тоҷик, дилсофӣ ва бекинагии онон, фарҳанги зиндагии

ин мардум тасвир ёфтааст. Нависанда дар муносибати Ҳамроҳ-амак бо Бозор, муносибати Бозор бо Ориф-фитна, бо Қурбони кӯзпушт, бо Мустафо симоҳои ҷолибе офаридааст, ки ҳар кадом характери қаҳрамонро аз ягон ҷиҳат пурра месозанд. Талоши халос кардани Ориф-фитна аз дасти кормандони орган маҳз нишонаи содагии мардуми деҳ набуда, дар он айёми шуми ҷанг низ подор будани суннатҳои неки мардум аст. Нависанда хулосаи худро аз забони амаки Ҳамроҳ иброз мекунад: «- Натарс, инаш ҳам мегузарад… Ҳозир давраи мушкилӣ, вақти дарду алам, лекин иродаи одамӣ бояд аз ҳамаи ин чизҳо боло бошад» [35, с.22].

Душвориҳо Бозори маъюсу зиндагибезорро маънан бузургтару солортар намуда, дар дилаш аз нав шуълаи меҳри зиндагиву ҳаётро меафрӯзанд. Ва ӯ худро ҳатто бовар мекунонад, ки падараш, ҳарчанд «хатти сиёҳаш» омада бошад ҳам, бародараш беному нишон шуда бошад ҳам, зиндаанд ва Бозор онҳоро меёбад: «…ҳоло мурданӣ нестам. Як рӯз не, як рӯз падару бародарамро ҷустуҷӯ карда аз паяшон меравам…» [35, с .20].

Дар ҳикояи мазкур ровӣ худи муаллиф буда, воқеаву ҳодисаҳо тавассути тасвирҳои бадеии муфассалу бардавом ва муколамаҳои на чандон дарози қаҳрамонҳо ва таҳкия оварда шудаанд. Гоҳ андешаву афкори муаллиф бо фикру мулоҳизаҳои қаҳрамони меҳварӣ омезиш ёфта, як мегардад, гоҳи дигар дар баёни андешаи қаҳрамон хонанда садои ровӣ – муаллифро мешунавад:

«Амаки Ҳамроҳ баробари чашм кушодани ӯ чакман аз тан кашида ӯро печонд ва назди оташи қашқарча ӯро бурда шинонд…Амаки Ҳамроҳ хест, миёни меҳмонхона қадам зад, риши мошубиринҷашро қабза кард, нафаси дароз кашида, ки пурзӯртар аз оҳ буд. «Чаро ин хел мекунанд? Худо занад туро, Ориф!!!»[35, с.23]. Маҳкумияту маломати муаллиф-ровӣ нокасонеро, ба мисли Ориф-фитна, ки боиси азияту озори қаҳрамон буданд, ҳамдардии ӯ ба Бозори наврас, ки рӯзгори талхи бекасии замони ҷангро пушти сар мекунад, ифшокунандаи назари нависанда ба қаҳрамони марказӣ, симоҳо, ба мисли амаки Қурбон, Мустафо, характерҳову тасвирҳо, воқеаву ҳодисаҳои асар мебошанд. Ин ҷо на танҳо андешаву садои ровӣ-муаллиф

эҳсос мегардад, балки пушти ин ҳарфҳо симои андешаманд ва нигоҳи ҳикматбори муаллиф низ намудор мешавад.

Манзараҳои Чорчашмро хомталош кардани галаи гургон, дар танҳоӣ бо кабкшикор рӯз гузаронидани Бозор, ки заминаи воқеӣ дошта, барои нишон додани вазъу ҳолати ботинӣ ва ифшои сиришти қаҳрамон хизмат кардаанд, хеле таъсирбахш рӯйи коғаз омадаанд: «Чорчашмро аз чаҳор дасту пой, сару гардан ва думу пӯсташ дошта чортоқ мекунанд. Ҳамон зайл сагро то рӯйи дара мӯяшро ба замин нарасонида фаровარданд ва дар ҳамворие қарор гирифта, монанди рамаи гӯсфанд, ки аз як нова об мехӯрда бошанд, гирду сарбасар омаданд. Бозор донист, ки гургон Чорчашмро хомталош мекунанд, дар ҷояш шах шуд. Садо баровarda наметавонист, балки ашк мерехт»[35, с.23].

Муаллиф бо тасвири ин ду воқеа нигоҳи пурмуҳаббати қаҳрамонро ба зиндагӣ, талошҳои ӯро ба хотири зистан ва наҷот аз он вазъи сангине, ки замони ҷанг бар дӯши писарак гузошта буд, нишон медиҳад.

Қаҳрамони ҳикояи **«Бодбарак»** Маҷид ҳамеша як орзу дорад, тавассути бодбарак ба падари ҷанговар нома фиристад, то аз ҷанг зудтар баргардад:

«- Ана бинед, онҳо ба додояшон хат мефиристанд.
Ғелон, ришта медиҳам, ту ҳам нома мефиристӣ» [43, с.64].

Тавассути бодбарак ба падари ҷанговар нома фиристодан орзуи кӯдакии Маҷид ва дигар ҳамсолони ӯ, дар маҷмуъ кӯдакони замони ҷанг буда, ба андешаи онҳо ба бадбахтӣ, ба гуруснагӣ, ба азобҳои сахти хонаводаҳо набудани падарҳо сабаб аст. Кӯдакон бо ақли кӯдакона дарк намекунанд, ки ба ҳамаи ин азобу ранҷ ва душвориҳо ҷанг, ҷанги хонумонсӯз гунаҳкор аст. Маҷид низ мутмаин аст, ки бодбараки парвозӣ номаи ӯро ба падар, ки бо душман меҷангад, хоҳад бурд ва падар низ бо гирифтани номаи писар бошитоб ба хона бармегардад. Зиндагӣ мисли пешин идома ёфта, аз нав хонаи онҳо пури шодиҳо, дастурхонашон пур аз анвои ғизо хоҳад шуд: «Коғазчаи сафед қад-қади ришта гирд гаштаю парвоз карда сӯйи модараш ғелид.

Ана, ба додош хат бурд!–дудасташро бардошта, бодбаракҳои фазоро ба модар нишон доданӣ шуд» [43, с.65].

Модари Маҷид пайтоба бофта, ба магазин бурда дода, ба ивазаш орд ё ғизои дигар меовард. Аммо пайтоба ба магазин набурда, зани ҷавон ба азобу азияти замони душвори ҷанг тоб наоварда, мефавтад. Нависанда фоҷиаи замони ҷангро бо тасвир вазъу ҳоли писарки даҳ-дувоздаҳсола нишон додааст.

«...Маҷид ашки чашмонашро молида-молида, пайтоба дар даст, ба магазин даромад:

- Амак!- муроҷиат кард ба магазинчӣ ва пайтобаро боло бардошт.- Ҳаминро гиред!
- - Чӣ хел гирам?
- - Гиреду...-гуфта сар хам кард ва гап дар даҳону гиря дар гулӯяш дармонд. – Гиреду... гиреду амак... кафанӣ диҳед.
- Кафанӣ?- гӯё нодуруст сухан ифода кардани писаракро карданӣ шуда пурсид магазинчӣ.

Ҳа, кафанӣ... модарам...» [43, с.65].

Номаи Маҷид ба падараш дили софу сода ва дунёи пурормони кӯдакии ӯ ва ҳамсолонашро дар замони фоҷиарези ҷанг нишон медиҳад: «Додо! Модарам мурд, намомадед. Ман калон шудагӣ, пеши шумо равам, гӯям, намемонанд. Бузғолаҳои магазинчиро бонӣ мекунам...Боз хабар ҳамин ки хоҳарамро зани подачӣ ҳамроҳ гирифт. Зани амаки Муҳаммадӣ...Шумо мешиносед ӯро. Ҳар рӯз рафта ӯро мебинам, як ширин шудагӣ, ки...Кокулчаҳо дорад...Ҳа, додои Полвон омад. Полвон шинели додоша кӯтоҳ карда, пӯшида гардад...Шумо чаро намеоед, ки...» [43, с.66].

Дар анҷоми ҳикоя писарак бодбарак ба ҳаво сар медиҳад. Гарчанде бодбарак ба дуриҳо парвоз намекунад, аммо ба дарахти бодоми Гулҷамолино менишинад, ки ин низ умеди муҳаббати ниҳонии писаракро ба ин духтари ҳамсолаш ифода мекунад. Маҷид дар шохи бодоми ҳавлии Гулҷамолино дармондани бодбараки худро фоли нек мешуморад ва ин ба қаҳрамони наврас умеди тоза ва руҳи нав мебахшад. Ҳикоя аз фоҷиаи

замони ҷанг, замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақл мекунад, аммо анҷоми умедбахшандаи он аз ояндаи равшан паём меорад.

Сорбон бо маҳорати баланд ва қалами хуби тасвир тавонистааст, дар инъикоси мавзуи ҷанг, таъсири ҷангро ба сарнавишт ва рӯзгори инсонҳо, руҳияи мардумро дар замони ҷанг, пайомади ҷангро дар ҳаёти мардум нишон диҳад.

## 2.3.Инъикоси воқеаҳои солҳои навадуми садаи XX дар асарҳои адиб

Воқеаву ҳодисаҳои маълуми солҳои навадуми садаи гузашта бо ҳама ваҳшонияту даҳшатҳое, ки рух дода буд, дар санаду таърихномаҳо, дар осори адибони замон инъикоси худро ёфтаанд. Сорбон низ чун адиби дардошно ва таърихнигору таърихшинос он рӯзҳои пурҳаводису ҳассоси халқу кишварро ба рӯйи коғаз овардааст. Ҷумлаи зер аз ҳикояи «Сангшикан» баёнгари вазъи ноҷӯри иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии мардум, ки нахуст аз шикасти низоми ҷомеаи пешин, ки аввал ба беҳокимиятӣ ва пасон ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонида буд, мебошад: «Молхонаҳо, саройҳо, гаражҳо ва бисёр ободониҳоро ба як мирӣ харида, вайрон карда, сарпаноҳ месозанд» [44, с.79].

Қаҳрамони ҳикояи **«Пиндор»** Парвона, аз як тараф, ба вазъи номусоиди хонавода, ки падару модараш аз ҳам ҷудо мешаванд, дучор ояд, аз тарафи дигар, воқеаҳои солҳои навадуми «баҳманмоҳи хунин», ҳамсинфаш Маҳмуд, ки Парвона ба ӯ меҳри ниҳонӣ дошт, кушта мешавад, ба зиндагии ӯ таъсири худро мерасонанд. Нависанда олами ботинии қаҳрамон, зиддиятҳои дарунӣ, ғалаёни шиддати аз ин зиддиятҳо ба амал омадаро кушода додааст. Рафтани падар аз хона, пош хӯрдани оила, ба хонаи онҳо роҳ ёфтани «амаки бемор»-ошиқи модар муносибати Парвонаву модараш-Дурдонаро то андозае мураккаб гардонда, миёни ҳар ду фосила ба вуҷуд меорад. Зани ҷавон ба духтари наврас эътибор надода, ағлаби вақт фарзандро фаромӯш карда, бо марди бегонае вомехӯрад. Аслан Дурдонаро, ки зани меҳрубону дидадаро ва ҳамчун табиб мададрасони ҳамсояҳост, зани сабукандешаву сабукпо ва модари сардмеҳру бепарво номидан дуруст нест. Баръакси шавҳараш, ки пул ҳама чизро ҳал мекунад, мегуфт ва саранҷом зану фарзандро партофта, думболи зани серпулро гирифт, андеша дорад, ки «шараф болотар аз ҳама чиз аст» [35, с.171]. Аммо зани ҷавон бо як зарбаи сахти зиндагӣ он қадар раҳгум зада, ба қавли худаш, аз шавҳари хиёнаткор «қасдашро мегирад», вазъияти бе ин ҳам ногувори фарзандро боз

ногувортар гардонд: «Вале намедонист, ки танҳоям, танҳотарини танҳоён манам дар ин дунё! Гиреҳи дилам кушода намешуд. Ятимона менишастам таги дар...» [35, с.189].

Парвонаро ҷудоӣ аз падар, муносибати аксар сарду дурушти модар: ба хона овардани марди бегона ва ба хотири ин мард беэътиноӣ ба фарзанд ва ҳатто ӯро озор додан ба ҳадде фишор меорад, ки «ятимаеро мемонад, ки ҳуқуқи сухан гуфтан, ҳуқуқи арз кардан, ҳуқуқи талабиданро надорад» [35, с.192].

Вазъи ногувори хонавода, фишоре, ки ба сараш бор мегардад, ҳодисаву воқеаҳои иҷтимоие, ки рух медиҳанд, қаҳрамони хурдакакро ба қасди худкушӣ меоранд: «курсиро зери дарахт гузошта тораш баромадам. Танобро дар шохи уребаш кашол кардам ва ҳалқаро аз сар гузарондам» [35, с.192].

Нависанда ба олами ботинии вай, ба таъсири ҳодисаву воқеаҳо ва атрофиён ба ӯ, муносибат ва бардошти ӯ аз ҳодисаҳо таваҷҷуҳ карда, моҳияти аслии рафтори инсонро дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ, хосса баъди пош хӯрдани хонавода нишон додааст: «... модарро дил насӯхт ба ман. Нагуфт, ки духтар танҳо дар хона чӣ кор мекунад, ақлаш надавид, ки коре мекунам бо худ. Ӯ ҳеч гоҳ пай намебарад аз нияти ман. Гирифтор аст ба дарди хеш. Гумон дорад чизеро сарфаҳм намеравам» [35, с.189].

Адиб ба қаъри андеша ва руҳияи шахсиятҳои ҳикоя роҳ ёфта, бо камоли ҳунармандӣ ҳолати руҳии қаҳрамонҳоро падид оварда, заминаҳои иҷтимоиву ахлоқии рафтори онҳоро ошкор месозад. Парвона пешнамунаи тифлони хонаводаҳои пошхӯрдаест, ки ба фишори сахти равонӣ гирифтор шуда, сарнавишти аксари онон анҷоми фоҷиабор мегирад. Дурдона, ки гӯё духтараш гоҳ-гоҳ ба ёдаш мерасад, барои Парвонаро ба мактаб баргардондан талоше намекунад, ба ин бетафовут аст ва духтар аз фориғболии модар аз мактабу таҳсил дур мемонад: «Акнун ба дарси «чоп» меравам, аз рӯйи ҳавас меравам, аммо забонам намегардад ба модарам гӯям, ки пул деҳ, то ба гурӯҳ дохил шавам. Аҷаб духтараке будааст Маҳбуба. Чопро ёд дод, аммо диплом надорам. Ба куҷое равӣ, диплом мепурсанд» [35, с.176].

Муаллиф воқеаҳои бахманмоҳи хунинро, ки оғози нооромиҳои кишвар, заминаи рушди қувваҳои иртиҷоӣ ва фаъол гардидани неруҳои ифротӣ ва далели муътамади фалаҷшавии дастгоҳи ҳукумати давр буда, бешак, ба зиндагии мардуми одӣ таъсири амиқи хешро мегузошт, равшану ҷолиб тасвир намудааст: «Даъвои намоиши рӯзи аввали Баҳманмоҳ даъвати котиби аввал...назди мардум буд. Котиб набаромад...рӯзи дигар: майдон пури мардум...Қатори милиса...Даруни Қаср пур аз сарбоз...телевизор чизеро нишон медод, ки мехост...Сангандозиро...Ба майдон даромадани автобуси зардро, вале тир зада куштани ронандаи автобусро...мурдани Маҳмудро нишон надод...» [35, с.192].

Ин маъниро Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ тасдиқ намуда мегӯяд: «Тасвири ҳаводиси пурфоҷиаи сиёсии баҳманмоҳи соли наваду як (баҳманмоҳи соли навад-муаллиф дар таърихи ҳодиса ба иштибоҳ роҳ додааст-М.Ҳ.) дар ҳикоя ҳадафи ғоявӣ дошта, ишора бар он дорад, ки вазъи ноороми сиёсӣ дасти дахолат ба зиндагии ороми одамони бегуноҳ низ дорад» [138, с.74].

Ҳар як вазъи ноороми сиёсӣ сараввал оқибатҳои нохуши иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба бор оварда, зиндагии мардуми одиро нороҳат намуда, сипас фоҷиаҳои зиёдеро тавлид месозад. Ҳодисаҳои баҳманмоҳи соли навадум низ саравал бекурбшавии пул, қаҳтиву қимматӣ ва норизогии мардумро ба вуҷуд оварда, баъди он гирдиҳамоӣ ва куштори чанд тан бегуноҳ рух дод, ки ин аз пайомадҳои бадтаре дарак медод. Сорбон ин манзараҳо, ба намоиш баромадани мардум ва тирборон шудани одамони бегуноҳро тавассути нақли пурэҳтироси духтараки наврасе, ки бо ақли кӯдакона ҳанӯз ба фаҳми бисёр чизҳо намеравад, вале ин ҳодисаву воқеаҳо ва вазъи ноҷӯри хонавода аллакай дилгир ва хастаҷонаш намудааст, бо камоли ҳунар баён кардааст.

Дар ҳикояи **«Якгӯша»** нависанда тавассути саргузашти пурдаҳшати қаҳрамонҳо Назрӣ ва духтари дӯстдоштааш Париваш фоҷиаҳои солҳои пурошӯби он айёмро тасвир кардааст. Муаллиф симои пурқабоҳат ва зишти Малишу ёронашро, ки рафтору амалашон нисбат ба ҳаммеҳанон аз ҳайвон ҳам бадтар буд, воқеънигорона ва табиӣ овардааст. Ҷанги шаҳрвандӣ ба ин

тоифаи нашъаманду бехирад ҳукумат дод ва ҳар кирдори пурваҳшате, ки мехостанд, содир мекарданд. Назрӣ ва Париваш ду навҷавони маъсум, ки ба доми онҳо меафтанд, яке аз як гӯш маҳрум шуда, баъди лату кӯби силоҳдорони дастаи Малиш тасодуфан, ба гумони он ки мурдааст, ӯро низ ба қабристони бузурги мурдаҳо мепартоянд, зинда мемонад, Париваши нозанинро баъди дастзӯрӣ ҷаллоди даста бо амри Малиш сар аз тан ҷудо мекунад: «Ва маг зад ҷаллод: корди тез ба як кашидан сар аз тани духтар ҷудо кард. Ва корди хунин ба тани духтар тоза кард ба тавраш...» [35, с.230].

Хулқ ва хислати Малиш он қадар дур аз рафтори одамӣ аст, ки дастзурӣ, сар буридан, қатлу куштори инсонҳо барои ӯ як рафтори муқаррарӣ, мисли як магас, як ҳашароти зарарнокро куштан менамояд. Барои ӯву ёронаш, ки мағзашонро нашъа тиратар гардонидааст, инсон ҳеҷ арзише надорад, ки ин дар мисоли ҳаёт ва сарнавишти қаҳрамонҳо нишон дода шудааст. Дастзурӣ ва қатли духтараки маъсум, латукӯби Назрии бегуноҳ, гӯши ӯро бурида ба ӯ хӯронидан, гӯрхонаи бузурге, ки бо булдозер одамонро зери хок мекарданд, аз амалҳои пурҷинояте ҳастанд, ки Малиш ва ӯ баринҳо содир мекарданд: « Ва Малиш фармуд: « - Баред ин сарро, ки сер шудам. Бист – сӣ қадам дуртар аз тан гӯронед, ки ба ҳам наоянд. Сабр кунед. Аҷаб зебо буд, ин духтар. Нагуфтед, ки маг назан?

- Гуфтем, вале дер шуда буд!

Хайр, боз пайдо мешавад. Духтарони Явроз ҳамаашон зебо... Магаш занед!!!» [35, с.230].

Қатлу куштор василаи дилхушии Малишу ёронаш гардидааст, ки аз ваҳшиёна буридани сари инсонҳо, ба мисли духтарони бадбахту маъсум, ҷавонони аз кӯчаву роҳ дучор омадаро буридан ҳаловат мебаранд.

Симоҳои Назрӣ ва Париваши маъсум тимсоли қурбониёни он вазъи печидаест, ки дар айёми баҳори умр аз дасти нохалафоне, ба мисли Малиш ва чокарону ёварони ӯ нобуд шудаанд. Нависанда дар ин ҳикоя рӯзгори талхи кишварро хеле воқеъбинона ва табиӣ тасвир намудааст.

Дар ҳикояи **«Русбачча»** низ таъсири ҷанг ба сарнавишти инсон, рафтору кирдори инсон дар айёми ҷанг таъкид шудааст. Нақли ровӣ дар

пешманзари хонанда тифли бепарастореро, ки аз дасти падари майзада-Николай ва модари бераҳм-Галя дар кӯчаҳои Душанбеи нооромсарсону овора мемонад, Ҷамилаи нонпазро, ки «аз ҳар шӯи даргузар якписарӣ дошт» [44, с.225] ва боз Боряи бекасу бесарпаноҳро чун писари ҳафтум дар хонаву хонаш мепазирад, мегузорад, ки сарнавишти талхи ӯ аз фоҷиаҳои ҷанг қисса мегӯяд. Ҷамилаи дилрабоpо, ки «хушоянд ҳама мардонро буд» [44, с.225] наметавон зани хирадманд ва пуротифат хонд, аммо маҳз ҳамин рафтори ӯ, ки дар он айёми қаҳтиву қиматӣ кӯдаки бегонаеро модарвор тарбият карда, ба воя расонд, ба симои ӯ наҷобату малоҳати хоссе бахшида, чун инсони шоиставу дилсӯз нишон медиҳад: «Ҷамила нахуст мӯйсари ӯро тарошид, ба ҳаммом даровард; либоси тозаву қоими писаронашро пӯшонд; либосҳои чиркину бӯйини кӯҳнаро оташ зад ва дар бистари озодаву рӯкаши оҳорӣ хобонд» [44, с.225].

Боряи маъсум дили поку беолоише дорад, ки ҳатто модараш-Галяро бо он рафторе, ки дар ҳаққи ӯ содир кард, кайҳо бахшидаву интизор аст. Умед дорад, рӯзе ӯ бармегардад ва бо нияти харидани кулбаи ошно-кулбаи падар маблағ меғундорад. Дар дили пурҳарорат қаҳрамони наврас муҳаббати ниҳонии духтараки ятими нонфурӯш-Зебӣ, ки ҷангу ноороми ӯро низ ҳамтақдири Боря кардааст, шабхангом ниқобдорон ба хотири маблағ падару модари Зебиро куштаанд, хона кардааст: «Орзуву омоли кӯдакии ӯ ба ишқ табдил ёфта буд, вале ба Зебӣ ба ҷуз нигоҳ чизе дигар ҳадя карда наметавонист. Дар идҳо садбарги сурхи ҷигарӣ ҳадя мекард ва духтар хуш пазируфта, ба андеша фурӯ мерафт» [44, с.226].

Меҳру муҳаббати ниҳонии духтараки нонфурӯш, нону танӯрро хоб дидани Боря рамзи ояндаи равшани қаҳрамон аст.

Қаҳрамони ҳикояи **«Сом»** ронандаест, ки дар замони ҷанги дохилии кишвар гуреза шуда, даҳ сол дур аз Ватан, дар ғарибӣ умр ба сар бурдааст. Аммо хотираҳои нохуши он айёми пурфоҷиа, ки худ шоҳид буд, ҳеҷ оромаш намегузоранд: «...чизе ба ёдаш омад. Дар баданаш мурғак дамид. Ларзид»[35, с.238]. Ӯ низ дар замони ноороміҳо ба дасти силоҳдорон асир афтода, бо амри онон кушташудагонро бо мошинаш бурда, ба дарё

мепартояд: «Ронандаи асир...гаштаву баргашта ба мили автомати ба назараш хеле гаронвазн низ зеҳн мемонд ва гоҳ-гоҳе ба чашмони тираву одамхори низомӣ, то чӣ тавр олоти марговарро аз дасти ин бадрӯву бадабрӯ чанг зада гирад» [35, с.238].

Дили Ёр, ӯ худро назди силоҳдорон бо ин ном муаррифӣ мекунад ва муаллиф номи аслии ӯро наовардааст, ба «шаҳри пуртаҳлукаи бехоб, пурошӯб, пурхавфу хатар...вале хеле зебову сабзпӯш» [35, с.244], ки маскану маъвои силоҳдорони дур аз ақлу хирад гаштааст, ба ҳоли онҳое, ки аз дасти ин ҷоҳилон ба қатл расида, ҳатто одамвор хок намешуданд, ҷасади онҳоро мисли сангу шағал ба дарё мерехтанд, месӯзад. Ба силоҳдори ҳампаҳлуяш нотарсона аз ин қатлу куштор даст кашиданро пешниҳод кардан ба ҳамин маънӣ аст: «... ман милтиқатро ба об мепартоям; ҳар ду аз ин дахмаса халос мешавем.

- Кадом дахмаса?
- Аз гурезогурезу кушкушакҳои беҳуда...Ман калиди мошина ба ту медиҳам, мегурезем» [35, с.239].

Дар лаҳзаи аз бордони «Камаз» резондани мурдаҳо Ёр, ки дигар умеди зистан надошт, пайт ёфта, худро ба об партофта, бо азобе аз коми ҷонвари одамхори дарё раҳо меёбад. Аммо камондори аз таъсири бангу нашъа мағзаш хушкшударо сарнавишти мурдаҳое, ки бо шарикони ҳамсилоҳ ба дарё мепартофтанд, интизор аст. Ӯро дади ноаёни дарё, ки «ба одамхӯрӣ одат карда буд» [35, с.238], ба коми худ мекашад. Дар ин ҳикоя низ муаллиф беарзиш шудани инсонро дар замони ҷанг нишон додааст.

Қаҳрамони ҳикояи **«Ангон»** муаллими донишгоҳ дар симои писараки даҳсола, ки аз ноилоҷӣ шишаи тирезаи манзили зистро ба кӯҳнабозор овардааст, фарзанди худро меёбад. Ҷанги шаҳрвандӣ, ноороми кишвар дар қатори дигар ҳаммеҳанон барои ӯ низ душвориҳои зиёд овард, силоҳдорони ҷинояткору дузд ӯро аз маҳбубааш, ки дар батнаш фарзанди ӯро дорад, ҷудо мекунанд: «Аммо кам касон донанд, ки Гулнорро ҳам аз сари чашмаи поёни ҳавлӣ ӯ рабуда буд. Афсона бофтанд, ки ба як нигоҳ Офатсум волаву

шайдои ҳусни ҷавонзан гашт ва дергоҳ ӯро дар он манзил нигаҳ дошт, чун ранги рӯяш коҳиду заъфаронӣ гашт, раҳош кард» [44, с.335].

Муаллими донишгоҳ, ки дар тасвири нависандаи вуқуъгӯй дар куҳнабозор ба фурӯши китоб машғул аст, моро ба гузаштаи на чандон дуре мебарад, ки зиёии кишварро мисли қаҳрамони ҳикояи мазкур ноорому сарсон ва барои дарёфти ризқ овора намуда буд. Куҳнабозор маънои бечорагӣ ва ҳоли хароби мардуми кишвари ҷангзадаест, ки аз ноилоҷӣ моли рӯзгорро барои дарёфти як бурда нон ба базор мебаранд. Ҷомеаи ҷангзада аз истеҳсолот мондааст ва табиист, ки маҳсулоти наву тоза низ мавҷуд нест. Қаҳрамони марказии ҳикояи мазкур аз ноилоҷӣ ба бозор китоб мебарад. Аммо дар айёме, ки мардум маҳз барои зистан талош мекунанд, аз ҳама камхаридор китоб мешавад. Гулнор симои занони бечораест, ки дар он айёми наҳс воситаи дилхушии силоҳдорони ҷоҳил гардида буданд. Замоне муаллими донишгоҳ ва модари ин писараки шишафурӯш бо ҳам муҳаббат доштаанд, писарак ҳосили он муҳаббат будааст: «... нигоҳҳои хомӯш ва дилҳои гумзада чу вагончаҳои ба торҳои муҳаббат баста равуо карданд, ки мурғаки зебо аз он сӯйи рӯд ба ин сӯ парвоз кард» [44, с.334].

Анҷоми ҳикоя пайғоми мард ба маҳбуба ва модари фарзандаш аст, ки аз пайванди ногусастании ҳар ду дилдода дарак медиҳад.

Дар қиссаи **«Санам»**, ки Душанбеи ноороми охири садаи XX, ки аҳолии ғайритаҳҷоӣ, ба мисли яҳудиён бар асари воқеаҳои маълум ҳамагӣ кӯч бастанд, тасвир шудааст, нависанда бештар ба ҷузъиётбандии психологӣ ва ошкор намудани моҳияти аслии рафтору кирдори инсон майл намудааст. Сорбон қаҳрамонҳоро дар майдони набард бо ҷангҷӯёни бадхоҳ не, балки руҳия, ҳаёти пурхавфу хатар ва талоши умедворонаи онҳоро баҳри ҳаёти пурсаодат дар лаҳзаҳои ҳаётсӯз ва зиндагикуши замони ҷанг тасвир кардааст. Ин тарзи тасвир ба нависанда имкон додааст, ба ниҳонхонаи дили инсон, ба ботини ӯ назар андӯхта, ҳама ҳиссиёту ҳаяҷон, ҳама шӯри ботинии ӯро дар замони пурхатари ҷанг, ҳама эҳсоси ӯро дар рӯ ба рӯйи силоҳдорон нишон дода, таъсири манфии ҷангро дар ҳаёт ва дар сарнавишти инсонҳо таъкид намояд.

Қаҳрамонҳои марказии асар-Азизи бухороӣ, донишҷӯйи бахши дандонпизишки Донишгоҳи тиббӣ, зани ҷавону зебо Сара ва шавҳари ӯ-Абрами солманду пир мебошанд. Симои Азиз симои донишҷӯйёни содаву ормонношикастаи солҳои навадум, ки аз воқеаҳои рухдода ба даҳшат афтода, сари калоба гум карда буданд, аст. Маълум аст, ки авзои бади сиёсӣ, ҷангу ноороміҳо ва куштору ғоратгариҳои силоҳдорон ба вазъи иҷтимоӣ бетаъсир нахоҳад буд. Муаллиф вазъи гиреҳхӯрдаву мураккаби ҷомеаи ҷангзадаро дар мисоли рӯзгори Азиз ва Сара нишон медиҳад. Азизи бекасу танҳо дар айёми ҳассос, ки дигар инсон қадру қиммате надошт, ба фоҷиаҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардад, вале бо нигоҳи ҳаётдӯстона дар ин шаҳри ноорому ҷангзада, дар ҳавлии дарвозааш шикаставу яғмогардида интизори касест, ки ягона шахси наздики ӯ маҳсуб мешавад. Ин интизорӣ интизории муқаррарӣ на, балки барои қаҳрамон ягона умеди зиндагисоз дар замони маргбор буд. Бо Сараву писарчааш Абрами хурдсол аз Душанбе нарафтани Азиз низ аз бемеҳрии ӯ ба зану фарзанд на, балки аз пайванди қавӣ ва хунии ӯ бо ин хоку об аст, ки бо он ҳама фоҷиаҳое, ки шоҳид шудааст, наметавонад тарк кунад. Барои яҳудизан Сара ҳар кишваре, ки ободу хуррам ва ҷойи амн аст, метавонад макони зист гардад, вале ба андешаи Азиз, бо он, ки тарбияи марди яҳудро гирифтааст, зиндагӣ бе Меҳан вуҷуд надорад. Муаллиф тавассути ниҳонхонаи дили ҳассоси қаҳрамон ба ҳодисаву воқеаҳо назар медӯзад, баҳо медиҳад, мулоҳиза меронад. Барои Азизи бухороӣ низ Тоҷикистон, ки пораи сарзамини қисматшудаи бобоист, дар он шабу рӯзи пуряъс ягона хонаи умед маҳсуб шавад: «Чӣ эҳсосе буд, чӣ хаёле ба сар омад, ки шиносномаи хориҷии дар ҷайб бударо бароварда натавонистам; дастам нарафт ба киса: «мани тоҷик миёни яҳудиён чӣ кунам?» [47, с.69].

Сараи ҷавону зебо, то хонаводааш маҳфуз монад, азми Ватани аҷдодӣ мекунад. Гуманизми Сара мисли гуманизми Азиз ба тақдир ҳаволашуда не, балки гуманизми фаъол буда, дорои қувваи қатъӣ ва пешбаранда мебошад. Ӯ мисли Азиз ҳамеша бо мулоҳизаҳои беохир ва бесарунӯг банд набуда, барои халосӣ аз ин вазъи печида талош варзида, аз миёни ин оташу дуд ва хунрезиҳои ҷанг бо писарчааш Абрам ва тилловориҳои пинҳоннамудааш

беосеб берун шуда, мехоҳад, хонаводаи навбунёдаш; писарчааш Абрам ва шавҳараш Азизро саломат ба ватани аҷдодӣ барад.

Абрам марди хирадманд ва дурандеш, ба ҳамсари худ муҳаббати зиёд дорад. Аз манзараҳои арбадаи Сара ва садои шикастани тақсимча, бедорхобии Абрам, гоҳе ки Сара дар ҳуҷраи Азиз қарор дорад, гоҳи бордор шудани ҳамсарашро фаҳмидан бесадо ашк рехтани пирамард маълум аст, ки ба сарнавишти Сара, ба ояндаи ӯ бепарво нест:

«Куҷо рафтам? Пеши ошиқам!»… Баъд садои ба замин зада, шикастани тақсимча омад» [47, с.11].

Нависанда солҳои пурошӯби ҷанг, қатлу ғорати одамони бегуноҳ, рабудани духтараконии маъсумро равшану возеҳ тасвир намудааст. Хонаи Сараро ғорат мекунанд, зани ҳамсояро мекушанд, духтари ҳамсоя-Шаҳрияи шӯх аввал ғайб зада, баъди муддате бо камондори ҳарбипӯш пайдо мегардад, раиси маҳалла ҳавлии Сараро муфт соҳиб шудан мехоҳад, камондорон интизори фурӯхтани ҳавлианд, то баъди савдо харидору соҳибмулкро ғорат ва қатл намоянд; ин ҳама манзараҳоеанд, ки дар гузаштаи на чандон дур шоҳид будем.

Раиси маҳалла, Шаҳрия ва камондоре, ки бо ӯст, шахсоне ҳастанд, ки аз фазои дудолуди замони ҷанг манфиат бардоштан мехоҳанд. Дар як ё ду манзарае, ки дар асар тасвир ёфтааст, симои зишт, рафтору кирдор ва мақсаду ният, дили нопок ва ифлоси онҳо ошкор мегардад.

Раиси маҳалла мисли гурги борондидае, ки аз моли яғмошуда луқмае рабудан мехоҳад бо истифода аз беҳокимиятӣ, вазъи ноҷӯри кишвар ва мусибати ҳамватанон мехоҳад, ҳавлии Сараро зудтар соҳиб гардад ва ё аз савдои он суде ба даст орад, дурӯғ гуфта, худро ваколатдори соҳибҳуқуқ муаррифӣ менамояд: «Як кас омадаст, ки хона аз они ӯст; ҳуҷҷат ҳам дорад» [47, с.47].

Аммо Шаҳрияи шӯхро, ки дили софаш моили Азиз буд, замони хуношому бераҳми ҷанг ба ин раҳ тела додаву бо камондорон ҳамнишин ва ҳамлибосу ҳамранг гардонидааст, ки дигар дили сангинаш, ҳатто барои модар ҳам ғамин нест. Рамзи танпӯши даридаи ӯ нишони дастзӯрии

силоҳдорони замони ҷанг ба ин духтараки маъсуми бемуттакост, ки пасон ба пайраҳаи ифлосаш тела додаанд. Шаҳрия пешнамунаи садҳо духтаронест, ки силоҳдорони нохалаф дар замони ҷанги шаҳрвандӣ бадбахт ва саргуму раҳгум карданд. Ба андешаи Сара, гунаҳкори ғоратгариҳои ҳавливу хона ва ҳатто марги модари Шаҳрия худи ҳамин духтар буда, Азиз низ ба духтар шубҳа дорад. Мутаассифона, нависанда далели мувофиқ ва тавзеҳи муносибе барои исботи ин андешаи қаҳрамонҳо наовардааст. Бинобар ин, ҷурм доштани Шаҳрия дар куштори модараш шубҳаовар менамояд. Духтарак, ки ба ҷуз модар каси наздике надошт ва ҳавлӣ низ бе ин ҳам моли ӯ буд, чаро бо силоҳдорон забон як намуда, модарро ба қатл мерасонад? Ҳамин тавр, муаллиф чеҳраи аслии духтараки ҳамсояро то ба охир накушодааст. Ба андешаи мо, ӯ низ дар аввал қурбонии нахустини ин фоҷиаҳо буда, пасон ҳамнишину ҳаммаслаки силоҳдорон гардид.

Нуктаи дигаре, ки мавриди эрод ба назар расид, ин аст, ки қаҳрамон меорад: «… падарам дар ҷанги Гирмон мурд» [47, с.19].

Мантиқан саҳеҳ нест, ки ҷавони донишҷӯйи солҳои навадумро падар дар солҳои ҷанг бо Олмони фашистӣ ҳалок шуда бошад. Пас ин «ҷавон» камаш панҷоҳсола бояд бошад. Вале дар тамоми асар як ҷавони камтаҷрибаи бист-бисту дусола мушоҳида мешавад. Худи қаҳрамон низ ба қиссаи Юсуфу Зулайхо ишора намуда, худро аз Сара ҷавонтар гуфтааст.

Вале қатъи назар аз ин камбудиҳо, қиссаи **«Санам»** асари пурарзиш буда, нависанда рӯзгори на чандон дуреро тасвир кардааст, ки то имрӯз дар зеҳнҳо маҳфуз аст. Пошхӯрии давлати абарқудрати шуравӣ ва кӯч бастани халқу миллатҳои ғайритаҳҷоӣ, аз қабили яҳудиён, ки солҳо дар кишвари мо умр ба сар бурда, кору зиндагӣ доштанд, диди таҳқиқи бадеиро дар бар гирифтааст. Сорбон ба тасвири ҳодисаву воқеаҳои он айём бо диди дигар назар дӯхта, паҳлуҳои дигари онро нишон додааст. Адиб ҷангро маҳаки асосии ҳама бадбахтиҳои одамон; ғорат ва қатлу куштор, дастзӯриву зӯроварӣ ва бехонумону ғариб гардидани онҳо медонад.

Китоби дуюми **«Ҷӯгӣ»** мазмунан идомаи повести ҳамном буда, ҳаёту рӯзгори ин қавмро дар солҳои пасошуравӣ, солҳои ноором, ҷанги

шаҳравандӣ ва оқибатҳои он тасвир менамояд. Пешравиҳо ва дигаргуниҳое, ки дар шуури мардум, дар ҳаёти иҷтимоии халқ дар фосилаи таълифи китоби якум то китоби дувум рух додаанд, дар китоби дувуми **«Ҷӯгӣ»** инъикоси худро ёфтаанд. Дар китоби дувум нависанда, ки пошхӯрии давлати абарқудрати шуравӣ, ки бо идеологияи худ ин қавми овораро ба меҳнату кор водор сохта буд, ноороминву ҷанги шаҳрвандӣ, рӯ ба муҳоҷират овардани мардум ва таъсири ин рӯйдоду ҳодисаҳоро ба ҳаёти ҷӯгиён тасвир карда, бештар ба ҷанбаҳои ахлоқиву равонии қаҳрамонҳо таваҷҷуҳ намудааст. Ҷӯгиён, ба қавли муаллиф, «боз ба асли хеш баргаштанд» [49, с.8].

Бояд гуфт, ки ҷанг ва қаҳтӣ на танҳо ҷӯгиён, балки бисёр хонаводаҳои тоҷикро низ хонабардӯш ва нонгадо намуд. Вале халқ ҳамеша бо руҳияи умедбахш ба оянда назар дӯхта, дар лаҳзаҳои душвортарин низ талоши зистан мекунад. Ин ҳадафи ягона, яъне талоши зистан бо вуҷуди ихтилофу зиддиятҳо, ки миёни ҷӯгиён ва тоҷикон вуҷуд дошт, мардумро аз лиҳози иҷтимоиву фарҳангӣ бо ҳам наздик ва алоқаманд сохта, омили муҳимми нозарур шуморидани расму одатҳои асримиёнагии зараровар гардид. Ин вазъ зарурати тағйироти руҳиву ботинӣ ва шуури иҷтимоии ҳама табақаҳои ҷомеа, аз он ҷумла, ҷӯгиёнро ба вуҷуд овард. Масалан, Тағой, ки аз овони наврасӣ дигар ба ҳамқавмони худ монанд набуда, мисли ҳамсолони тоҷики худ аввал тракторрон шуда, сипас ба хизмати аскарӣ меравад, аз он ҷо бо завҷаи маҳбубу зебояш Алёнаи украинӣ бармегардад, ҳамеша бо кору меҳнат рӯзӣ меёбад. Гадо ё Маймун, Бобуна дигар ба умеди дасту дари мардум нашуда, дар заводи хишт кор мекунанд.

Пайванд ва робитаи тоҷикону ҷӯгиён акнун бе ҳеҷ гуна қарору дастурот дар раванди тағйироти ҷомеа ба вуҷуд меояд. Алёшаву Дилороро дигар касеву чизе монеъ шуда наметавонад, то якҷо бошанд. Дар даврони истиқлолу озодӣ бо вуҷуди мушкилоти иқтисодӣ, ки пайомади шикасти ҷомеаи пешин ва ҷанги шаҳрвандӣ маҳсуб мешаванд, қаҳрамонҳо дигар пойбанди расму одатҳои асримиёнагӣ будан нахоста, барои расидан ба мақсад фаъолона ва ҳадафмандона талош меварзанд. Намояндаҳои қавми

чӯгиён-Тағой, Бойи маъюб, Махмал-парии зебо, Бобуна-ҳамсари аввалаи Тағой, Гиёҳхол-модари Тағой, ки дар замони даргириҳову кашмакашиҳо бо ҳар роҳе талоши зистан доранд, акнун бо тоҷикон, ба мисли Иззату Бозор, Гулъизор, Гулу Сунбул бештар наздику алоқаманд шудаанд.

Аммо дар асар нуктаҳое ҷой доранд, ки номаълумӣ ва номафҳумӣ ба миён меоранд. Қаҳрамонҳо дар давоми воқеаҳо номи худро гӯё тағйир медиҳанд:

«- Хайр, кӣ вай?

- Духтари ҳамсоя… Норӣ» [49, с.18].

Ҷойи дигар низ мо исми ҳамсари нахустини Тағойро Норӣ мехонем:

«Тағой? Шавҳари Норӣ?» [49, с.53]

Баъди ин номи ин қаҳрамон то охири асар якбора ба исми Бобуна табдил меёбад: «Бобуна, обдону оббози бало» [49, с.56]. Бозор-падари Дилоро аввал Азим ном дошта, модараш низ нахуст бо исми Иззат, сипас бо номи Қиммат дар асар пайдо мешавад.

Нуктаи дигар ин аст, ки издивоҷи Тағой бо Норӣ ё Бобуна бо хоҳиши модари Тағой сурат гирифт ва сараввал ҷавон низ аз арус розӣ буда, шодкому хушбахт менамуд: «Эҳсос кард, ки ҳама андешаҳояш ғалат баромаданд: арӯси ҳалиму меҳрубон ва рӯзгордор» [49, с.23].

Аммо Тағой аз ҷӯраҳояш «вағ-вуғи ҷанги сагу пишак ва таънатияк» [49.23]-и занашу модарашро мефаҳмад. Дилсардии Тағой аз арусаш Норӣ ё Бобуна ин низои ӯ бо модари Тағой мебошад.

Вале дар давоми қисса дар бораи ин издивоҷ ва дилсардии Тағой аз зани аввалаш маълумоти дигар пайдо мешавад, ки ба гунаҳкор будани арус дар шаби аввал ишора мекунад: «Нобаҳангом ишкам дамондани Бобуна гумонҳои Тағойро яқин кард. Бе гапу калоча тарки диёр намуд» [49, с.59].

Аммо Тағой, ки раҳоӣ аз ин издивоҷи нобарорро дар хизмати аскарӣ дарёфт, дар Чита бо украиндухтар Алёна шинос шуда, дубора ва ин маротиба бо муҳаббат оила барпо мекунад. Муаллиф дуруст зикр кардааст, ки «…чун пайдо шуд, (яъне, ба Ватан баргашт - М.Ҳ.) на майли зан дошту на ҳаваси духтар», [49, с.59] аммо таъкид накардааст, ки ҳамакнун бо

Алёнаи зебо ҳампаймону ҳамхона гардида буд. Дар мавриди дар шаби аввали арусӣ «гунаҳкор» будани Бобуна, ки Тағой аз бадзабониву бадсуханӣ ва беэҳтиромиҳояш бо модараш-Гиёҳхол аз ӯ ҷудо шуд, муаллиф пешакӣ ишорае накардааст.

Пайдо шудани кампири Чинӣ низ дар китоби дувум пазируфтанӣ мебуд, агар ӯ ҳангоми таваллуди кӯдак момодояи Махмал-парӣ намегардид, зеро синну соли қаҳрамони китоби аввал ба ин амал иҷоза намедод.

Аммо Гулу Сунбул, ки бекасиву қаҳтии ҷанги шаҳрвандӣ онҳоро ҳамсару ҳамрӯзгори мардони ҷӯгӣ гардонида буд, мисли Норӣ тамоман расму ойини ҷӯгиёнро напазируфта, аз гадоӣ ва дар ба дари мардум садақа талбидан, рӯ гардонида, бо кору меҳнат рӯзӣ пайдо мекунанд. Издивоҷи Гулу Бой аз хонадоршавии Алёшаву Дилоро тафовути ҷиддие дошта, Гул ва модараш Сунбул аз ноилоҷӣ ҳамсари Бой ва муйсафед гардиданд. Муҳаббати қавии Алёшаву Дилоро қолаби расму ойин ва қавмгароиҳоро шикаста, ҳардуро ба ҳам расонд. Китоби дувуми «Ҷӯгӣ» ҳаёту рӯзгори мардуми заҳматдидаи кишвари тоҷикро дар пасошуравӣ инъикос намудааст.

Дар асари **«Шаҳрбону»**, ки дар бораи воқеаву ҳодисаҳои охири солҳои навадум, пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, оғози ноорамиҳо ва солҳои ноорамии охири садаи XX дар кишвар ва ҷанги шаҳрвандӣ нақл мекунад, мавзуи ахлоқ, ахлоқи иҷтимоӣ, костагиҳои маънавии афроди ҷомеа дар замони дигаргуншавӣ ва табаддулотҳо, шикасти низои сиёсии ҷомеа ба тасвир омадааст. Балки ҳамин шикасти низоми ҷомеа боиси паст ва футур рафтани ахлоқ, маънавиёти афроди ҷомеа шудааст. Қаҳрамони романи мазкур Шаҳрбону манфиатдори иштирокдори бозиҳои сиёсии ҷанг набуда, мисли аксари ҳаммеҳанону ҳамсолон қурбони вазъи ошӯбзадагии кишвар гардид.

Бояд зикр кард, ки асари мазкур то ҳанӯз аз тарафи мунаққидон мавриди баррасӣ ва таҳлили пурра қарор нагирифтааст. Муҳаққиқи осори Сорбон Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ дар бораи ин асар мегӯяд: «Дар роман муборизаи фард бо ҳар чизе, ки ба камоли шахсият ва саодати ӯ монеъ мегардад, тасвир шудааст» [138, с.139].

Воқеаҳои даврони фоҷиарези охири солҳои навадуми асри гузашта дар меҳвари рӯзгори сахту сангини Шаҳрбону ва ҳамзамонони ӯ, ба мисли донишҷӯйи иҷоранишин Санҷар, ки аз як даст маҳрум гардид, ҳамсабақи Шаҳрбону-Хушрӯ, ректори муассиса, сарнавишти аммаи Зумрад ва писари ӯ ҳамчун  пешнамунаи аҳволи инсон дар замони ҷанг тасвир ёфтаанд: «Рӯзе аммаи Зумрад девонаавзоъ даромада омад, ки хонаашро сӯхтанд, писарашро куштанд, он чӣ буд, рабуданд. «Говамро аз сари замин бурданд. Ман дар пахтазор сар панаҳ кардам ва дашт ба дашту кӯҳ ба кӯҳ ба диёри падарӣ расидам» [48, с.36].

Заранг аз саркардагони ҷанги дохилист, ки аз футур рафтан ва шикасти низоми иҷтимоӣ бар манофеи хеш сӯистифода намуда, ба сари қудрат омаданд. Ҳодисаву воқеаҳое, ки тавассути Зарангу ёронаш дар ҷомеаи бuҳронии ҷангдида ба вуқуъ омад, тақдири инсонҳое, ба мисли Шаҳрбону, Санҷар, Хушрӯ дар дасти онҳо помол мегашт, пешнамунаи аҳволи инсон дар замони ҷанг, ҳақиқатнамои воқеияти ҷанги дохилӣ мебошад: «Одам хомӯшак метофт дар чашмаш. Тохтутозҳои хонасӯз ба миён омад, ки мардуми бегуноҳ нобуд мешуд, молу амвол мерабуданд, зану духтар мебурданд, сарпаноҳ оташ мезаданд...Дар ҳаммоми Бохтар ба ҷойи об хун ҷорӣ буд...»[48, с.36].

Дар қисмати дувуми романи **«Кадевар»**, ки замони носозиҳову кашмакашиҳои кишварро дар бар мегирад, ҳаёти Абдуҳамиди рӯзгордидаву таҷрибаандӯхта, андешаманд ва хирадманду ботаҳаммул ба тасвир овардааст. Дар қисмати мазкур амалиёт бештар дар дасти писари Абдулҳамид-Халил аст, ки сарриштаи рӯзгори хонаводаи падарро дар даст дорад. Ғами бародарбузург Халил на танҳо халосии Ҳакими дар банди силоҳдорон гаравгону гирифтор, балки ғами ҷони падар низ ҳаст. Ҳаким низ дар рӯ ба рӯйи силоҳдорони одамрабо аз мурдан не, аз падари сӯги фарзанддидаро боз дубора ба азои писар гирифтор кардан меҳаросад. Масалан, мисоли зер пайванди маънавии Абдуҳамидро бо фарзандонаш Халил, Ҳаким мефаҳмонад: «Ҳамаашро гиред, нобакорҳо…Мошин, хона, молу ҳоли падар…лекин Ҳакимро накушед, ки Ҳоҷӣ ҳам мемиранд. Инсони

маро наздиктар аз ҳама-Падархудойи рӯзгори мо, чун ҳама умр чизе нагуфта, садое набароварда, ба марги писар гиряву нола накарда, истех истода, мемиранд» [42, с.155].

Дар асар солҳои ноором ва рӯзҳои пурэҳсоси кишвар, ки ҳодисаву воқеаҳои фоҷиабори зиёде рух медоданд, ба мисли қатли ваҳшиёнаи Ҳалим дар пости Сарвода, рабудани Ҳаким ва барои халосии ӯ миллион доллар талаб кардани силоҳдорон, ба мисли Қорӣ, Ҳазрат, қумондони ғуммача, ташвишу талошҳои беохири Халил барои раҳоии ҷони додар, ашк рехтани хоҳар барои Ҳалими ғӯрамаргу Ҳакими гумшуда бо ҳунари нигорандагии баланд ва воқеъбинона тасвир шудаанд. Муҳаббату эҳтироми фарзандон, ки мехоҳанд, қиблагоҳ аз рабудани Ҳаким хабардор нашавад, шарофатмандии онҳоро мефаҳмонад.

Дар нақли муаллиф гоҳ эҳсоси дард, гоҳ нишот ба симоҳои азияткашидаву ҷабрдида, гоҳ тамасхур ба ашхоси манфуру разили он айём мушоҳида мегардад. Инро аз манзараи ибодати Ҳазрат-сарвари лашкари мухолифин, ки аз ҳисоби ғорату одамрабоӣ ва одамкушӣ лашкар нигоҳ медорад, ба мушоҳида гирифтан мумкин аст: «...қумондон ба эҳтироми Ҳазрат пурсу посух, масъалагузорӣ ва суҳбатро мавқуф гузошта ба рафторҳои инсони худотарсу худопараст ва росткору мусулмони ноб менигарист» [42, с.184].

Нуктаи дигаре, ки боиси зикр аст, Сорбон бештар дар қисмати дувуми асар характерҳои ҷолиберо, ба мисли Абдуҳамид, писаронаш Халилу Ҳаким ва симоҳои пурихтилофу манфури Ҳазрату Эшони мунофиқу риёкор ва қумондон, ки аз номи дину ойин одамонро қатлу ғорат мекунанд, чеҳраҳои воқеии ашхоси низоандозу фитнаҷӯйи замон, ки кишварро ба ҷангу низоъ кашида, одамони бегуноҳро ба қатл расониданд, ошкор намудааст. Воқеан, ҳамин Ҳазрату Қумондону Эшонҳо барин нохалафони ҷоҳталаб буданд, ки зери ливои ислом мардумро фирефта, ба майдонҳо кашиданд, хостанд, нақшаҳои чандин сол боз тарҳрезинамудаи хешро амалӣ кунанд. Гаравгон гирифтани одамон ба хотири пул, рӯйрост иқрори одамкушиву қатли одамони бегуноҳ нишон аз муносибати дур аз ислом ва ҳатто ҳайвононаи

Ҳазрату Қумондону Эшонҳост: «...Хешонаш дусад ҳазор ваъда карданд. Лекин сад ҳазор оварданд. Бачаҳо пеши чашми хешон ҳар ду асирро неши тир карданд» [42, с.184].

Дар анҷоми роман, ки хонанда паёми умеди равшанеро азояндаи нек дарк мекунад, ҳам қотили Ҳалим, ҳам Қориву Қумондон, ки Ҳакимро дуздида буданд, ба маҳкама кашида мешаванд, ки ин нишони ба эътидол омадани давлат ва низоми ҷомеа мебошад.

Дар романи **«Росу»** дар баробари рафтору кирдори мушон манзараҳое ҳастанд, ки симоҳои ашхосеро, ба мисли Гулоби ҷафодида, шавҳари ӯ-Хидире, ки фирефтаи зани ҷавон шуд, Саврии поктинату вафодор, шавҳари ӯ-Ботурбой, Фолбин-табиб, ронанда, духтараки танфурӯш ба ҷилва оварда, замони ҳодисаву воқеаҳоро тарҷеҳ медиҳанд. Нависанда бо манзараи худро дар таги мошин партофтани духтараки танфурӯше, ки «кораш» бо ронандаи мошин барор намегирад, вазъи ноҷӯри иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишвареро нишон додааст, ки ҷанги шаҳрвандӣ ҳоли мардумонашро ба куллӣ хароб намудааст. Духтараки танфурӯш замоне дӯшизаи маъсуме буда, ҷанг ва ҷангандозону камондорон ӯро бадбахту сияҳрӯз гардонида, ба ин ҳол афкандаанд. Ба танфурӯшии ӯ ҷомеаи ҷангзадаву бухронӣ, ки ин мавҷуди маъсумаро ба зани ҳарҷогард мубаддал гардонид, гунаҳкор аст, зеро барои ёфтани бурдаи нони фарзанд ва падару модари пир иҷборан ба ин амали нангин даст мезанад. Ӯро наметавон зани бадкораву бадраҳа номид, зеро ӯ нафарест, ки ҷанг аз беҳтарин хушиҳои зиндагӣ-саодати хонаводадорӣ маҳрумаш кардааст. Муаллиф бо тасвири як манзараи хурд фоҷиаи ба сари ҳазорон дӯшизаҳову занҳои тоҷик омадаро баён намуда, бори дигар таъсири ҷангро ба ҷомеа, ба ҳаёти инсонҳо нишон медиҳад.

Воқеаву ҳодисаҳои маълуми охири солҳои навадуми садаи гузашта бо ҳама ваҳшонияту даҳшатҳое, ки рух дода буд, дар санаду таърихномаҳо, дар осори адибони замон инъикоси худро ёфтаанд. Сорбон низ чун адиби дардошно ва таърихнигору таърихшинос он рӯзҳои пурҳаводису ҳассоси халқу кишварро ба рӯйи коғаз оварда, бори дигар бо қалами худ баояндагон дарси ҳушдор додааст. Дар осори Сорбон таърихи кишвар, лаҳзаҳои ҳассос

ва сарнавиштсози миллат, ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ хеле зиёд баррасӣ шудааст. Мавзуи ҷанги шаҳрвандии солҳои навадуми садаи XX низ дар осори ҷадиди адиб зиёд ба мушоҳида мерасад. Муаллиф дар осори ба ин мавзуъ бахшидаи худ ҳодисаҳои хуношому фоҷиабори ин айёмро хеле воқеанигорона тасвир намудааст.

Сорбон дар даврони нав, яъне дар даврони истиқлол дар тасвири мавзуи ҷанг, таърихи миллат ва кишвар бо таҷрибаи андӯхтае, ки дошт, бо забони ноб ва пурғановат, бо истифода аз далел ва бурҳони ҳодисаву воқеаҳои таърих бо тасвири воқеанигорона худро чун нависандаи баркамол нишон дода, тавонист таърихи куҳани миллат ва кишвари худ, таърихи кишварҳои мутамаддин, ҳодисаву воқеаҳои гузаштаи на чандон дури Тоҷикистонро таҳқиқи бадеӣ намояд.

**БОБИ III**

# ВЕЖАГИҲОИ ҲУНАРИИ ЭҶОДИЁТИ СОРБОН

## 3.1. Вежагиҳои сабки Сорбон дар эҷоди новелла

Дар адабиёти садаи XX, яъне дар адабиёти навини тоҷик Сорбон бо сабк, вижагии забони баён ва инчунин, воситаҳои тасвири вежаи услубсоз ҷойгоҳи арзандаеро соҳиб шудааст. Ӯ на танҳо бо интихоби мавзуву мундариҷаи ҷолиб, балки бо вижагиҳои услубсози нигорандагӣ, соддабаёнӣ, сохтор ва банду басти асар дар адабиёти навини миллӣ шинохта шудааст.

Нависанда бо осори гуногунмазмун ва гуногунжанраш дар пешрафт ва рушду таҳаввули навъҳои адабии адабиёти муосири тоҷик саҳим буда, осори рангин ва хонданбоби ӯ яке аз дастовардҳои адабии давр маҳсуб мешаванд. Аммо бояд таъкид кард, ки Сорбон худро ҳамчун носир маҳз тавассути жанри ҳикоя муаррифӣ карда, дар ин жанр бо ҷолибият, ҳунари нигорандагии воло, услуби вежаи муайян ва тасвири характерҳои қавӣ ва тавонманд ҳамчун адиби навпардоз дар адабиёти на танҳо тоҷик, балки адабиёти шуравӣ нақши басо муҳим дошт. Ҳикояҳои аввалини ӯ имрӯз низ бо вуҷуди дигаргуниҳои сиёсиву фарҳангӣ, тағйирпазирии ғояву арзишҳои бадеӣ ҳамчун осори арзишманди адабӣ пураҳаммият ва хонданбобанд.

Боиси тазаккур аст, ки дар давраи дуюми эҷодиёт, ки даврони истиқлолро дар бар мегирад, нависанда ба таълифи новелла ё ҳикояҳои хурд шуруъ кард, ки имрӯз дар осори ӯ мақоми вежаеро доранд. Ин нуктаро низ бояд ҳатман таъкид кард, ки фазои пурвусъати иттилоотии замони муосир ва пешрафти босуръати илму техника, ки фурсатро барои мутолиа маҳдуд мекунанд, омили асосии пайдоиши жанри новелла мебошанд.

Аммо дар назар бояд дошт, ки жанри ҳикоёти ҳаҷман хурд, ки дар худ мазмуни амиқеро гунҷоиш медоданд, дар насри ниёгони мо, дар адабиёти классикии тоҷик замина дошта, мисоли барҷастаи он ҳикояҳои **«Туҳфат-ул-аҳбоб»**-и Муҳаммад Авфии Бухорой, **«Гулистон»**-и Шайх Саъдӣ, **«Баҳористон»**-и Абдураҳмони Ҷомӣ маҳсуб мешаванд. Яъне, новелла аз ҷиҳати кӯтоҳбаёнӣ, мухтасаргӯйӣ ба ҳикоёти адабиёти классикӣ шабоҳат дошт, аммо ба қавли Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ, «онҳоро (ҳикояҳои

адибро-М.Ҳ) наметавон, бо офаридаҳои Муҳаммад Авфӣ, Саноӣ, Низомӣ ё Саъдӣ яксон шинохт» [138.75].

Бояд таъкид кард, ки як тафовути новелла ё резаҳикоя аз ҳикояи анъанавӣ дар он аст, ки дар новелла майдони диди таҳқиқи бадеии адиб мисли ҳикояи анъанавӣ вусъат надошта, нависанда барои худ имкони баёни муфассал, тасвири дуру дароз, инъикоси ботафсил намеёбад. Инчунин, тафовути ин ду жанр боз дар он аст, ки дар як ҳикоя адиб метавонад чанд ҳодиса, якчанд сужаро ҷой диҳад, аммо дар новелла бо як сужаи шиддатнок як ҳодиса тасвир меёбад.

Воқеан, дар резаҳикояи ҳаҷман хурд, ки таълифи маҷмуаи мазкур бори дигар Сорбонро ҳамчун адиби мухтасаргӯй ва кӯтоҳбаён муаррифӣ кард, гунҷоиш додани мақсади нависанда ҳунари вежаи нигорандагиро талаб мекунад, ки на ҳар адиб ин тавонмандиро дорад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки Сорбон дар адабиёти навини тоҷик бо эҷоди новеллаҳои худ дар заминаи осори классикон навоварӣ ворид кардааст.

Резаҳикояҳои Сорбонро аз ҷиҳати сохтор, сабки баён, нигорандагӣ, воситаҳои тасвир ва ҳаҷм метавон ба ду қисмат ҷудо кард:

1. Резаҳикояҳое, ба мисли ҳикояҳои «**Русбача», «Чапағай», «Суфрадузд», «Паймон», «Айби дандони фитода», «Бистари марг», «Бӯйи ватан», «Занмурда», «Рӯ ба рӯйи гӯристон», «Кӯрофтоб», «Гурги мода», «Шоҳидони дузд**», ки нависанда саъй кардаст, ҳодисаеро кушояд.

Бояд зикр кард, ки бархе аз ин ҳикояҳои хурд, ба мисли ҳикояҳои **«Кӯрофтоб», «Гурги мода», «Шоҳидони дузд»** аз рӯйи мундариҷа, услуби баён ва сохтор, устухонбандии сужа бештар ба ҳикояи анъанавӣ монанданд.

2. Инчунин, ҳикояҳои хурде, ки ба мисли ҳикояи **«Модари пир», «Буксир», «Пиёла», «Шамшер», «Мунда», «Судхӯр», «Дилсӯзӣ», «Даҳана», «Ниёзи Пашмак», «Дом»** оҳанги танзу тамасхур, ҳаҷву мутоиба, киноя дошта, аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва сохтор ба латифа монанд мебошанд.

Муваффақияти нависанда дар резаҳикояи **«Тағову ҷиян»** ин тасвири симо ва офаридани характери барҷаста буда, сохтори ҳикоя аз нақли ровӣ-

қаҳрамони меҳварӣ-Ёри ҷавони ҳанӯз зиндагинадидаи таҷрибанаандӯхта, аммо ростгӯву поксиришт ва меҳнатдӯст иборат аст. Чеҳраи Ёри наврас дар муқобили Соати ронандаи раиси колхоз, ки навҷавон монеи аз хирман халтаи гандумро рабудани ӯ шуда, ба туҳмати ронанда гирифтор мегардад, дар муқобили тағои пасттинати бригадир, ки ба ҷойи хоҳарзодаи бемуттакоро дастгирӣ кардан ӯро бе ҳеҷ гуноҳ ба маҳбас тела медиҳад, дар муқобили ҳашт мӯйсафеди беинсофи хирманкӯб, ки панҷоҳ кило ангурро дар гармои саратон хӯрда, бешармона ҳаққашро дар гардани як бачаи наврас партофтаанд, ё бегуноҳии Ёрро донанд ҳам, бо хомӯшии худ дар туҳмати ронанда шарик мешаванд, дар муқобили милисаи Саримсоқ, ки дарки масъулият дар иҷрои вазифа надорад, дар ҳикоя равшану барҷаста инъикос ёфтааст: Ӯ, ки ҷавони наврасу сода буда, миёни мӯйсафедони бодгари солманд, хизматгузор ва ҳар чӣ фармоянд, аз рӯйи синну сол ва эҳтироми пирмардон иҷро мекунад, ба тағояш сахт бовар дорад: «... дили пур ва путу паноҳи зӯрам тағо буд. Ба об занад ҳам, ба оташ занад ҳам бояд тағо занад» [44, с.152]. Чанд маротиба монеаи гандумдуздии Соати ронанда шудани Ёр аз поктинатӣ ва поквиҷдонии қаҳрамон шаҳодат медиҳад. Ин воқеа, барои панҷоҳ кило ангур овардани милисаи Саримсоқ низ кори дасти Соати ронанда буда, маҳз ба хотири халтаҳои гандуми норабуда аст: «Чунки чанд бор дар мошинаш гандум баровардани ӯро дошта, гардонда будам. Нав фаҳмидам, ки «қассос дар қиёмат намонад» гуфта будааст» [44, с.153].

Ин ҳодиса Ёри танҳову беёру ёварро сабақе омӯзонида, ӯро дар мавриди муносибати тағо ба хулосае овардаанд: «Ман ба ҷойи тағот.

Не. Ман ҷойи тағоя ба касе намедиҳам» [44, с.153].

Симои манфур ва дили сиёҳи тағо дар «маслиҳати» ӯ ба хоҳарзодаи наврас аст, ки ба ҷойи пуштибонӣ ва роҳнамоӣ ӯро водор мекунад, гуноҳи «дуздидани» халтаи гандумеро, ки бояд барои панҷоҳ кило ангури хӯрдаи хирманкӯбон ба кали Ҳумро пардохт мешуд, ба дӯш гирад: «Ҷиян, ту мӯйсафедонро ба ин кор ҳамроҳ накун. «Худам, кардам», гӯй: Нони хӯрдан надорам, ҳамин хел кардам, гӯйӣ майлат…Одам турма шудан катӣ дарров намемурад…Розӣ шав. Гуноҳро ба гардан гир… Шояд ту ҳам...» [44, с.153].

Муаллиф маҳз ба воситаи нақли якмаром, вале ҷолиби ровӣ моҳияти аслии кирдору рафтори инсонҳоро, ба мисли тағои Ёр, Соати ронанда, ҳашт марди болиғу рӯзгордида, вале бевиҷдони хирманбодгар ва Саримсоқи милисаро бо як навраси ятим нишон додааст.

Дар ҳикояи хурди **«Бистари марг»** нафаси охирини инсони гунаҳкори олудадоману пӯзишталаб, умри бо ҷурму хато ва бадахлоқӣ тайшуда, ки дар бистари марг акнун бо иқрори гуноҳ авфталаб аст, инъикос ёфтааст. Нақли мухтасари ровӣ ва гуфтугӯи кӯтоҳи пиразану шавҳараш, ки симо, ҷаҳони пуртазодди ботинӣ, хулқу хӯйи ба ҳам муқобили ҳар дуро равшан намуда, сабаби зиндагии иҷбории ҳар дуро низ ошкор мекунад:

«- Мардак, аз гуноҳам гузаред, мегӯм…» [44, с.8].

Посухи кӯтоҳи пирамард ботини ӯро равшан намуда, хислатҳои шоистаи қаҳрамонро ба мисли сабру таҳаммулпазирӣ мулоҳизаи ӯ бо зани беотифату камхирад нишон медиҳад: «- Мо аз ҳамон вақт ҷудо будем.

- Лекин дар як хона зиндагӣ мекардем.

- Ба хотири фарзандон» [44, с.9].

Дар рӯ ба рӯйи шавҳар зани кӯтоҳандеш дунболи ҳавову ҳаваси зудгузар, ба мисли пӯшидани «як матои ҷир-ҷир, ки дар тани занҳо пайдо шудааст» [44, с.9], исмату нанг зери по мекунад: «Зани ҳамсоя…ҳар коре, ки мекард, ба ман ҳам ёд медод» [44, с.9].

Нависанда бо ин гуфтугӯйи кӯтоҳ ҷавонмардӣ, таҳаммулпазирӣ, сабру тамкини мард, кӯтоҳандешӣ, бехирадӣ ва айшу ишратхоҳиҳои занро ошкор намуда, ӯро барои бадахлоқӣ, рафторҳои ношоиста дар айёми ҷурм, дар замони ишраҷӯйиҳо не, балки дар дами пирӣ, дар бистари марг дар рӯ ба рӯйи шарики умр гузошта, қазоватро ба хонанда вомегузорад. Сукути пирамард ин ҷавоб ба пӯзишталабии ҳамсари хиёнаткор аст, ки ҷанбаи ахлоқии ҳикояро пурқувват гардонидааст.

Шуғли қаҳрамони ҳикояи **«Сангфарсо»** Замон заҳмати сангини сангшиканист ва бо ин рӯзи хонаводаашро мегузаронад. Харсангҳое, ки аз кӯҳ бо сад машаққат барои иморати мардум ғелонида, меорад, мусоҳибу роздони ягонаи ӯ буда, руҳия ва ботини Сангшиканро ба мисли кору

пайкори ӯ, умуман тамоми ҷузъиёти ҳаёти сангини мард, ба мусофирати меҳнатӣ рафтани писараш, таваҷҷуҳи марди тракторрони ҳамсоя ба зани Замон, майли зани ӯ ба ин ҳамсоямард дар суҳбат ба ҳамин сангҳо ошкор мешавад. Яъне, муаллиф робита ва таъсири ҷомеаи ҷангзадаи ба бунбаст гирифторро ба ҳаёти иҷтимоии инсон, сарнавишти инсонро дар ҷомеаи вожгуншудаи низомаш шикаста бо тасвири руҳия ва ҷаҳони ботинии қаҳрамон, характер ва симои ӯ, задухӯрди ботинӣ, бархӯрди ӯ бо атрофиёну наздикон овардааст. Рабт ва пайванди ҷомеаи буҳронӣ, ҳодисаву воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ бо сарнавишти инсонҳо, мавқеи ҷомеаи ба бунбаст гирифтор, мавқеи ин ҳодисаву воқеаҳои сиёсӣ аз равзанаи рӯзгори сангини марди Сангшикан тасвири худро ёфтааст. Сорбон ҳунари баланд ва малакаи нигорандагии психологияи мураккаб, ҳиссиёти пурихтилоф дошта, ҷаҳони ниҳонии қаҳрамонро бо ҳама паҳлуҳои ноаён, эҳсосҳои нозук ва пуршӯри дили инсонӣ, задухӯрдҳои ботинӣ равшан мекунад. Дар ҳикояи мазкур низ дарду ҳасрати тоқатфарсои ҷисмонӣ ва ботинии қаҳрамон ба воситаи муколама ё гуфтугӯйи пуралами ӯ ба Харсанг нишон дода шудааст.

Адиб қудрати маънавӣ, неруи ниҳонии инсонро дар душвортарин лаҳзаҳо, мушкилтарин соати ҳаёт, ки гӯё дигар илоҷе, тадбире, давое намемонад, инсон дар зери зарбаҳои сахти ҳаводис қарор дорад, ба воситаи симои ҷаззоби қаҳрамони асосии ҳикояи **«Шикастапо»** Ҳамроҳи Қодир, пешнамунаи падари муаллиф, ки дар вартаи хавфноки кӯҳистон ғелида, пояш мешиканад, инъикос кардааст. Барои қаҳрамони пурбардошти ҳикояи мазкур танҳо мондан бо пойи носиҳати шикаста ва хараш Буча дар вартаи пурхавф чандон азиятовар нест, зеро по шикастан кори саҳл аст: «Гардан нашиканад…Дил нашиканад» [44, с.117].

Ранҷу азоби қаҳрамон дар ин лаҳзаи ниҳоят вазнин, ки ягона шарики дардаш хараш Буча мебошад, хеле равшан; ҳам ба воситаи афкору андеша ва руҳияи ботинӣ ва ҳам тавассути амалиёти ӯ тасвир шудааст. Симои қаҳрамони меҳварӣ чун як фарди бохирад, таҳаммулгаро, таҷрибаандӯхта, зиндагидӯст ва ниҳоят некбин, ки нигоҳаш ба ҳаёт ҳамеша гарму меҳрбор аст, ба ҷилва меояд. Қаҳрамони ҳикояи мазкур бо қаҳрамони ҳикояи

**«Сангфарсо»** Замон бо ҳам шабоҳат доранд. Замони Сангшикан низ чун Ҳамроҳи Қодир марди босабру тамкин аст, аммо таҳаммулпазирии ӯ пуряъсу ғайрифаъол буда, оҳанги навмедӣ ва зиндагибезорӣ дорад. Қаҳрамони ҳикояи **«Шикастапо»**–ро пояш шикаста бошад ҳам, иродаи чун сангҳои кӯҳистон сахти ӯ ношикастанӣ буда, дар ҳама ҳолат ӯ роҳи раҳоӣ меҷӯяд. Аммо сабри Сангшикан аз бечорагиву ноумедии ӯст, ки барои наҷоти хеш аз ин рӯзгори буҳронӣ ва вазъи мураккабу дар ҳам печида ҳеҷ коре аз дасташ барнамеояд. Қаҳрамони ҳикояи **«Шикастапо»,** ки «дар сарои пуросеб он қадар озору хорӣ дида буд» [44, с.117], ки ранҷи шикастани по барояш фароғат менамояд, дар зиндагӣ талошу муборизаро муписандад, дар ҳама вазъу ҳолат, ҳатто дар ҳолате, ки пояш шикастааст, ба ҳаёт бо умед ва бовар дида медӯзад. Дар ҳикояи мазкур иродаи шикастнопазири инсоне тасвир мешавад, ки ҳар нобароривиу ноомад, ҳодисаи нохуш, ба мисли шикастани пояш дар он вартаи пурхавф оҷиз ва бечорааш намесозанд, бо сабру таҳаммул, ҷасорат ва руҳбаландӣ роҳи ҳалли душвориро меёбад.

Ҳикояи **«Мукиҳои дарида»** аз рӯйи мазмуну муҳтаво беҳтар мебуд, ки **«Ҳалола»** ном мегирифт, зеро он аз расми нангини ҳалола қисса мекунад. Қаҳрамонҳои ҳикояи мазкур Хушмуроди шубон, ки аксар камақлаш мепиндоранд, Насибаи наваруси таҳқиру озордида, ки ба туҳмати домод Бахтак гирифтор шудааст, бар рағми дигарон, ки ба сарнавишти ин ду нафар бозӣ мекунанд, дар симои ҳамдигар бахти хешро меёбанд.

Агар дар резаҳикояи **«Чапағай»** муаллиф ба офаридани характер муваффақ шуда бошад, дар ҳикояи **«Мукиҳои дарида»** тасвири воқеа аҳаммияти мутлақ пайдо кардааст. Дар ҳикоя зуҳуроти мухталифи маънавиёти мардум, вежагиҳои тарзи тафаккури халқ, ба мисли номардии домод ва ба хотири гуноҳи худро рӯпӯш кардан ба арус туҳмат кардан, покизагиву иффат, қасду қассоси аруси таҳқирдида Насиба, фазилату фаросати шубоне, ки ҳама содаву бехирадаш мешумориданд, бехирадӣ, бешарафӣ ва ҷаҳолати падари домод, ки аруси писарро бо Хушмуроди шубон никоҳ мекунад, домуллои риёкору мунофиқ, ки баъди хутбаи никоҳи

муваққатӣ, яъне ҳалола «ҳампир шавед», гӯён дар ҳаққи Хушмуроду Насиба дуо мекунад, нишон дода шудааст. Насиба, наваруси ба туҳмат гирифтор духтари баҷуръат ва ҷасурест, ки дар ҷавоб ба ин бозиҳои беномусонаи домоду падараш ва домуллои мунофиқ, ки бо сарнавишти инсонҳо, бо шарафу номуси онҳо бозӣ мекунанд, аз шарафу эътибори худ ҳимоят карда, шубони бе ҷоҳу ҷалолро ба ҳамсарӣ пазируфта, хешро аз доми хурофотпарастони бенангу беҳувият раҳо мекунад: « Сар бидеҳ! - Наъра кашид падаршӯ.

Арус то Хушмурод розӣ нагардад ҷафстар ба ӯ шуд ва дудаста камари сахташро оғӯш кард.

- Ман зани сар медодагӣ надорам» [44, с.323].

Суоли баҳсбарангези Хушмуроди «аз хурдӣ аз паси мол шуда, аз ҳарфи олам бехабар, анги гаранги заннодида... марди муҷаррад, орому сархам, то напурсӣ, ҳарфе нагӯяд» [44, с.317], бо муллои чаласавод фаҳму фаросати шубонро дигаргуна аён мекунад: «- Мулло, агар кас дар зиндагӣ ду гуноҳ содир намояд, як савоб ба шумор равад?

- Чун? Як гуноҳ – як гуноҳ, ду гуноҳ-ду гуноҳ.

- Пас чаро ду ҳаромро як ҳалол меҳисобанд?» [44, с.319].

Вале бо он ки сурати воқеа аз аввал то ба охир бо маҳорати баланди тасвир ба қалам дода шудааст, ҳикоя норавшаниву номафҳумиҳо дорад. Агар адиб дар ҳикояи мазкур симои қаҳрамонҳо ва образҳоро, ба мисли домод, падаршӯ, домуллои мунофиқ равшантар ва ҷолибтар тасвир мекард, ин нуқсонҳо бартараф мешуданд. Ҷуръати арус ӯро духтараки қавиирода нишон медиҳад, вале равшан нест, ки чаро ҳамсари Бахтак ё Рауф, нависанда гоҳ ӯро Бахтак, гоҳ Рауф меномад, мегардад? Ба воситаи симои домулло, ки зери ниқоби дину ойин ва шариат ба мардумфиребӣ машғул аст, муаллиф имкони ошкор кардани симоҳои аслии диндорони чаласаводу хурофотпарастро пайдо мекунад, аммо паҳлуҳои дигари ин образ номаълум боқӣ мемонад. Умуман, мавзуи дарди ҷомеа, низоми гуногуни хати сужа, ки аввал якмаром буда, дар охир шиддат пайдо мекунад, вежагии сабки баён, нақли осонфаҳми ровӣ ҳикояро арзишманду ҷолиб кардаанд.

Сорбон чун адиби мушоҳидакор, рафтору одат, вежагиҳои хос, ҳаёти ҷонварону парандагонро зиёд омухтаву ба қалами тасвир кашидааст. Дар ҳикояи **«Гурги мода»** набарди шубону гург, талош барои зистан, муборизаи маргу зист миёни инсон-шубон ва модагург пирӯзии ақлу заковати инсонро, ки «шаъни одамӣ болотар аст аз ҳама гуна зӯру тавони ҳайвонӣ; ӯ ботадбир аст» [44, с.274], аз болои ҳайвон нишон додааст. Воқеан, модагурги яккаву танҳо, ки дар лонааш гургбачаҳо ӯро интизоранд, на танҳо ҷуръату ҷасорат карда, ба оғил медарояд, балки ба шубон низ ҳамлавар мешавад.: «Гург...бархоста қад ба қад шуд бо шубон. Даҳон андохт...асо ба даҳони гург омад. Дасти бо остин печидаро аз канори асо ба даҳони гург андохт. Аммо гург панҷаву ҷангол зад...ӯро тела дод, худро пас кашид. Ҳар ду афтоданд. Гург ноҷунбон...» [44, с.278]. Ин манзара, ба мисли ба худ омадани шубон баъди ҳуҷуми гург, хеле табиӣ тасвир шудааст. Шубони аз даҳони гурграҳида боз ҳоҳиши ҳазл кардан дорад: «Аз садои талхи зан ӯ чашм нимроғ кард. Ва абрӯ паронд. Зан надонист, ки хандад ба шӯхии ӯ ё сахт гиряд ба ҳолаш; зеро сару рӯ ажғо ва ҷома дарида буд ва гург дасташ фурӯ бурда» [44, с.278]. Анҷоми умедбахши ҳикоя, ёфтани шубони нимҳуш ва гурги мурда, гӯсфандон, баъзе рамидаву хӯсида, баъзе мурда аз пирӯзии ақлу таҷриба ва фаҳмиши инсонро нишон медиҳад.

Дар ҳикояҳои **«Бӯйи Ватан»** ва **«Меҳри Ватан»** сухан аз меҳану зодгоҳ ва ғарибафтодагону дарди ғарибӣ меравад. Қаҳрамони ҳикояи **«Бӯйи Ватан»** пирамардест, ки дар айёми ҷавонӣ, дар аввали садаи XX, дар замони «солҳои Инқилоби Бухоро» [44, с.35], аз сарзаминаш, Самарқанди бостон ба кишвари Афғонистон кӯч бастааст ва бо ҳамин дасти пурзӯри сиёсати замон ӯро якумр аз диёру пайвандон ҷудо намудааст. Мӯйсафеди дар ҳаққи ватан сӯхта дар симои Одинаи сарбоз бо ақлу тадбири азалӣ ҳамдиёри худро мешиносад. Хоҳиши пирамард аз ҳамдиёраш, ба гумони он ки дигар ба он хоки муқаддас по намегузорад, як каф хок аз анҷирзори Боғи Баланд асту бас: «Агар ба мураххасӣ рафтед, Боғи Баланди Самарқанд равед. Боғи анҷир ҳаст. Аз соҳиби боғ пурсида, як каф хок ба ман оред» [44, с.36]. Аммо ғайричашмдошт ба ӯ гирифтани пайғом муяссар мегардад, то ба Ватан

рафта, бори охир аз ҳавои он нафас гирад: «-Ман аҳд карда будам, ки поям ба хоки Самарқанд расад, намози шукрона гузорам.

Нахуст ҳарисона ва носер ба ҳар тараф дида мечаронд...Саҷҷода густурд рӯйи хок ва пешонӣ ба замин зад» [44, с.37]. Пирамард гӯё амонатро то ба зодгоҳи азизаш оварда, дар болаи ҷойнамоз, дар фурудгоҳ ба ҳақ таслим мекунад.

Аммо қаҳрамони ҳикояи хурди **«Меҳри Ватан»**, оқои Дастурии солманду солхӯрда, ҳатто иҷозаи аз тайёра ба сарзамини бостониаш Эрон берун шуданро ҳам надорад. Ӯ, низ замоне аз Ватан фирор карда, гурезаи сиёсии иҷборӣ шудааст. Дар мулки дигар, дар Лейпсиги Олмон зиндагӣ ихтиёр кардааст. Роҳи дигаре надошт: «Инқилоб, фирор, ғурбат, мулки бегона, дарёфти кишвари ҳамзабон, мусофирӣ...» [44,с.38]. Аммо ӯро бо баҳонаи ночизе ба сарзамине, ки дар он хуни нофаш рехтааст, роҳ намедиҳанд: «Ёди Ватан мекардам. Орзуям ин буд, ки Эронро бубинам, хокашро бибӯсам...» [44, с.38].

Бо чашмони ашкбор ва хирабин ӯ аз тирезаи тайёра ба берун, ба сарзамини хеш менигарад ва барои Ватан мӯя мекунад: «Он вақт ҷон ширин буд, зеро ман Эронро доштам. Ин дам Эрон ширин, зеро ман аз ҷон гузар кардаам...» [44, с.39].

Дастоварди нависанда дар ҳикояи **«Занмурда»** забони фасеҳ, сабки баёни ӯст, ки пур аз ибораву гӯйишҳо, зарбулмасалҳои ҳалқист. Ҳикоя аз ҷиҳати ҳаҷм низ чандон хурд набуда, ба ҳикояи анъанавӣ шабеҳ аст. Мазмун ва сужаи ҳикояи мазкур бо ҳикояи **«Баҳодури каллабур»** ҳамсон аст ва тақдири зани хиёнаткор низ дар ҳикояи **«Занмурда»** хеле бераҳмона ҳал мешавад: «- Ма, инро аз таг андоз! -шолро ба чоҳ андохта фармуд Усто.

- Ин гилеми ман-ку?!

- Гилеми ту! Дар он чоҳ бисоти маро гӯр кардем! Дар ин чоҳ бисоти туро гӯр мекунем!.. Усто... халтаи чормағзро ба сари зан бизад ва якбора кӯрпаҳоро бор баст... зуд хок кашид... садои зан шунида намешуд.

Дигар ба касе хиёнат намекунӣ...» [44, с.66].

Дар ҳикояи мазкур, агар забони пурғановати адибро ба назар нагирем, ҳикоя фақат аз тасвири воқеа иборат буда, инъикоси ҳодиса аҳаммияти мутлақ пайдо кардааст, дар он назари ибратбини нависанда, хулосаи мантиқӣ вуҷуд надорад. Нависандаро зарур нест, ки асли воқеаеро, ки дар замони дур е наздик ба вуқуъ омадааст, нақл намояд, хулосаи инсонпарварона, ҳаётдӯстона аз он ҳодиса бояд баровarда шавад. Зани Усто, ки баъди шавҳари аввалаш мурдан аз деҳи дигар, аз Андар ба ӯ зан шуда омада буд, ба шавҳар, ба Устои камбизоат хиёнат кард ва шавҳараш ӯро бо бераҳмӣ нобуд кард. Сорбон ҳунари баланди тасвири инсонро дар лаҳзаҳои хеле ҳассос ва ғайримуқаррарии ҳаёти ӯ дорад. Масалан, дар романи **«Барзгар»** Шодмон аз хиёнати рӯйрости зан асабӣ мешавад, хиёнати ошкорои зан ӯро бемории руҳӣ мекунад, аммо мард аксуламале нишон намедиҳад, ки ин рафтори даюсона хосси мардони тоҷик нест. Дар ҳикояи **«Баҳодури каллабур»** Усто Бобои дар мадраса таҳсилкарда, сари занаш ва пеш аз он сари хушдорашро аз тан ҷудо мекунад, ки ин низ бераҳмии гӯшношунид аст. Дар ҳикояи **«Занмурда»** усто зани хиёнаткорро дар чоҳе, ки гӯё барои чормағз кандаанд, зинда таги хок мекунад. Танҳо дар ҳикояи **«Хонаи нав»** Ёрмуҳаммад бо рафтори ҷавонмардонаву олиҳимматона, ки аз дасти ҳар марди обрӯяш рехта ва шаъну шарафаш таҳқирдида намеояд, ба ёрӣ ва наҷоти зани хиёнаткор, ки худро дар дарё ғарқ кардан мехост, мешитобад.

Қисмати дуюми ҳикояҳои маҷмуаи мазкур бо оҳанги танзу киноя, ҳазлу мутоиба ва лутфе таълиф шудаанд, ки аз бори маънии амиқ ва ғановати бадеӣ ориaнд. Ҳикояи **«Шутурнон»** фоҷиаи сахттарини инсон гуруснагиро инъикос кардааст. Вале аз ҷавоби тифли чорсолае, ки нонашро аз даст додаву алами он аз дилаш нарафтааст, оҳанги фоҷиадори ҳикояро лутф мебашад. Ҳамсояписар бурдаи нони Салими кӯчакро, ки пас аз чандин рӯзи гуруснагиву нимгуруснагӣ ва дар ҳасрати нон оби дида кардан ба дасташ расидааст, биё, нонатро уштур кунам, ба он савор шуда, ба суроғи додот меравӣ гӯён аз ҳар тарафаш гоҳ куҳону гоҳ поҳои дарози шутурро сохта, қариб ботамом мехӯрад: «… Модар тозон омад: - Чӣ шуд бачам?

Ҳамсоя но... нонама шутур ка - ард!

Майлаш бачам, гиря накун, шутурдор шудӣ…

…Ба шутурат савор мешавӣ; пеши Юсуфи Мисрӣ меравӣ; Мегӯӣ, ки соли қаҳтӣ…Гандум медиҳад, меорӣ; осиё мебарем, орд мекунем; Нон мепазем…

- Лекин ин шутурсоза намебарам!!!» [44, с.106].

Дар ҳикояи хурди **«Модари пир»** писари ба модар на он қадар дилсӯзи зани солдида, ки ӯро ба назди духтур меорад. Баъди ташхис фарзанд, бинобар гуфти пизишкон, ки ҷисми наҳифу ранҷдидаи пири модар таҳаммули ҷарроҳии гурда намекунад, ақаллан дандонҳои дардмандашро канда партоянд. Дандонпизишк барои манфиати худ якбора се дандони пиразанро меканад. Писар модари бемадорро ба зур ба хона мебарад. Тағо аз хоҳари солманд аҳвол мепурсад. Пиразан чун ҳавсалаву мадори сухан кардан надорад, писар ба ҷойи ӯ посух мегӯяд:

«- Се дандон канондем.

- Се дандон канондед?

- Се дандон канондем. Ҳар кадомаш панҷ сомонӣ» [44, с.21].

Муаллиф хулосаи худро бо сухани киноядори бародар ба бародарзодаи ба модар бемеҳру бепарво баён кардааст.

«- Боз панҷ сомонии дигар надодӣ, ки каллаашро ҳам канад?» [44, с.21].

Ҳикояҳои **«Судхӯр»** ва **«Дилсӯзӣ»** аслан ҳикоя не, метавон гуфт латифа буда, ҳадафу мақсад ба тариқи ҳазлу шӯхӣ ва ҳаҷви нозук ифода ёфтааст. Нависанда дар латифаи **«Судхӯр»** ришвахориву порагирии ҷомеаро мазаммат кардааст. Шахси мансабхоҳи ришвадеҳ ба мансабдоре, ки тамаи мансаби ӯ дорад, ошкоро рӯ оварда мегӯяд: «-…Ман даҳ ҳазор бурда додам.. .ёздаҳ ҳазор ба ман деҳу дар ҷоят истодан гир [44, с.138].

Нобарориҳои иҷтимоӣ ва маишии ҷомеа дар ҳикояҳои «Дом», «Байтҳои Соҳиб» тавассути танзу киноя ва тамасхуру ҳаҷв нишон дода шудаанд. Вале ҳикояҳои **«Дилсӯзӣ»** ва **«Ниёзи пашмак», «Даҳана»** вижагии латифаҳои мардумиро, ки бо ҳозирҷавобиву ошкоргӯйӣ, ҳазли намакин ва содадилӣ аз

қаҳрамони латифаҳои халқӣ Хоҷа Насриддин ё Мушфиқӣ ёд меоранд, соҳибанд.

Масалан, содагии Саққо аз ҳикояи **«Даҳана»** нишони нодонӣ не, балки аз содадилӣ ва поктинатӣ навбати об чун ба ӯ мерасад, шаб то саҳар ба ҷойи замини худро об додан замини ҳамсояро шодоб мекунад ва боз сапедадам ҳамсояро барои ин гунаҳкор мекунад.

Хулоса, маҷмуаи ҳикояҳои **«Мағзреза»**-и Сорбон аз новеллаҳои дилчасп ва малофаҳои пуробуранг иборат аст, ки нависанда бо муҷазбаёнӣ матолиби хешро иброз доштааст.

## 3.2.Тамсил ва рамз дар эҷодиёти нависанда

Сорбон дар тамоми давраи эҷодиёти худ аз тамсил ва рамз фаровон истифода бурда, санъати тамсил дар осори ӯ мавқеи хосса пайдо кардааст. Осори тамсилии пурғановати адиб далели ин гуфтаҳоянд.

Қаҳрамони ҳикояҳои **«Вафодор», «Шер», «Аз ҳама хурд», «Майна»** ва **«Шер ва дигарон»** ҷонварон буда, ҳикояҳои мазкур аз одатҳои хос ва хулқу хӯй, хислати онҳо нақл мекунанд. Дар ҳикояи **«Вафодор»** саг кирдори инсонҳои бадкешу бадсириштеро, ба мисли кадбону ва хушдораш-Нарғул, ки ба хотири рӯпӯш кардани асрори ошиқиҳои хеш сагро ба ҷойи дуре бурда партофтанд, нақл мекунад. Вафодор, ки бевафоиҳои соҳибаш дар тинаташ нест ва аз хушдори Нарғули зан низ хушаш намеомад, рӯзгори як хонаводаи ба хиёнату дурӯғ мувоҷеҳ шударо ошкор месозад. Қурбонии ин хиёнат на танҳо марди пири ланги беҳувият, балки Вафодор низ ҳаст, ки аз хона берунаш кардаанд. Саг андеша мекунад, хулоса мебарорад, ба кирдору рафтори одамон баҳо медиҳад. Аз соҳибаш домангир ҳаст, ки пеши ҳамсари бевафо ва Нарғул бечора асту аксуламале нишон намедиҳад. Ҳатто соҳиби ланги пири худро ба ҳамсояи камбағалаш Нори назарногири нодор, вале баномус, ки баробари хабари хиёнати ҳамсар ба гӯшаш расидан аз хона ғайб зад, қиёс мекунад: «Ин мард худаш донад, ки чӣ мехоҳад. Кам сухану суҳбат кунад бо зан; хидмат нафармояд; озор надиҳад; бад накунад...Нарғул тараққӣ кунад: бузург гардад, китфонаш бардошта шаванд ва ҳайаташ ваҳшиёна…» [43, с.433].

Ҳикоя аз ба дасти одамони нек афтодани саг анҷом меёбад: «Саги хуб будай, ҷонвар, ошноӣ медиҳӣ…» [43, с.434].

Дар ҳикояи **«Аз хама хурд»** низ аз ҳама хурд, аз ҳама гапшунаву гапхӯр, аз ҳама пурбардошт саг аст. Саг, Алопар, ҳайвони кунду нодон не, балки ҳама гапро мефаҳмад, ҳама гуфтаҳои инсонро дар тарозуи фаҳму фаросаташ месанҷад, дарк мекунад, гоҳ ҳайрон мешавад, гоҳ алам мекашад, гоҳ аз миннати бемавриди Сардор чӯбхӯрда барин ба худ меларзад. Мисли Вафодор аз ҳикояи «Вафодор» андеша мекунад, аз баду неки соҳибаш шод

мегардад, дар лаҳзаҳои нохуши рӯзгори ӯ озурдаву ғамин мешавад, қаҳру ғазаби сахт мекунад. Аммо «намефаҳмад, ки чаро Сардор ин қадар алам аз ӯ гирад» [43, с.238].

Ӯ, ки «паҳлӯи хараки назди идора ва ҷуз дарбониву посбонӣ вазифае надорад [43, с.208], аз муносибати Сардор ҳайрон аст, ки «чаро ҳама донистаашро ба ман гӯяд, ҳама шунидаашро ба ман гӯяд, ҳама дӯғу дарангашро ба ман занад, буғзи дилашро ба ман кафонад» [43, с.208].

Сардор бо овози баланд дод мезанад: «Ту каллаварам, як бор ба ҷойи ман ист, мефаҳмӣ. Аризаатро навис! Худи ҳозир!» [43, с.209].

Аммо саг хомӯш бошад ҳам, меранҷад, ба қадри хеш месӯзад, озурда мегардад: «Ба Алопар бад расид...алам кашид, аввалин бор хор шуданашро пай бурд.

- Ман намебудам, ҷойи ту ҳоло куҷо буд...

Инаш ҳарфе, ки ба Алопар начаспад, вале аламовар буд, ки туҳмат кунад» [43, с.211].

Аммо дар охир инсон аз гуфтаҳояш пушаймон мегардад, ё ки ҳама ҳарфи дилашро гуфта аламу дарди дилашро холӣ кардааст, ки дар ҷавоби ӯ «узрхоҳона ҷонибаш оғӯш кушод, саг ба қадаш рост ду даст ба сари синааш гузошт [43, с.212].

Дар ҳикояи хурд-новеллаи **«Шоҳидони дузд»** гурбачаҳо-Ало ва Бӯр шоҳиди хиёнати мард шуда, ин амали мардро бо дуздидани танпӯши занонаи маъшуқа фош мекунанд. «Гурбачаҳо фурсат ғанимат дониста, ба мошин даромаданд ва зери сандалӣ ҷой шуданд. Такпӯшаки зери пой афтидаро ханҷолкаш назди худ гирифтанд» [44, с.261].

Нависанда тавассути ду ҷонвари майдачаи безабон хислат, характер, дар маҷмуъ ахлоқи пасти мард ва занеро нишон додааст, ки ҳар ду хонаводаи алоҳида, рӯзгори алоҳида доранд. Маъшуқа аз гум шудани тагпӯши худ ошуфта изҳор мекунад: «Тарсам, ки гоҳи аз дар даромадан шӯям куртаамро бардорад- ба гиря даромад зан.

Аммо гурбачаҳо дар ҳақиқат бо ошкор кардани маъшуқабозиҳои соҳиби худ назди кадбонуи хона аҳволи мардро табоҳ мекунанд: «Ҳароми ношушта!

Зан наздик омада, аз гӯшаш сахт дошт ва чун кӯдаки гунаҳгор кашида, як даст ба гӯш, дасти дигар рӯдаи об назди мошин бурд» [44, с.433].

Аммо дар ҳикояи **«Шер ва дигарон»** ровӣ аз қиссаи шикори Шери пурзур, ки дигар ҳайвонҳо аз қабили кафтору рӯбоҳ, каргасу зоғ, шағол худро ба сайди нимхӯрда зада, аз он шикам сер кунанд, гӯяд: «Ҳамин қадар гӯям, ки як шер занад, чанд рӯбоҳ хӯрад» [43, с.434].

Манзараи ғажговро бо зӯру тавонмандӣ ва ҳиллаву найранг ба дом оварда, сайд кардани шер ба ҳадде табиӣ ва воқеънигорона тасвир ёфтааст, ки хонанда мафтуни талошҳои дуру дарози шоҳи ҳайвонот дар роҳи ҳаёту мамот гардида, ба ҷои дилаш ба ғажгове, ки билохира ғофил аз макри шоҳи ҷонварон туъмаи навбатии шер мешавад, сӯхтан, ҳатто беихтиёр бо ин ҷонвари қавипанҷа-бо шер ҳамдарду ҳамнаво мегардад: «хато рафт шохаш: Шер нагурехт. Балки баробари зарба задани адӯ парчи Замин гашт ва шохи он аз миёни ёл ва аз тори арраи пушти Шер гузашта ба дарахт бархӯрд ва чун мехи оҳан фурӯ рафт. Ҳамон зайл сараш хам ва фӯкаш замингир бозмонд» [43, с.438].

Хонандаро аз саҳнаи тамсилии ҳарисона ба сайди нимхӯрдаи шер дарафтодани каргасҳо, кафторҳо, рӯбоҳ, зоғ нафраташ бедор мешавад. Симоҳои шер, каргас ва ғажгову заргӯшаки лоубол рамзианд, ки дар зиндагии рӯзмарра вомехӯрему рафтору аъмоли онҳоро мушоҳида мекунем. Ғажгов бо он танумандие, ки дорад, туъмаи шер мегардад, зеро аз ҳиллаву найранги шер ғофил аст. Ғажговон ба қисмати ҳар ҳамҷинси худ, ки сайди дигар даранда мешавад, бепарвоянд. Заргӯш чеҳраи инсонҳои заиф аст, ки ҳеч тавони ҳимояту ҳифозати хеш надоранд. Вале каргасҳо, ки сайди шерро батамом мехӯранд, дар худ симои инсонҳои ҳарису бешараф ва беҳувиятеро таҷассум мекунанд, ки бо қудрату қуввати хеш рӯзӣ наёбанд, пасмондаи туъмаи дигаронро соҳиб шуда, бо зиндагон тавон ва ҷасорати набард надоранд, умре мурдахорӣ кунанд.

Муаллиф дар ҳикояи **«Шер»** набарди инсон бо ҳайвон ва пирӯзии инсонро дар ин набард инъикос кардааст. Манзилу маъвои шер-найзоре, ки солҳо бо ҷуфти худ сайд мекарду рӯзӣ меёфт, торафт хурдтар шудааст. Модашер низ мисли дигар ҷонварони найистон несту нобуд гардид, зеро инсон ин мавзеъро ба макони хеш, ба дашти сабзу хуррам табдил медиҳад. Ҷое, ки пеш садои наъраи шер аксандоз мешуд, имрӯз садои трактор меояд, ки замин шудгор намояд: «Буриданд ҳама найҳоро, решакан карданд. Ва ҳар баҳору тирамоҳ он ҷонвари оҳанпой наъра кашаду дарронад синаи заминро, наърааш аз наъраи шер баланд, зӯраш аз зӯри ӯ зиёд» [43, с.307].

Сорбон дар ҳикояи **«Майна»** ҷанги Нури боғбон ва майнаҳои чашмгурусна, хислатҳои аҷибу ғариби ин парандаи ҳарис бо гурба, бо мор ва мусичаро бозгӯ мекунад. Нақли фасеҳу равони ноқил, забони сода, банду басти пай дар пайи ҳикоя ҳодисаву воқеаҳои ҷолибу аҷиб ва басо мароқангезро ба вуҷуд овардааст, ки муаллиф худ бевосита бо нигоҳи борикбин онҳоро ба мушоҳида гирифтааст. Табиат ва ҳайвоноти он нодиркориҳо ва аҷобати зиёде доранд, ки ҳанӯз на ҳама ба мо ошност: «Боғбон дид, ки думдароз сар аз замин бардошту бозмонд; хазидан хоҳаду самти рафтан наёбад. Пештар омад. Сардори майнаҳо садои талх баровард: «Қиғғғ!» ва ҳамагон ба боғбон ҳуҷум оварданд» [43, с.319].

Аз навиштаҳои Сорбон бармеояд, ки ӯ мушоҳидакори хеле хуби табиат ва олами ҳайвонот буда, бо дили пурэҳтирос аз онҳо ҳарф мегӯяд, моро ба ҳимояи олами ҳайвоноту наботот даъват мекунад. Майнаҳо сарҷамъ шуда морро мекушанд, ба боғбон ҳуҷум мекунанд, шарики хешро низ, ки ба дасти боғбон афтода буд, нӯл зада-нӯл зада мекушанд.

**«Шерпаланг»** низ қиссаи тамсилист ва нависанда мақсад ва ниятҳои худро тавассути Шерпаланг, Шердухт, Шерхон, кафторҳо баён мекунад. Нақли хушоҳанги ровӣ, сужаи дилпазир, банду басти муназзам, забони баёни содаву равон дар манзар намои олами вуҳушро ба ҷилва гузошта, асарро хеле ҷолиб гардонидаанд. Шерпаланг шоҳест, ки танҳои бемодар, модар дар ҳимояи ӯ дар набарди Шершоҳ мурда, ҷасадаш туъмаи кафторони лошахӯр мегардад, дар миёни дарандагони хунхор ранҷу озори зиёди ятимӣ

пушти сар намуда, бузург мегардад: «Чунонки шикам ба замин андохта наззора мекард, замин сойида пас рафт. Пас-пас рафт. Дарандаҳо аз назараш пинҳон гаштанд. Сар бардошта нигарист. Надидашон. Ба по шуд. Дилшикаста, ранҷур ва гурусна буд; бекас ва танҳо буд» [47, с.106].

Нависанда дар симои Шерпаланг бераҳмиву бешафқатӣ, ба хотири манфиати хеш манфиати дигареро пушти по задани дунёдоронро нишон додааст. Муаллиф бо асари тамсилии **«Шерпаланг»** ҷаҳони пурситезу бераҳми имрӯзро, ки инсонҳо барои қатли инсонҳои дигар нақшаву барномаҳо тарҳрезӣ мекунанд, силоҳҳо месозанд, тасвир кардааст. Шерпаланг низ дар муҳити бераҳмиву бешафқатӣ ба воя расида, ба хотири тахти шоҳӣ, ҳатто ба хоҳари хеш раҳм намекунад. Ҳодисаву воқеаҳо ва умуман, ҳодисаи мавриди тасвир аз оғоз то анҷом хеле муҷазу табиӣ инъикос ёфтааст. Сарнавишти қаҳрамони марказӣ хонандаро ба ҷангали дарандаҳо мебарад ва баробари ӯ дарди бечорагиашро эҳсос мекунад. Шерпаланг низ шоҳи одӣ не, балки шоҳест, ки дар сар нияти навиштани китоби «Муқаддас»-ро дорад, ки аз як мода иборат аст:

«Набояд кас каси дигарро бихӯрад» [43, с.127].

Ба андеша равад, ки «Чаро якдигарро бихӯранд ин ҳайвонҳо; бикушанд, пора кунанд, зинда бибалъанд, зӯр бихӯрад нозӯрро; калон бихӯрад» [43, с.126].

Нависанда тасвири наъразании Шерхон ва бо ин дигар ҳайвонҳоро тарсондан, ширмакии шербача ва меҳрубониҳои модари ӯ, ҳуҷуми кафторҳои наҳс, шермодари бегонаро макидани Шерпаланг ва аз шермодари бегона ҷазо дидани ӯ хеле табиӣ ва воқеӣ нигоштааст: «Гоҳе ки шер наъра мезанад, буруташ пасу пеш меравад баробари лабонаш; даҳонаш ғор мегардад ва аз синайи пурҳавояш гӯйӣ осмон ғуррад. Гоҳи зарурат садойи карраной бувад овозаш» [43, с.110].

Аммо бояд зикр кард, ки анҷоми асар хонандаро ҳайрон менамояд, ки чаро Шерпаланги «хоҷасаройӣ» ба наснос мубаддал гардид? Агар асар бо ҷумлаи «Наход рӯзи оча ба сарамояд?» [43, с.110] тамом мешуд, мантиқан дуруст ва ҳадафнок мебуд, зеро муҳити дарандагони хунхор чунин аст, ки

рӯзе якдигарро медаранд ва хомохом мехӯранд. Аммо равшан нест, ки бо кадом мақсад муаллиф Шерпалангро ба озмоишгоҳ мебарад ва баъди таҳқиқҳо бори дигар исбот мешавад, ки ӯ «хоҷасароӣ» будааст. Дар бозгашт ба олами вуҳуш хонанда Шоҳшерпалангро наснос мебинад.

Қаҳрамонҳои романи **«Росу»** низ Росу - мири мушон, вазири ӯ - Ҷосу, мушони дигар-роҷу, Олӯс, Мушгир буда, воқеаҳои асар, ҳаёти мушонро қисса менамоянд, ки пешнамунаи он одамонанд. Бешак, дар асар саҳнаҳои рӯзгори нобасомони кишвар ва мардуми ҷангдидаи дар рӯ ба рӯйи силоҳдорон бечора тасвир шудаанд, ки арзиши ғоявии онро баланд мебардоранд. Қаҳрамони асосии асар мири мушон-Росу шоҳи золиму ситамкор буда, мушони саркашро зинда ба зинда фурӯ мебарад ва дар охир ҷазои сазовор мегирад. Сарнавишт ва рӯзгори Гулоб, Хидир, Саврӣ, шавҳари ӯ-Ботурбой, Фолбин пораи воқеии рӯзгори нобасомон ва мардуми ҷангдидаи кишварро инъикос намудаанд. Аз беҳокимиятӣ ва нобасомонии вазъи сиёсиву иҷтимоӣ истифода бурда, нокасоне, ба мисли Ботурбой ва Фолбин бо роҳи фиребу найранг даст ба ҷайби бе ин ҳам холии мардум мезананд. Асарро аз ҷиҳати мазмун метавон ба ду қисмат ҷудо намуд; қисмати аввал аз ҳаёти мушон-қаламрави Шоҳросу ва қисмати дувум аз ҳаёти одамон накл мекунанд.

Дар романи «**Росу**» нақли ровӣ гоҳ оҳанги кинояву мутоиба, гоҳ оҳанги ғам мегирад ва гоҳи дигар садои пурандешонаву ҳакимонаи муаллиф хеле муассир ба гӯш мерасад. Масалан, дар саҳнаи тафтиши парвандаи мудири анбори хоҷагии «Оҳангар» Хӯро, ки барои се тоннаву чорсад кило мехи 150 мм, панҷуним тонна гандуми гумшуда, ки дар санад ба номи мушон ва саъва навишта шудаанд, нигоҳи пуристеҳзову оҳанги пуртамасхур ва киноядори забони баёни муаллиф муносибати ӯро ба ин тоифа одамон, ки дар солҳои душвор мардуми нимгуруснаро боз дубора ғорат карда, аз як бурда нон ҳам маҳрум месохтанд, муайян менамояд. Сорбон ин нуктаро бо танзу киноя аз забони Росу - мири мушон хеле хуб баён кардааст: «… Мо иморатҳои худро бе чӯбу мех ва ҳатто бе гаҷу семент месозем; оҳан ҳам

лозим нест. Вале инҳо туҳмат мезананд ба сари мо, ки мех duzdidaem. Бадном мекунанд» [42, с.295].

Мусаллам аст, ки буҳрони сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ ба ҳаёти мардумон бетаъсир нахоҳад монд. Дар чунин айёми буҳронӣ дуздиву ғоратгарӣ, молимардумхӯрӣ, ришваву порахӯрӣ хеле авҷ гирифт ва мушу саъбаро низ дар баробари дуздону ғоратгарон гузоштанд.

Рафторҳои Ботурбойи шавҳари Саврӣ низ дар натиҷаи вазъи гарони иқтисодиву иҷтимоии ҷомеае, ки сараввал аз шикасти низоми ҷомеаи пешин ва баъд аз оқибати ҷанги шаҳрвандӣ ба бунбаст дучор шудааст, рух медиҳанд. Ҳамин вазъи печида аст, ки Ботурбойро бо Фолбин-табиб барин шахси маккору фиребгар ҳамдаст мегардонад. Аз сарсониву саргардониҳои мардум ва беҳокимиятӣ истифода бурда, тоифаи Фолбин-табиб барин ашхос бо роҳи фиребу найранг даст ба ҷайби халқ мебаранд. Ботурбойи доим ниммасту нимҳушёр низ бо дасисаи ин марди маккор якбора ба шахси «назаркарда» ва «Ҳазрат» табдил ёфта, шахси баобрӯ ва садри маъракаҳо мегардад. Дар манзараҳое, ки ҳаёти одамон дар асар тасвир ёфтааст, бештар фоҷиаву мусибат ба мушоҳида мерасад. Замони наҳси ҷаҳолатхез ба сари одамон фоҷиаҳои гуногун меорад: Ботурбой аз кран меафтад, Гулоб баъди аз ғарибкорӣ фиристодани мурдаи ягона писараш Тақтир аз беморӣ мефавтад, духтараки танфурӯши зиндагибезор низ бо орзуи марг таги чархи мошин дароз мекашад.

Зиёд шудани мушон низ на танҳо нишонаи ифлосиву ғаждиҳо ва бад будани вазъи экологии шаҳру деҳоти кишвар, балки нуқсон пазируфтани маънавиёт ва ахлоқи мардумон низ ҳаст. ки бар асари ин ҳама бесару сомониҳо рух додааст. Вале бояд ҳатман зикр кард, ки дар баъзе мавридҳо қаҳрамонҳо-мушҳо гӯё аз муш будани хеш «фаромӯш карда», худро ба одамон баробар дониста, инсон мешуморанд. Масалан, Шоҳросу дар бораи вазири марҳумаш Роҷу сухан ронда, ӯро ба инсон ҳамсон мешуморад: «Чунки ору номус дошт. Ин гуна инсонҳо оқибат ҳамин хел рафтор мекунанд» [42, с.256]. Инчунин, маълум нест, ки чаро Росу як муш-Роҷуро ба «бачаи як одами обрӯманд» дар як радиф гузошта, гила мекунад, ки агар

«баччаи як одами обрӯманд мешуд, худи ҳамон ҷӯгибаччаҳо, «ягон чиз медиҳад» гуфта, ба мурдаву зиндааш нигоҳ накарда, аз думаш худро ба об партофта, кашола карда мебароварданд» [42, с.256]. Яъне, агар Роҷуи вазири Росу бачаи як одами обрӯманд мебуд, дум мебаровард ва ҷӯгибачаҳои тамаъкор низ ӯро аз ҳамин думаш аз об бароварда наҷот медоданд. Ё ҷияни Шоҳи мушон ба Ҷосуи вазир муроҷиат карда мегӯяд: «Бифармоед! Ман донам, ки Росу-таға шуморо наздиктарин одами худ донанд» [42, с.369]. Яъне, Росу вазирашро муш не, балки одам мешуморидааст.

Ҳамин шикасти таносуби мушҳо ва одамон, хешро одам «хондан» ё дар мақоми одамон гузоштани мушон аз осори тамсилии классикон, мисли **«Муш ва гурба»**-и Убайди Зоконӣ, **«Муш ва гурба»**-и Шайх Баҳоӣ сарчашма мегирад. Дар асарҳои мазкур, хосса дар қиссаи **«Муш ва гурба»**-и Шайх Баҳоӣ муш на танҳо баробари гурба аз илму дониш, дину ойин, суннату панд ва қиссаву ривоятҳои зиёде огоҳ аст, балки аз равияи тасаввуф низ бархӯрдор буда, дар баҳсу мунозира бо гурба андешаву афкори пурмулоҳизаи худро роҷеъ ба масъалаҳои дин, шариат, тариқат иброз мекунад: «Муш гуфт: Эй, шаҳриёр...тасаввуф ва парҳезгорӣ аз ҳадоиси адён ва мазоҳиб аст...ҳар гоҳ...фол аз девони Ҳофиз мегирам ва аз мақоми Рок ва Панҷгоҳ мехонам ва берун меоям».[60, с.19]

Сорбон «мушон»-и асари худро аз дину ойин, илм бархӯрдор тасвир накардааст, мушони асари **«Росу»** мисли Муши **«Муш ва гурба»**-и Шайх Баҳоӣ шеъри Хоҷа Ҳофизро намедонанд, Шашмақом намехонанд, аммо аз худ «фаросати одамиёна» нишон дода, гоҳе худро, ҳатто дар радифи инсонҳо мегузоранд.

Бояд зикр кард, ки бо вуҷуди ин нуқсонҳои ҷузъӣ, ки дар боло зикр шуд, асари **«Росу»** бузургтарин асари тамсилии Сорбон маҳсуб шуда, он аз ҷиҳати тасвири ҳодисаҳо, ҳунари нигорандагӣ, банду баст дар осори адиб ҷои намоёнро ишғол мекунад.

Адабиётшиноси маъруф М. Хоҷаева доир ба рамз дар осори адиб овардааст, ки «Сорбон рамзҳоро дӯст медорад» [125, с.112].

Дар ҳикояи **«Сангфарсо»,** ки диди таҳқиқи бадеӣ ба таъсири ҷомеаи бухронӣ ба ҳаёти инсонҳое мисли Замон равона шудааст, дарунмояи ҳикояро сарнавишти сангини марди сангшикан, рӯзгори як фарди гирифтори зиндагии нобасомон дар бар гирифтааст, харсангро барои худ ҳамдаму ҳамроз шуморидани қаҳрамон рамзомез менамояд. Бори гарони рӯзгор ҳар замон бар сари Сангшикан низ путке мекӯбад. Монологи пур аз дарду нолаи Замони сангшикан бо харсанг, ки асоси сохтори ҳикояро дар бар мегирад, дар худ на танҳо сарнавишти талху печидаи як инсон, балки ҷомеаи нав аз даргириҳо раҳошудаву захми ҷангхӯрдаи бухрониро таҷассум менамояд: «Дар ин умри кӯтоҳ он қадар азоб кашидаам, ки Худо донаду ман. Умрам ба сангшиканиву сангкашонӣ гузашт. Дастонам пур аз обила, ки пӯст баста-пӯст баста устухон шудааст. Банди пойҳоям пур аз пайи сангпораҳо… Шояд аз ман ранҷида бошӣ, ки як умр ба сарат путк мезанам? Саратро кафонда, пора-пораат мекунам? Бубахш. Илоҷи дигар надорам»[44, с.75].

Ба зани Замон чашм ало кардани тракторчии ҳамсоя низ рамзи зуҳуроти номатлубест, ки ишора ба вазъи ноҷӯри иҷтимоӣ, костагии маънавият, ахлоқ дар ҷомеа мекунад. Сарманшаи ҳама бадбахтиҳои Замон низ ҳоли хароби ҷомеа аст, ки баъди шикасти низому сохтори пешин якбора ба ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор гардида, бухрони шадиди баъдиҷангии иқтисодиро пушти сар мекунад.

Ҳама рӯйдоду ҳодисаҳо тавассути монологи марди сангшикан бо санги азим ифода мeёбад, аммо андешаву афкори гоҳ пуризтироб, гоҳ ҳакимонаву файласуфона ва гоҳи дигар пурхашми муаллиф низ бо садои қаҳрамон ҳамҷур ба гӯш мерасад. Дар порчаи зер садои дили пурэҳтироси нависандае ба гӯш мерасад, ки дилаш барои мардуме, ки дар ҳама ҳолат, дар ҳама давру замон, ҳатто гоҳе ки саъю талош бояд кунад, ҳамеша кӯҳи сабру қаноат болои сар гирифта, сарнавишт ба дасти дигарон додааст, месӯзад: «Дар офаридаву додаҳоят мурам, Худованд! Оламро дидиву як бор ҳоли маро надидӣ…Айби худам ҳам будагист: Зеро ба фармудаву навиштаву додаат қаноат мекунам. Яки туро ду намегӯям; пешаам сабру қаноат» [44, с.75].

Аз муколамаи пурдарду ҳасрати Сангшикан на танҳо ҳусни таваҷҷуҳи муаллиф ба қаҳрамон эҳсос мешавад, балки баъзан овози муаллиф давоми садои қаҳрамон аст ва ё баръакси он ба мушоҳида мерасад, яъне, яке дигареро пурра мегардонад: «Сонӣ, Худо моро додааш ҳамин санги сахт. Агар чӯб медод; заминҳои ҳамворро ба мо ато карда, сарву санавбар мекошт, он қадар азоб намекашидем. Инак аламамонро дар таги санги сахт мешиканем» [44, с.74].

Нависанда тавассути санг, харсанги азим, ки Сангшикан бо азоби алим бо путк мезанаду мешиканад, на танҳо зиндагии сангини он айёмро нишон додааст, балки рамзомез ба сарнавишти халқ, ки аз зулми аҷнабиён рӯ ба кӯҳистони пурсанг овард, ишора кардааст.

Дар романи **«Барзгар»** селаи зоғоне, ки дони пошидаи Барзгарро чида мехӯранд, нишони вазъи бади иҷтимоӣ ва маишии хонаводаи қаҳрамон ва дар маҷмуъ, ҷомеаи ба бунбаст гирифторро медиҳанд. Тасвири ноҷӯри табиат, зоғони ҳарисе, ки дони пошидаи Барзгарро мехӯранд, сабзаву майсаҳои зардшуда, дар зери юғу сипор бо ҳам наомадани гову хар, ки бояд омочро мекашиданд, аз вазъи бади рӯзгори қаҳрамон дарак медиҳанд. Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ доир ба ин манзара чунин изҳори назар мекунад: «Дар фазои ҳукумати табиат, барфу борон, раъду барқ садоҳое ба гӯш мерасанд, ки бо азалияти зиндагӣ ва ҳолу ҳавои нобасомони Барзгар пайванд мехӯранд» [138, с.127].

Рамз дар нигориши муаллиф аз ривоятҳову фарзияҳои мардумӣ манша мегирад. Хиёнати саги чӯпонӣ Ало аз романи **«Зуза»,** ки Шубонро ҳамеша нороҳат мекунад, рамзист. Он маънои хиёнати дӯстон ва наздиконро дорад, ки ба хотири манфиат ва ҳавои нафс рух медиҳад. Миёни мардум боваре ҳаст, ки нӯлаи саг хосияти нек надорад. Дар романи **«Зуза»** нӯлаи сагу гург рамзи нохушиҳое, ба мисли хиёнати саг-Ало, ба туҳмату буҳтонҳо гирифтор шудани Шубон, ғайриинтизор ғайб задани бозпурс-хонум Дилоро, ки бо зуҳураш қаҳрамонро умеди нав мебахшид, мебошад. Хиёнати саги чӯпонӣ маънои хиёнати дӯстон ва наздиконро дорад, ки ба хотири манфиат ва ҳавои нафс рух медиҳад.

Дар ҳикояи **«Борони бало»** борони сахт, раъду барқ рамзи ҳолати руҳиву ботинии қаҳрамони меҳварӣ-Орифаи фиребхӯрдаро мунъакис сохтааст: «…вале сахт садо карда дару тирезаҳоро ларзонда ва ба замин бархӯрда, фурӯ рафтани як балои осмониро эҳсос кард ва чун аз лаби сатил рехтани боронро низ пай бурд, ки баданаш ларзид; аз тарс, аз тарси садои ногаҳонии раъд: «Кошкӣ...аз фарқи бом зада, маро хокистар карда мегузашт, ки халос мешудам…» [43, с.290].

Дар қиссаи **«Спитамон»** лошахӯрони гирди маслухи Томир, уқоби дастомӯзи ӯ дар хеш маъниҳои мармуз доранд. Лошахӯрон баёнгари айёми хунрезу хунбор ва мурдахори тохтутози Искандари Мақдунӣ буда, маслухи Томирро насиби мурдахорон гардонидан ҷазои касест, ки ба хотири раҳоии тану ҷон Меҳану мардуми хешро мефурӯшад. Рамзист, ки Шубон, ҳатто искелетҳои боқимондаи ҷасади Томирро лоиқи ин хок намешуморад. Уқоби қавибол рамзи тавоноист, аммо ин мурғаки дастомӯзи Томир, ки мисли соҳибаш ҳайсият ва наҷобати зотии хешро аз даст додааст, насиби каргасони наҳси лошахор мегардад: «Каргаси нишаста бар қафаса (исклети Томир) гардани дарози ба назар тулаккардаро ёзида нӯл ба уқоби сарнагун заданист, аммо уқоб бол зада ӯро тарсонданист, чунонки дар озодиаш чунин таҳдиду таҳлука дошт...Аммо гурӯҳи гуруснаи каргасҳо ё қасду кина доштаҳо, то мард ба ёрӣ нарасад, сахт-сахт нӯл зада, гӯшту пару пӯст меканданд, зеро ин мурғи порахӯри дастомӯзи сари дасти сарвар сайдкардаи хеш ба соҳиб мебахшиду гӯшт аз дасти ӯ мехӯрд ва ҳар бори пайдо шудани соҳиб чашм ба дасти ӯ медӯхт. Инак лошахӯрон гӯшти ӯ кананд, фарёд занад, кас ба фарёдаш нарасад» [47, с.95].

Истифодаи тамсилу рамз ба осори адиб ҳусни дигар афзуда сабки баён, забони асари ӯро ғановати дигар бахшида. обуранги бадеӣ додааст.

### 3.3.Сабки баёни осори Сорбон

Забон ва сабки баёни осори Сорбон равону сода буда, нависанда аз гӯишҳои мардумӣ фаровон истифода кардааст. Бо воситаҳои фолклорӣ, ба мисли истифодаи зарбулмасалу мақол ғанӣ гардонидани имкониятҳои бадеии наср омили муҳимми таъсирнокии сухани муаллиф гардидааст.

Дар ин маврид нависандаи машҳури шуравӣ М. Горкий дар бораи забон гуфта буд: «Калима ҳар қадар сода бошад, ҳамон қадар возеҳу муайян аст, ҳар қадар дуруст истифода гардад, ҳамон қадар ба ибора қувва ва хусусияти боварибахш ато мекунад» [78, с.117].

Бояд зикр кард, ки як муваффақияти адиб низ ҳамин забони баёни осонфаҳми асари ӯст, ки мо инро дар мисоли адабиёти куҳанбунёди хеш мушоҳида кардаем. Он адибе, ки бо забони сода ва оммафаҳм мақсади худро баён намудааст, осораш бештар писанд ва мақбули хонанда гардидааст. Бояд зикр кард, ки муваффақияти адиб забони осонбаёни асари ӯст, ки бештар мақбул гардад. М.Шукурӣ ва Р.Ғаффоров доир ба забони баёни осори Сорбон пажуҳиш намуда, калимаҳои нодир, камистеъмол ва аз муродифоти умумиихалқии онҳо дар мазмун ва тобишҳои маъноӣ беҳтар ва аз ҳад зиёд истеъмоли калимаву ибораҳои лаҳҷавиро дар осори адиб таъкид кардаанд.

Муҳаққиқ Ғаффоров Р. дар бораи забони баёни адиб овардааст: «…нишонаи барҷастаи забони адиб корбурди калимаҳои нодир аст, ки қисме аз онҳо аз истеъмол дур афтодаанд ва гурӯҳи дигар дар забони лаҳҷаву шеваҳо истифода мешаванд ва дучор меоянд» [78, с.118].

Сорбон воқеан, дар истифодаи калимаҳои нодир ва камистеъмол, вале муҷазу зебо ҳунари баланд дорад. Масалан, вожаи «ҳанг» калимаи камистеъмол буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳанг «вазн, сангинӣ», *«вазнинӣ, виқор, тамкин», «доноӣ, дониш, ҳушёрӣ, маърифат», «қудрат, зӯр», «зарб, садама, осеб, озор» ва инчунин ҳанг - 2 ба маънои «қасд, ирода, оҳанг»; ҳанг-3 «сипоҳ, лашкар, қушун»; ҳанг-4 «сӯрохи ғормонанди кӯҳ,*

*шикофи кӯҳ»; ҳанг-5 «як қулт об, як ҷуръа об»* маънидод шудааст. Миёни мардум низ ин вожа ба маънои мадору тавон ва неру дар истеъмол аст.

Дар ҳикояи **«Марди танҳо»** нависанда калимаи *ҳангро* ба маънои *мадор, қувва* истифода кардааст: «Лаби рӯд фаромад, ки илоҷе карда, аз об гузарад, вагарна *ҳанги* роҳи дуру дарозро надорад»[32, с.130].

Дар ҳикояи **«Майна»** нависанда ба ҷойи калимаи «мор» бо вожаи *думдароз* ҳадафи худро возеҳу равшан баён кардааст, аммо дар баробари он муаллиф аз истифодаи муродифи аслӣ, яъне мафҳуми *мор* низ набояд худдорӣ мекард: «Боғбон дид, ки *думдароз* сар аз замин бардошту бозмонд; хазидан хоҳаду самти рафтан наёбад. Пештар омад. Сардори майнаҳо садои талх баровард: «Қиғғғ!» ва ҳамагон ба боғбон ҳуҷум оварданд» [43, с.319].

Дар ҳикояи **«Суфрадузд»** нависанда ба ҷойи мафҳумҳои хомӯш мондан, ҳарфе назадан ибораи *ҷиқ нагуфтанро* истифода бурдааст, ки ибораи мазкур, ҳатто хурдтарин ишорае ҳам дар мавриди матлаби дархостшуда, ки он шахсияти суфрадузд аст, накардан мебошад: «-…Аз кори ман сагҳо бадном буданд ва кушта шуданд. Қариб дар деҳа саг намонд. Вале ман *ҷиқ нагуфтам.* Агар гӯям, пештар аз сагҳо мемурдам» [44, с.107].

Даврони нав ба нависанда имкони фаровони симоофарии орӣ аз фишори сиёсат, тасвирҳои нисбатан озод, истифодаи зиёди зарбулмасалу гӯишҳои мардумӣ ва бо ин васила, ба забони адабии тоҷикӣ ворид намудани гӯишҳои зебову шевоеро аз шеваи гуфтори водии Зарафшон фароҳам овард.

Таваҷҷуҳи хонандаро содабаёнӣ, ки муаллиф бо вожаҳои нодир, камистеъмол ва ихчам таъмин намудааст, ба худ ҷалб месозад. Масалан, дар қиссаи **«Спитамон»** адиб саргардонии шубонро бо ёфтани писарчаи Спитамон ва ҷасади модари кӯдак-ҳамсари Спитамон-Зарр дар назди ғоре, ки задухӯрд шуда буд, бо як вожаи зебои *мангирифт* ифода мекунад: «Агар дар рези зери ғор *мангирифт* намешудам…» [47, с.12].

Мафҳуми «мангирифт» аз ду вожа ҷонишини шахсии *ман* ва асоси замони гузаштаи феъл *гирифт* сохта шуда, маънои «зӯран кашида гирифтан»-ро медиҳад, аммо муаллиф онро дар ҷумлаи боло ба маънои «гирифтор шудан» овардааст.

Муаллиф дар мисоли боло ибораи *бедаму дудро* ба маънии «хомӯшу лол» гардидани модари бача овардааст, ки аз калимаҳои ҳаммаъно хушоҳангтар ба гӯш меояд: «…гӯё модари чанд рӯз боз *бедаму дудро,* ки ҳамроҳаш на мегуфту на бозӣ дошт, фаромӯш карда…» [47, с.9].

Саҳнаи мурдаи писари наврасашро ёфтани Шубон, ки нависанда бо ибораи *манзараи чашмнабин б*аён кардааст, аз вижагии сабки Сорбон аст, ки ҳамеша вожаҳои мувофиқу камистеъмолро меорад: «Баъд як *манзараи чашмнабинро* дид» [47, с.10].

Мусаллам аст, ки забон як омили услубсоз буда, ҳар як адиб тарзи хоси баён ва услуби хоси хешро пайдо мекунад. Масалан, ҷумлаи зерро аз қиссаи **«Спитамон»** аз назар мегузаронем: «Мурда чашмони боз дошт ва ба осмон менигарист» [47, с.7]. Агар ба он каме тағйирот ворид кунем, оҳангу тобиш ва мазмуни дигар пайдо мекунад: «Мурда бо чашмони боз ба осмон менигарист». Нависанда барои баёни мақсади худ ва тарҷеҳи дуруст ин тарзи ифодаро беҳтар шуморидааст: *«Мурда чашмони боз дошт ва ба осмон менигарист*» [47, с.7].

«*Чашмони боз*» мисли ибораи «*дасти берун аз гӯр*» ҳолати нигаронӣ ва ормони ношикаста ва ё амали анҷомнадодаи шахси фавтидаро ифода мекунад. Чашм пӯшидан маънии аз ҷаҳон сер шудан ва бо он падруд гуфтанро низ медиҳад. Табиист, зане, ки тифли хурд дораду аз дасти аҷнабиёни тороҷгар кушта мешавад, баъди марг низ чашмонаш боз аст. Нависанда бо ҳамин ҳадаф чашмони боз доштани мурдаи зани ҷавонро таъкид намуда, бо ин аз дасти тороҷгарон ормонношикаста ва пурорзу аз ҷаҳон рафтани ӯро нишон медиҳад.

Аммо нависанда ҷавони заннодидаро *ҷавони пок* номидааст, ки мақсаду нияти ӯро чандон равшан нишон намедиҳад. Беҳтар мебуд, ки муаллиф ибораи *ҷавони муҷаррад* ва *ҷавони заннодидаро* истифода мекард: «Шукр бояд кард, ки Худованд худ ин корро раво дид: инак ба тамошои марги писари пеши падар мурда барояд: Яке гоҳе, ки писар пеши падар мурад: гоҳи дигар *ҷавони пок* ва духтари бокира бо ҳам издивоҷ бикунанд». Боз нигарист ба тифл.

- Якеро дидам. (Манзур марги писари Шубон-Озаррахш аст- М.Ҳ.) Дигаре шояд издивоҷи ту бошад» [47, с.14].

Дар ҷумлаи зер низ аз ҷиҳати мантиқ ва услуб ноқисӣ мушоҳида мешавад. Мафҳуми зарба ба маънои заниш истифода шудааст. Аммо зарба расидану зарба чандон сахт нарасидан мантиқан саҳеҳ нест. Маълум, ки зарба бо шаст заданро гӯянд, ки он сахт ва дардовар мешавад. Аммо нависанда ҳадафи худро саҳеҳ ифода накардааст: «Уқоб хам хӯрду сахт ба думғозаи Шубон бархӯрд. *Зарбае расид,* ки каманди шасташ кашида буд ва чандон *зарба сахт нарасид*» [47, с.93].

Дар асари **«Забиба»** бо истифода аз калимаву ибораҳои миёни мардум серистеъмол ва вожаҳое, ки хеле кам корбурд мешаванд, бо ҳаммаъноиву ҳамоҳангӣ бо забони адабии имрӯз сабки вижаеро ба вуҷуд овардааст. Нависанда дар ҷумлаи зер мафҳуми камистеъмоли *обтаниро* ба ҷойи калимаи «шиноварӣ» оварда, як бофтаи гӯштпораи хурдро *як шилҳа гӯшт* номидааст: «Духтар худро ба об андохт, ки дар ин ҳавз *обтанӣ* омӯхта буд» [47, с.296]. Вожаи *обтанӣ* воқеан муродифи мафҳуми *шиноварӣ* буда, хеле шинаму шево ба гӯш мерасад, аммо ба сабки асар ин мафҳум мувофиқ нест. Вале ибораи «як шилҳа гӯшт» воқеан муносибу бамаврид омадааст, зеро мақсад ва ҳадафи нависанда бо ибораи *як пораи хурди гӯшт* ё *гӯштпораи хурд* ифода намегардад: «Ба биниаш як *шилҳа гӯшти* пешдоман часпид. Гирифту ба оби ҳавз андохт» [47, с.295].

Сорбон дар фурсати муносиб ба ҷойи як вожа калимаи нав ё ибораи ифодакунандаи онро меоварад, ки аз муродифи он муносибтар ва беҳтар ба назар меравад. Ӯ дар қиссаи **«Санам»** нозири назди дари хобгоҳи донишҷӯйёнро *шабзиндадори дами дар* ва ҷойи дигар *шабдор* номидааст, ки хеле бамаврид ва ихчамтар аз калимаи маъмулии ифодакунандаи он *посбон ё нигаҳбон* аст: «…ба назди шарикдарсон надаромада, ҳамроҳи *шабзиндадори дами дар* шаб ба сар бурдам» [44.20]. «*Шабдор* беқарор гашт ва чашми маро дуздонда, он сӯ нигарист» [44.21]. Дар ҳикояи **«Кӯшиш»** муаллиф ба қазои ҳоҷат рафтани қаҳрамон-амаки Юсуфро аз забони ровӣ-писараки наврас содаву нозукона ва рамзомез бо ҷумлаи *ҷое, ки шоҳон*

*пиёда меравашд,* баён кардааст: «Амаки Юсуф ба ҷое, ки *шоҳон пиёда меравашд,* рафта омад» [32.200]. Аммо дар қиссаи **«Санам»** ин маънӣ аз гуфтугӯ ва баёни мардум бо вожаи обхона ифода ёфтааст: «Дарвоза шиққӣ кунад, худро аз тиреза пушт партофта, дар *обхонаи* ҳамсоя торат шиканам» [44.39].

Аслан мафҳуми «торат шикастан» шакли вайроншудаи «таҳорат шикастан» буда, беҳтар мебуд, нависанда шакли пурра ва дурусти онро кор мефармуд.

Муаллиф мафҳумҳову вожаҳои зебову муҷаз ба мисли обрӯда-қубури резинии об (шланг), бӯтал-зарфи обгир, ҷорӯби кашшак, косакуҷомонам, хоклес, аспист-чарогоҳи аспон гӯйишҳои мардумӣ ва зарбулмасалу мақолҳоеро, ки дар миёни халқ фаровон дар истифодаанд, овардааст.

Ба такрор омадани амали ҷумла, ки дар он мақсад ва ҳадафе таъкид мегардад, вижагии сабки баёни муаллиф аст: Садои саг омад, аз дур омад [40.309]. Агар ин ҷумларо бо тарзи дигар, кӯтоҳтар баён кунем, ба ин шакл бояд шавад: Аз дур садои саг омад.

Аммо нависанда, ки мехоҳад фосилаи найзор-макони шер ва садои саг, яъне деҳа ё бошишгоҳи одамонро, ки садои саг аз он ҷо ояд, таъкид созад, ин тарзи баёнро ба мақсад мувофиқ шуморидааст: Садои саг омад, аз дур омад. Яъне, тағйири шакл бешак, ба дигаргуншавии мазмун ва оҳангу зарби ҷумла сабаб мешавад, ки ба таҷассуми манзараи мушаххас имкон медиҳад. Бояд зикр кард, ки як вижагии услуби Сорбон барои ифодаи андеша ва тасвирҳои хеле муносиб гоҳ мафҳумҳои муҷазу зебо, ки худи муаллиф меофарад, гоҳи дигар аз гӯйишҳои мардумӣ вожаҳои дар забони имрӯзи тоҷикӣ нодир ва хеле пазируфтанӣ гардидааст: «Ниёз *ба дами табари дороён пахта ниҳод»* [34, с.217].

Яъне, қаҳрамони марказӣ Ниёз-кончӣ ба хотири манфиати мардуми авом ва нодор барои бойҳо ва сарватмандони Киштӯд монеа эҷод кард. Дар забони тоҷикӣ мафҳумҳои *ширполо, обполо* мавҷуданд, вале Сорбон ба такя ба решаи ин калимаҳо вожаи *фикрполоро* сохтааст: «Ниёз гуфтаҳои боборо аз *фикрполо* мегузаронд» [34, с.190].

Ҷойи дигар вожаи *фичонд*ро истифода бурдааст, ки ба гӯишҳои мардуми болооби Зарафшон хос буда, маънои расонданро дорад: «…вақти аз чодир баромадани Ниёз Сабзина ба гӯши Ниёз гуфтаҳои боборо *фичонд*» [34, с.213].

Дар забони адабӣ ибораҳои фиребу найранг, фанду фиреб, макру ҳилла мавҷуд аст, аммо нависанда ибораи фиребу тақалро овардааст, ки бо ибораҳои муродифии худ ҳамсангӣ мекунад: «Балвои кони Заврон, ки...Боуэр бо сад *фиребу тақал...*боз мардумро қисман ба кор ҷалб карда буд, боз ангезад» [34, с.98].

Аммо бо вуҷуди тасвирҳои баланди бадеӣ, ибораву мақолҳои ихчами халқӣ забони асар аз камбудӣ орӣ нест. Тавре ки дар боло зикр шуд, адиб ба равонии забони хеш на дар ҳама маврид муваффақ шудааст. Ҷумлаи зер низ хонандаро ба гумроҳӣ мебарад: «Ҳоло ӯ аз ҷанги имрӯзаи кӯдакон ва рӯканиву мӯкании *палонҷҳо* хабар надорад, вагарна ин сарборӣ бар ғамҳои дигар мебуд» [34, с.68].

Ин ҷо сухан дар бораи ҷанҷоли ду, балки се бародарзан меравад. Палонҷ чанд зани як мардро мегӯянд, вале ин занҳо бо ҳам палонҷ набуда, ҳамсарони се бародаранд ва авсун номида мешаванд.

Дар ҷумлаи зер муаллиф вожаи туркии *қаиш*ро, ки шакли тоҷикии он мафҳуми *чандир* буда, серистеъмол ва зеботару бамавридтар аст, истифода кардааст: «Марди калтаи сиёҳриши чоруқи қаиши сурх дар пой се хари болоркашро пеш андохта, аз Дашти Қозӣ ҷониби Зарафшон мерафт» [34, с.233].

Дар романи **«Туғрал»** Сорбон аз забони босмачиёни дастаи Султонбеки Палоракӣ меорад: «Онҳо низ бо баҳонаи пеши роҳи лашкари сурхҳоро гирифтан ва *сарзамини суғдиёнро ҳимоя кардан* сӯйи Фарғару Панҷакат сарзер шуданд» [35, с.405].

Босмачиён, хосса дастаи Султонбеки Палоракӣ барои «ҳимояи сарзамини суғдиён» [35, с.405] не, балки барои «ҳимояи диёр аз кофирон, аз болчабекон (болшевикон)» [35.405] меҷангиданд. Бовар кардан душвор аст, ки дар он давр босмачӣ, ҳатто агар тоҷик мебуд ҳам, аз таърихи дури диёр,

аз давлатҳои Суғду Бохтар бохабар бошад. Агар босмачиёни дастаи Султонбек, аз худи роҳбар сар карда, савод ва иттилооти васеъ медоштанд, моҳияти Ҳукумати Шуравиро ба зудӣ дарк намуда, бар зидди Артиши Сурх намеҷангиданд.

Муаллиф дар тасвири симои зоҳирии Туғрал овардааст: «…Зери манаҳ пушти нохун барин песа пайдо шуда, ки риш ҳам пинҳон карда натавонад. Гоҳ, бо ягон каси муътабар рӯ ба рӯ шавад, андаке хиҷолат кашад аз он холи сапед, ки мардуми камдон онро пес маънидод кунанд ва ҳазар» [35, с.281].

Нависанда дар ҷумлаи аввал меорад, ки шоир песа дошт, «…ки риш ҳам пинҳон» намекард, аммо дар ҷумлаи дуюм ин ҳарфро рад мекунад, ки он холи сапед буд ва мардум онро аз «камдонӣ» пес гумориданд.

Саҳеҳтар мебуд, агар муаллиф мақсадашро ин тавр баён мекард: «…Зери манаҳ пушти нохун барин холи сапед дошт, ки риш пинҳон намекард ва мардум онро аз камдонӣ песа гумон мекарданд».

Дар ҳикояи **«Марди танҳо»** нависанда вожаи *ғиҷобаро* кор фармудааст: *«*Дар *ғиҷобаи ҷӯйча* дасту рӯяшро шуста, бо бари домони ҷома пок кард ва рост назди хару гов рафта ресмони онҳоро кушод…» [32, с.118].

Дар гӯишҳои мардумӣ *ғиҷ кардан* ҳаст, ки маънои ҷафидани либоси тарро дорад. Инчунин, *ғиҷобаи гулӯ* аст, ки маънии аз буғзи дарду алам, ранҷи ботинӣ фишурдани гулӯро, ки ба ашк мубаддал мегардад, медиҳад. Муаллифро зарур буд, ки маънии ибораи *ғиҷобаи ҷӯйчаро*, ки воқеан ҳам пазируфтанист, дар поварақ шарҳ медод.

Сорбон ҳанӯз аз давраи аввали эҷодиёт ба гӯйишҳои мардумӣ, истифодаи ибораҳои маҷозӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд. Масалан, дар повести **«Шинели падар»** дар бораи шарм кардани Абдул аз кирдорҳои пешинааш аз мардуми деҳ иброз кардааст: «Ӯ тобаи ҷудо гирифт. Шояд аз рӯ ба рӯ омадан бо даравгарон *рӯяш дуд мекард*» [32, с.45].

Миёни халқ ибораи мурғи дар об афтида, гурбаи дар об афтида маъмул аст. Аммо Сорбон дар повести **«Шинели падар»** шакли дигари он бузғолаи дар об афтидаро барои фаҳмонидани вазъи Аюб ёфтааст: «Баъди ин гап дар

таги пӯсташ заҳри каждум давидагӣ барин баданашро фарошо гирифт. Чун бузғолаи дар об афтида худро афшонд» [32, с.312].

Ҳар як нависандаи борикбин барои тозагӣ ва содабаёнии забони худ мекӯшад, зеро он яке аз комёбиҳои нависанда маҳсуб мебошад. Мунаққиди рус Головенченко дар китоби худ **«Муқаддимаи адабиётшиносӣ»** аз забони Л.Толстой овардааст: «Кайҳост, ки хондани зарбулмасалҳои ҷамъовардаи Снегирева барои ман на танҳо шуғли дӯстдошта шудааст, балки лаззате ҳам мебахшад». [194, с.298].

Истифодаи фаровони имкониятҳои бадеии наср, зарбулмасалу мақол ва ибораҳои халқӣ, гӯйишҳои мардумӣ, сужаҳои шиддатнок, устухонбандӣ, тасвири манзараҳои аксар маврид бо вазъи қаҳрамонҳо созгор, симоофаринии ҷолиб ва зоҳир намудани сабки вижаи баён тавассути ҷумлабандии дорои хусусиятҳои хосси сарфию наҳвӣ ғановати услубии ҳикояҳои Сорбонро таъмин намудаанд.

Дар ҳикояи **«Марди танҳо»** ин зарбулмасалро аз забони пиразани танҳои Ярмӣ, ки барои рафтан ба Бӯстон, ба Мастчоҳи нав розӣ нашуда, ҳамакнун дар деҳи матрук худаш танҳо зиндагӣ дорад, овардааст:

«*…Дили оча ба фарзанд, дили бачча ба фарсанг.* Баччаҳои инзамона ҳамин. Ягон мамлакати дигара ном гирӣ, хез мекунанд, манзили худата обод бикун, гӯйӣ, мотам мегиранд…» [32, с.130].

Дар ҳикояи **«Девона»** зарбулмасали «Офтобро бо доман пӯшида нашавад» ҳодисаи нангинеро, ки ба мисли ҳамли қаҳрамони марказӣ-Сайёра аз Девона ифода кардааст: «*Офтобро бо доман пӯшида нашавад.* Мардон Девонаро масхара карданд, ҳар чиз пурсиданд: «гурба мушро хӯрдаст, рост аст?» [40, с.363].

Дар ҳикояи «**Санги лағжон»** мақоли мардумӣ «*ҳар кас оршинро ба қади худаш чен мекунад»* аз забони қаҳрамон баён шуда, дарду алами бекасӣ ва азобу азияти аз дасти Ориф - фитна кашидаи ӯро дар замони ҷанг мефаҳмонад: «*Ҳар кас оршинро ба қади худ чен мекунад,* вале ҳеҷ кас луқмаро мувофиқи даҳонаш гирифтан намехоҳад: ҳар кас мехоҳад, ки луқма калонтар бошад…» [32, с.18].

Дар ҳикояи «**Амаки Сиёҳ**» нависанда аз забони қаҳрамон, ки мехоҳад, содалавҳона ба ивази гуппии андарунаш гурба мурда ва акнун «ҳаромшуда» тухми гурбаро аз деҳа нест кунад, овардааст: «Ба сари рӯз чодари сиёҳ афтид, гӯё дар атрофи Амаки Сиёҳ шабчароғ рӯйид; чашмони оташбори гурбаҳо гирди ӯ шадда шуда буданд: «Акнун мурдам, аз инҳо халосӣ нест, *чоҳкан-зери чоҳ... Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ...* Туро чӣ кор ба ин ҷонварҳо? Гуппиатро гӯр кардӣ, шуд-дия, ин кор чӣ лозим буд?..» [40, с.190].

Инчунин, дар баъзе маврид вобаста ба равиши сужа ва оҳангнокии забони қаҳрамонҳо ва нақли ровӣ ин мақолу таъбирҳои халқӣ бо андаке тағйирот омадаанд ва ё аз сухани қаҳрамонҳо оҳанги ин зарбулмасалу мақолҳо меояд.

Миёни мардум мақоле ҳаст, ки «сагро аҷал расад, дар меҳроби масҷид мемезад». Сорбон дар ҳикояи мазкур барои ифодаи вазъу ҳолати қаҳрамон-Амаки Сиёҳ ин мазмунро аз забони худи қаҳрамон бо тарзи дигар овардааст: *«*Гуппиатро гӯр кардӣ, шуд-дия, ин кор чӣ лозим буд? *Бузро аҷал расад, қӯши чӯпонро кобад.* Боз ҷониби гурбаҳо таҳдид овард, вале дошта натавонист» [40, с.191].

Дар ҳикояи «**Парӣ**» зарбулмасали «ба кӯрпа нигоҳ карда, пой дароз кун», дар монологи марди солманди ба бемории дил мубтало барои ифодаи тафовути синнусоли ӯ ва духтараки корманди шифохонаи «Дил»-Парӣ истифода шудааст: «Ҳоҷати сухани зиёд набуд. Бояд бигурезам ё пофишорӣ карда бифаҳмонам, ки…не, натавонам, ҳатто дар хаёл ҳам натавонам муддаоро ба ӯ фаҳмондан. Шояд дар дунё як духтари ботамизи дилбар бошад. Онро (духтарро-М.Ҳ.) бероҳа кардан чӣ зарурат дорад? *Ба кӯрпа нигоҳ карда, пой дароз бикун»* [40, с.442].

Вале дар ҷумлаи боло нависанда ба ҷойи ҷонишинҳои «ӯ, вай», ки ифодакунандаи шахсанд, вожаи «он»-ро истифода кардааст: «Шояд дар дунё як духтари ботамизи дилбар бошад. *Онро* (духтарро-М.Ҳ.) бероҳа кардан чӣ зарурат дорад?» [43, с.442].

Дар повести «**Чархи эҳтиётӣ**» низ айни ҳамин ҳол мушоҳида мешавад:

«Рафта *онро* биёрам, Истад?»

- Киро Калон?

Шакаршоро…» [35, с.111].

Муаллиф аз калимаву таъбироти халқӣ, мақолҳои мардумӣ, зарбулмасалҳоеро ба мисли «ба беша оташ афтад, хушку тар баробар сӯзад [41, с.164], ҳар кас барои мурдаи хеш гиряд [41, с.252], обмӯрӣ аз боғ фарохтар [41, с.393], то бад нагӯӣ, нек наояд [41, с.393], об баробар шуд ба лаби ҷӯй [42, с.382], чаро оқил кунад, коре, ки боз орад пушаймонӣ [41, с.337], ба умеди Худо нашаву буттаро маҳкам бидор [41, с.399], хас каму ҷаҳон пок [41, с.205], зӯри беҳуда миён шиканад [41, с.112], гушна ба шер занад [41, с.113], офтобро бо доман пӯшида намешавад [41, с.114], кирми дарахт аз худи дарахт [41, с.39], агар порӯро кобӣ, бӯяш бароянд [41, с.131], бузро ғами ҷону қассобро орзуи чарбу [41, с.153], аёнро чӣ ҳоҷати баён? [41, с.364], бо бадон-бад, бо некон накӯ [41, с.124], аз дӯсти нодон беҳ бувад душмани доно [41, с.161], хурӯс дар ҳама ҷо як хел фарёд мезанад [41, с.94], пушаймонӣ суде надорад [40, с.38], душманро бо шакар кушанд [40, с.59], дунё ба умед, шайтон ноумед [40, с.763], дил сӯзад, аз чашми кӯр об резад [40, с.238], дӯст занад табарвор, душман занад шакарвор [40, с.264], шуши нақд беҳ аз дунбаи нася [40, с.265], тушбераро хом нашумор [48, с.154], кабк аз даҳони худ тир хӯрад [48, с.158], Ин ҳам заду уш ҳам зад, пасмонда шабуш ҳам зад [44, с.203], усул дар дасти нағорачӣ [48, с.212], девор муш дорад, муш гӯш [48, с.158], ба оши тайёр-бакавул [48, с.209], арӯс чӣ буд, ки гумиҷа баровард [48, с.225], даҳони пӯшида-сад тилло [48, с.321], ҷав корӣ-ҷав даравӣ [48, с.253], лучӣ шинонад-гушнагӣ давонад [48, с.253], ба гӯши хар азон гуфтан [45, с.262], гушна ба шер задааст [48, с.275], одамӣ-шири хомхӯрда [48, с.275], думи шутур ба замин расад [48, с.280], гӯр сӯзаду дег ҷӯшад [48, с.153], даст шӯяд дастро [48, с.157], дард кам, дарди сар кам [48, с.172], болои ғарӣ-сарҳангӣ [48, с.192], болои сӯхта-намакоб [48, с.230], гӯштро аз нохун ҷудо карда нашавад [48, с.222], гӯсолаи рихин пода олонад [48, с.222], омад ба сарам аз он чӣ метарсидам [48, с.222], Мӯсо ҳам бо роҳи худ, Исо ҳам [48, с.254], бузак-бузак, намур, ки баҳор меояд [48, с.254], корд

болои равған [48, с.294], мусулмонӣ ба оҳистагӣ [48, с.296], болои мурдасад чӯб [43, с.277], мушро ҷонканиву гурбаро бозӣ [43, с.272], гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум [43, с.127], гадо-душмани гадо [43, с.32], аз барои як нахӯд-ҳавзи оба хӯрд [35, с.300], бача дар сафар-номаш Музаффар [41, с.93], дузд бошу баинсоф бош [43, с.77], мурдаро монда тутхӯрӣ [35, с.80], зарур бошад, раво бошад [43, с.312] андешаву афкори худи нависанда ва қаҳрамонҳоро ифода карда, симоҳои хубу зишти асарро мекушоянд, ба таври фаровон истифода бурдааст.

Сорбон мақоли халқии «ба гуфтаи мулло раву ба кардааш не»-ро дар ҳикояи **«Девонахона»,** ки дастури духтурони бемориҳои руҳиро барои аз гурезонидани каҳрамон-Ҳабиб аз хидмати аскарӣ нишон медиҳад, чунин истифода бурдааст: «Вай махсус мекунад, бекалла… ҳамин хел накунад, кор дуруст нашавад. Табиб чӣ гӯяд, бемор бояд иҷро кунад*…«Гуфтаи муллоро куну кардаашро накун!*» [43, с.314].

Дар ҳикояи **«Тахтадевор»** муаллиф аз забони падари қаҳрамон-падари Шариф, ки мехоҳад, писари шаҳришудаашро ба деҳа баргардонад, меорад:

«- Маро бересмон душох карда намон, чизу чораатро ғундор, меравем. Ман ҳам мувофиқи ҳолам дару девор дорам, хонаҳо андова накарда монд…

- Шиферпӯш карда медиҳам.

- *Бузак, намур, ки баҳор меояд…*» [43, с.127].

Ё ҷойи дигар аз забони ин қаҳрамон зарбулмасали зерин ба маънии норизоии падар аз фарзанди шаҳрнишини деҳгурез садо медиҳад:

«Лекин мегӯям, ки беҳуда овора нашав. *Гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум.* Ҳа, олим мешавӣ. Донӣ, олимӣ чӣ гуфтанӣ гап? *Асоро ба рӯшноӣ задан лозим…»* [43, с.127].

Нависанда бо овардани таъбири халқии *«Аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд»,* аз забони марди кӯчарӯб гуфтанист, ки ӯ аз ин гапу воқеае, ки аз ӯ пурсон шудаанд, фарсаххо дур аст: «-Бародар, дар ин гузар ягон ҷое ҳаст, ки мардум ҳар шаб базм кунанд, ё тӯе барпо шавад?

- *Аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд,*- сарашро боло ҳам накарда ҷавоб гуфт ӯ ва ҷорӯбкашиашро идома дод» [35, с.43].

Ҳадафи муаллиф аз таъбири «Девор бе сархор намешавад [43, с.109], ки аз забони Шариф-яке аз симоҳои ҳикояи **«Панҷ сол»** овардааст, идома додани коре ё амалест ва ин ҷо сурудхонии Ҳоҷӣ дар назар дошта шудааст.

Дар ҳикояи **«Гулбой»** адиб аз забони қаҳрамони марказӣ-Гулбой зарбулмасали «ба харе, ки бор надорӣ, иш магӯ»-ро [43, с.197] бо каме тағйирот ба маънои ба нодон сухан ҳайф аст, овардааст. Муродифи маъмули он «Ба харе, ки бор надорӣ-чӣ кор дорӣ», маънои ба коре ба ту дахл надорад, дахолат накунро дорад.

Муаллиф мақолу зарбулмасалҳоро аз забони қаҳрамонҳо вобаста бо оҳанги эҳсосоту ҳаяҷони онҳо тағйир дода овардааст. Масалан, дар ҳикояи «**Хонаи нав»** қаҳрамони марказӣ Ёрмуҳаммад аз беэҳтиромӣ ва хиёнати ҳамсараш Ҷавлон озурда ба дил мегӯяд: «Биринҷи замонаи наркуши модапарвар оббардор нест» [43, с.58].

Сорбон дар ҳикояи **«Марди танҳо»** мафҳуми «сангро санг шиканад»-ро ба маънии тарсро тарс мебурад, истифода бурдааст: «Вай (Қурбон-шарҳи М.Ҳ.) он шаб ҳама гуна дардро фаромӯш карда буд; гӯё дард аз тарси эшони палоракӣ дар танаш омада буд ва аз тарси имшаба баромад: «*сангро санг шиканад»* [35, с.126].

Бояд ёдовар шуд, ки Сорбон зарбулмасалҳоро ба се тарз истифода кардааст:

**1**.Зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтае, ки бе тағйир ва ё бо тағйири ҷузъӣ ба кор рафтаанд.

**2**.Зарбулмасалҳое, ки Сорбон баъзан дар ҷойҳои гуногун вариантҳои мухталифи онҳоро корбаст кардааст.

Масалан, гоҳе ки сарвари скифҳо Картасис сари Спитамонро ба Искандар ҳадя меорад, чеҳраи зишту баднамои сарвари қабила ғаши шоҳро оварад ҳам, ба дил «такка бошаду шир диҳад» [41, с.262] мегӯяд. Асли зарбулмасали зер «аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор» буда, нависанда дар мувофиқат бо вазъу ҳолати ҳодисаву воқеаҳои асар онро дар шакли дигар овардааст: «Аввал ғазаб кард Искандар ва чун биандешиду ҳол дид, пурсид:

- Аз баландии ҳамин теппа тарсидед? Аз гург тарсӣ, ба беша марав» [40, с.73].

Ҷанговари зархариди эллинӣ, ки дар лашкари Доро бар зидди Искандар меҷангиду захми сахт бардоштааст, аз табиб овардану доруву дармон фармудани шоҳи мақдунӣ дар ҳайрат аст, зеро донад, шоҳи ҷаҳонхоҳ ҳамватанашро, ки бар зидди ӯ ҷангидааст, набахшад. Ба дил гузаронад, ки «мор дар остин доштан чӣ суд орад?» [41, с.15].

Ба ҳамин маънӣ, Кратер ҳангоми ошкор шудани сӯиқасди сарсипоҳиён ва сарфавҷҳои аз ҷанги зиёд хаста, ки мехостанд, ҷангро хотима дода, ба ватан баргарданд, ишора ба ин сӯиқасдчиён аз шоҳ суол мекунад: «Магар мор дар остин парвардан камоли хирадмандист?» [41, с.162].

Ҷойи дигар Искандар гоҳи суҳбат бо дӯсташ-Биталомус шоҳзодаи Ҳахоманиширо дар назар дошта, мегӯяд: «Он гургзодаро бояд ба Мағриб фиристод. Он гургзода рӯзе гург шавад ва ба рамаи мо дарафтад» [41, с.27].

**3**.Дар мавриди сеюм як қисми асосӣ образнок ва ба матлаби муаллиф дар ҳамин контекст мувофиқи зарбулмасал оварда мешавад. Сарбози Искандар аз рафтори Шоҳи Тир-Азимулмулк дар ғазаб шуда, писхандомез меорад: «Кадом душман дӯст шуда ва шикамба гӯшт, ки ту маро «дӯст» хонӣ? [41, с.39]. Киноя задани сатрапи Бохтарӣ Бесус ба сӯйи ҳамватанон ва иттифоқчиёни ноиттифоқ, ки аҳду паймон карда буданд, ӯро ба ҷойи Дорои Кудумон сарвар хонда, бар зидди Искандар биҷанганд, ба маънии дигар шудани ҳарфу тағйир ёфтани вазъу амали ёрон аст: «Мо бо бӯи кабоб омадем, дидем, ки харро доғ мекунанд [41, с.40].

Нависанда бо корбурди ибораи «гурба ба офтоб намебарояд» аз забони Биталомус, ки худ низ замоне волаву шайдои гетери нозанин Тойис буд, беарзиш будани шахсияти гетерҳоро ифода кардааст.

Барзин аз Биталомус суол мекунад: «Шоҳ фиристода туро ё гетерҳо хоҳиш карданд?

- На. Ба хоҳиши гетерҳо гурба ба офтоб набарояд» [41, с.314].

